ISSN: 2959-6394 (Print)
ISSN: 2959-6408 (Online)

# ИЛМ ВА АМНИЯТ

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ МАКТАБИ ОЛИИ
КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# SCIENCE AND SECURITY

**THE SCIENTIFIC JOURNAL OF HIGH SCHOOL
SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**№ 4 (14), 2025**

**Душанбе – 2025**

*Маҷалла соли 2018 таъсис ёфтааст.*
*Шохис (индекс)-и обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» – 77798*

*Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Илм ва амният» соли 2018 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 433/МҶ-97 аз 07-уми августи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашриёҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, аз 2-юми июни соли 2023, бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №136/м ворид гардидааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосҳои илмии Россия» (РИНЦ) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи илмии электронӣ ҷойгир аст: http://elibrary.ru*

***Сурогаи редаксияи маҷалла:*** *734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
***Тел****: +(992 37) 233-55-19*
***E-mail****: maktabi_oli24@mail.ru*
***Сомонаи маҷалла****: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Муовини сармуҳаррир:** Абдуллоев А.А.
**Котиби масъул:** Қурбонов А.С.

**АЪЗОИ ШӮРОИ МУШОВАРА:**

Ятимов С.С., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Меликзода М.Э., Муҳаммад А.Н., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Музаффарӣ М., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадҷонова М.Т., доктори илмҳои фалсафа, профессор, Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

Сафарализода Х.Қ., доктори илмҳои сиёсӣ, Шарифзода И.З., Назаров У.Қ., номзади илмҳои таърих, Ғуломова Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Салимов Б.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Муҳаррирони матнҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ:**
Малтсева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Муҳаррири техникӣ: Раҳимов Ш.Х.**

**© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025**

** Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

*Журнал основан в 2018 году*
*Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» – 77798*

*Научно-теоретический журнал «Наука и безопасность» основан в 2018 году. Выпускается четыре номера в течение года на таджикском, русском и английском языках.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под номером 433/МЖ-97 от 07 августа 2025 года.*

*Издание включено в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых публикуются научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук, согласно приказу ВАК при Президенте Республики Таджикистан №136/м от 2 июня 2023 года.*

*Журнал включён в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ) на сайте электронной библиотеки: http://elibrary.ru*

***Юридический адрес редакции:** 734018, Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2, Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан.*
***Тел:** +(992 37) 233-55-19*
***E-mail:** maktabi_oli24@mail.ru*
***Сайт журнала**: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Заместитель главного редактора:** Абдуллоев А.А.
**Ответственный секретарь:** Курбонов А.С.

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

Ятимов С.С., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Меликзода М.Э., Мухаммад А.Н., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Музаффари М., член-корреспондент НАНТ, доктор философских наук, профессор, Махмаджонова М.Т., доктор философских наук, профессор, Кудратов Н.А., доктор юридических наук, профессор

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

Сафарализода Х.К., доктор политических наук, Шарифзода И.З., Назаров У.К., кандидат исторических наук, Гуломова Ф.А., кандидат политических наук, доцент, Салимов Б.А., кандидат юридических наук

**Редакторы текстов на русском и английском языках:**
Мальцева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Технический редактор: Рахимов Ш.Х.**

**© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2025**
** Взгляды редакционной коллегии могут не совпадать с мнением авторов, которые несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

***The journal was founded in 2018***
***Subscription index in the Postal Tajik catalog – 77798***

*The scientific and theoretical journal «Science and Security» was founded in 2018 and publishes four issues per year in Tajik, Russian, and English languages.*

*The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under number 433/МЖ-97 dated Augst 07, 2025.*

*The journal is included in the list of leading peer-reviewed scientific journals and publications in which the main scientific results of dissertations for the degrees of Doctor and Candidate of Sciences must be published, according to order HAC under the President of the Republic of Tajikistan No. 136/m dated June 2, 2023*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Legal address of the editorial office:****734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, N. Qaraboev street, 54/2 High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*
***Phone***: +(992 37) 233-55-19
**E-mail:** maktabi_oli24@mail.ru
**Journal website:** https://ilm-va-amniyat.tj

**Deputy Chief Editor:** Abdulloev A.A.
**Responsible secretary**: Qurbonov A.S.

**EDITORIAL COUNCIL:**

Yatimov S.S., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Melikzoda M.E., Muhammad A.N., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Muzaffari M., corresponding member of NAST, doctor of philosophy sciences, professor, Mahmadjonova M.T., doctor of philosophy sciences, professor, Qudratov N.A., doctor of legal sciences, professor

**EDITORIAL BOARD:**

Safaralizoda H.K., doctor of political sciences, Sharifzoda I.Z., Nazarov U.K., candidate of historical sciences, Gulomova F.A., candidate of political sciences, assistant professor, Salimov B.A., candidate of legal sciences

**Editors of texts in Russian and English:** Maltseva G.Yu., Khudoynazarova Z.Ch.
**Technical editor: Rahimov SH.H.**

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2025**

** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

# МУНДАРИҶА

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ

1. **ЯТИМОВ С.С.** ЭМПИРИЗМ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАҲҚИҚ............................8 – 15

2. **ЯТИМОВ С.С.** МАРДЕ ШОИСТА ВА ЗИЁИЕ ИСТИСНОӢ, Ё ДОСТОНИ ҒАМУ ШОДӢ........................................................................................................16 – 28

3. **НАЗРӢ АСАДЗОДА** ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЙЯТИ МИЛЛӢ ҲУВИЯТСОЗӢ..........................................................................................29 – 37

4. **КАРИМОВ П.Д.** ДАРКУ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДӢ, ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН, ШАҲРВАНД БАРОИ БУНЁДИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ.............38 – 45

5. **РАҲИМӢ Ф.Ҳ.** МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ........46 – 50

6. **БАРОТОВ С.М.** ШЕВАҲОИ АСОСНОКСОЗИИ ДИНИИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАВАССУТИ АБЗОРҲОИ ИТТИЛООТИЮ ШАБАКАВӢ ВА ВОСИТАҲОИ МУҚОВИМАТ БО ОНҲО..........................................................51 – 58

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ

7. **САИДУМАРОВ С.С., РАҶАБАЛИЗОДА Ф.Р.** ҲИФЗИ ФАРҲАНГИ МАЪНАВИИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ РУШДИ УНСУРҲОИ ПОСТМОДЕРНИЗМ............59 – 64

8. **РАҲИМОВ Р.М.** МАСЪАЛАИ ҶАНГ ВА СУЛҲ ДАР ТАЪЛИМОТИ ЗАРДУШТИЯ..........................................................................................65 – 73

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ

9. **САЛИМОВ Б.А.** ИЗҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ-РАҚАМӢ ДАР КРИМИНАЛИСТИКА: МОҲИЯТ, МАФҲУМ ВА ТАСНИФ..................................................................74 – 79

10. **ҚУДРАТОВ Н.А., АКИЛОВА М.М.** ТАҲДИД ВА ХАТАРҲОИ ҶИНОЯТҲОИ КИБЕРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР..........................................................80 – 90

11. **САФАРЗОДА Ҳ.С., БОБОЕВ А.Р.** АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БО ТАЪЛИМОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ДИНӢ ДАР ҶОМЕИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН..........................................................................................91 – 97

12. **ШОРАҶАБОВ А.А.** ФАЪОЛИЯТИ ТАХРИБИИ ГУРӮҲҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТГАРО ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БА ОН........................................................................................................98 – 103

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **ЯТИМОВ С.С.** ЭМПИРИЗМ И ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЕ ВОПРОСЫ.....8 – 15

2. **ЯТИМОВ С.С.** БЛАГОРОДНЫЙ ЧЕЛОВЕК И УНИКАЛЬНЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ ИЛИ ИСТОРИЯ РАДОСТИ И ПЕЧАЛИ……………………………………….......16 – 28

3. **НАЗРИ АСАДЗОДА** САМОСОЗНАНИЕ И НАЦИОНАЛЬНАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ. ФОРМИРОВАНИЕ ИДЕНТИЧНОСТИ..........................29 – 37

4. **КАРИМОВ П.Д.** ПОНЯТИЕ И СОБЛЮДЕНИЕ ПРАВ, СВОБОД, ОСНОВНЫХ ОБЯЗАННОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА ДЛЯ СОЗДАНИЯ СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА.......................................................................38 – 45

5. **РАХИМИ Ф.Х.** КОНЦЕПЦИЯ И СУТЬ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА………………………………………………………....46 – 50

6. **БАРОТОВ С.М.** СПОСОБЫ РЕЛИГИОЗНОГО ОБОСНОВАНИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННО-СЕТЕВОГО ОБЗОРА И СРЕДСТВА ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ИМ.........................................................................51 – 58

### ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

7. **САИДУМАРОВ С.С., РАДЖАБАЛИЗОДА Ф.Р.** ЗАЩИТА ДУХОВНОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ В ЭПОХУ РАЗВИТИЯ ЭЛЕМЕНТОВ ПОСТМОДЕРНИЗМА..........................................................................59 – 64

8. **РАХИМОВ Р.М.** ПРОБЛЕМА ВОЙНЫ И МИРА В УЧЕНИИ ЗОРОАСРТИЗМА...............................................................................65 – 73

### ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

9. **САЛИМОВ Б.А.** ЭЛЕКТРОННО-ЦИФРОВЫЕ СЛЕДЫ В КРИМИНАЛИСТИКЕ: СУЩНОСТЬ, ПОНЯТИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ...........................................74 – 79

10. **КУДРАТОВ Н.А., АКИЛОВА М.М** ВЫЗОВЫ И УГРОЗЫ КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЙ В СОВРЕМЕННОЙ ЭПОХЕ..................................80 – 90

11. **САФАРЗОДА Х.С., БОБОЕВ А.Р.** ПРВОВЫЕ ОСНОВЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ НЕЗАКОННОМУ РЕЛИГИОЗНОМУ ОБУЧЕНИЮ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА……………………………………….......91 – 97

12. **ШОРАДЖАБОВ А.А.** ПОДРЫВНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ЭКСТРЕМИСТСКИХ И ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ГРУПП В ВИРТУАЛЬНОМ ПРОСТРАНСТВЕ И ПУТИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ИМ.......................................................................98 – 103

## CONTENT

### POLITICAL SCIENCES


1. **YATIMOV S.S**. EMPIRISM AND RESEARCH ISSUES………….................8 – 15
2. **YATIMOV S.S**. PROPER MAN AND EXCLUSIVE INTELLECTUAL, OR SORROW AND GLADNEESS STORY...............................................................16 – 28
3. **NAZRI ASADZODA** SELF-KNOWLEDGE AND NATIONAL IDENTIFICATION. IDENTITY DEVELOPMENT..........................................................................29 – 37
4. **KARIMOV P.D.** COGNITION AND REGARDING RIGHTS OF FREEDOM AND THE MAIN TASKS OF HUMAN, CITIZEN FOR FOUNDING SECULAR STATE.....................................................................................................38 – 45
5. **RAHIMI F.H.** CONCEPT AND ESSENCE OF ELECTRONIC GOVERNMENT.....................................................................................46 – 50
6. **BAROTOV S.M.** METHODS OF RELIGIOUS JUSTIFICATION OF INTERNATIONAL TERRORISM USING INFORMATION AND NETWORK REVIEW AND MEANS OF COUNTERING THEM..........................................51 – 58


### PHILOSOPHY SCIENCES


7. **SAIDUMAROV S.S., RAJABALIZODA F.R**. PROTECTION OF SPIRITUAL NATIONAL CULTURE IN THE ERA OF DEVELOPMENT OF ELEMENTS OF POSTMODERNISM.........................................................................................59 – 64
8. **RAHIMOV R.M.** THE PROBLEM OF WAR AND PEACE IN ZOROASTRIAN TEACHINGS..........................................................................................65 – 73


### LEGAL SCIENCES


9. **SALIMOV B.A.** ELECTRONIC FOOTPRINT-DIGITAL IN CRIMINALISTICS: ESSENCE, MEANING AND CLASSIFICATION................................................74 – 79
10. **KUDRATOV N.A., AKILOVA M.M.** THE THREATS AND CHALLENGES OF CYBERCRIMES IN THE MODERN ERA.........................................................80 – 90
11. **SAFARZODA H.S., BOBOEV A.R.** THE LEGAL BASE OF COMBOT WHITH ILEGAL RELIGIOS TEACHING IN MODERN SOCIETY OF TAJIKISTAN.........................................................................................91 – 97
12. **SHORAJABOV A.A.** UNDERMINING ACTIVITIES OF EXTREMIST AND TERRORIST GROUPS IN VIRTUAL SPACE AND THE WAY OF COUNTERING IT……………………………..………………………........................……98 – 103

ИЛМҲОИ СИЁСӢ – ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ – POLITICAL SCIENCES

ТДУ001: [1+343+32.001] (575.3)

# ЭМПИРИЗМ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАҲҚИҚ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, муаллиф аз натиҷаи фаъолияти илмии донишманди соҳаи ҳуқуқ ва муҳаққиқи илми криминалистика Раҳимзода Рамазон Ҳамро таҳқиқи методологӣ бурдааст. Бо истифода аз далелҳои амалии таърихи начандон дури кишвар ва дастовардҳои соҳаи оперативӣ – ҷустуҷӯӣ, таҳкими донишҳои бунёдиро заминаи асосӣ дониста, онро ба сифати сарчашмаи ягонаи бақои давлату миллат ифода менамояд. Маҳз, донишу заковат, таҷрибаю пуркории Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муаллифро водор намудааст, ки осори соҳавии номбурдаро аз нуқтаи назари илмӣ ва асосҳои сохторӣ, таҳқиқу таълиф намояд. Дониш, таҷриба, малакаи баланди касбӣ, садоқат ба Ватан ва ҳифзи арзишҳои миллӣ рисолати бунёдии ҳар як зиёии кишвар ва фарди соҳибватан шинохта шуда, амали софдилона ва содиқонаро дар худ тақозо месозад.*

*Осори донишмандони соҳаи марбута, вобаста ба самти мушаххас, роҳнамои фаъолияти амалӣ ба ҳисоб рафта, хосияти объективӣ доштани чунин асарҳо, суботи сиёсӣ ва муттаҳидии халқу миллатҳоро самар мебахшад.*

**Калидвожаҳо:** *дониш, зиёӣ, эмпиризм, таҳқиқот, хулосабарорӣ, сиёсат, арзишҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ,*

# ЭМПИРИЗМ И ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЕ ВОПРОСЫ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор провел методологическое исследование результатов научной деятельности учёного в области права и исследователя в направлении криминалистики Рахимзоды Рамазон Хамро. Используя практические факты из недавней истории страны и достижения в области оперативно-розыскной деятельности, автор считает укрепление фундаментальных знаний основной базой, выражая это как единственный источник сохранения государства и нации. Именно знания, опыт и эффективность работы Рахимзоды Рамазон Хамро в направлении защиты национальных интересов побудили автора исследовать и изложить отраслевые труды упомянутого с научной точки зрения и с учетом структурных основ. Знания, опыт, высокий профессионализм, преданность Родине и защита национальных ценностей признаны фундаментальной миссией каждого интеллигента страны и патриотически настроенного гражданина, требующей честных и преданных действий.*

*Труды ученых в соответствующей области, в конкретном направлении, считаются руководством для практической деятельности, а объективность таких работ способствует политической сплоченности народа и наций.*

**Ключевые слова:** *знание, интеллигентность, эмпиризм, исследование, умозаключение (выводы), политика, национальные ценности, национальные интересы, национальная безопасность, оперативно-розыскная деятельность.*

# EMPIRISM AND INVESTIGATION PROBLEMS

**YATIMOV S.S.**
*Doctor of political science, corresponding member of National Academy of science of Tajikistan*

*In the article the author made methodological research from the result of scientific activity of the erudite of right sphere and investigator of criminalistics sciences Rahimzoda Ramazon Hamro. Using the practical facts of not far off the history of the country and the achievements of operative - search field, consider strengthening solid knowledge's the main bases, expresses it as the strong united source of state and nation. Just, knowledge and talent, experience and hard work of Rahimzoda Ramazon Hamro in the field of protection of national interests, made the author to research and compose from the scientific and structural basis of point of view of the mentioned legacy field. Knowledge, experience, high professional skills, faithfulness to Motherland and protection of national values are recognizing the fundamental prophesy of every intellectual of the country and the owner of the Motherland individuals, demands honesty and faithful action.*

*The legacy of relating field, concerning this concrete field, consider as the guide of practical activity, having the objective property of such works, political insistence and the unity of people and nation.*

**Key words:** *knowledge, intellectual, empiricism, research, summarizing, policy, national values, national interests, national security, operative-search activity.*

## Муқаддима

***Муҳимтарин ҷанбаи фаъолияти инсонӣ илм аст.***

Мақсад аз он омӯхтани равандҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур – хосият, алоқамандӣ, муносибатҳо ва қонунмандиҳои се қисмати муҳимтарини ҳастии ҷамъиятӣ мебошад.

Тавре борҳо таъкид гардид, ҳангоми омӯзиш ва тафсир мебояд байни ***илм ва дониш*** фарқ гузошт.

Тасаввурот дар бораи шакли зоҳирии ашё, шуниданҳо ва диданҳо масдари **«донистан»**-ро ифода мекунад, ки аз лиҳози грамматикӣ, ***мантиқан***, якҷояшавии исм ва феъли ёридиҳанда мебошад.

Ин гуна донишҳо метавонанд **омӣ, оддӣ, умумӣ, ҳамагонӣ, динӣ, мазҳабӣ, адабӣ, бадей, ҳикоявӣ, тафсирӣ, тасвирӣ, хаёлӣ, эҳсосотӣ ва монанди инҳо** бошанд.

Ба мисли **овоза, қисса, афсона, бофта, шубҳа, хабарҳои гуногун, аз ҷумла иғвоангез ки ба якдигар ба тарзи горизонталӣ ва вертикалӣ мақсаднок, ё бидуни он, ғаразнок ва ё баракс аз нуқтае ба нуқтае мерасанд, албатта ба манзалати "донистанҳо" даъво ва ҳатто истодагарӣ мекунанд**.

Г.В.Ф. Гегел дар асари бунёдиаш ***«Фалсафаи руҳ»*** [2] чунин рӯйдодро **иллюзия** *(аз калимаи лотинии* ***Illusio*** *гирифта маънояш бозӣ, масхара, фиреб, таассуроти сохта, водор кардан ба иштибоҳ, аҷлдуздӣ*) номниҳод кардааст

Ин шакли "дониш"-ҳо роҳи осони дарк ва бамақсадрасии субъекти он - барандаи овозаву хабару қиссаро доранд. Ҳисоб сари он аст: ***«то сухани ҳақ аз ҷо бархезад, дуруғ се маротиб гирди Замин давр занад»***. Ба шарте ки ҳадаф – ***соҳиби гӯши шунаворо*** содда, омӣ, зудбовар, ва ***«мувофиқ ба зери дандон»*** дарёбад

Аксиомаи масъала - ин гуна «дониш»-ҳо ва «донистан»-ҳо, агар мақсаднок паҳн карда шаванд, ба савод, масъулият ва маърифат ниёз надоранд.

Аммо ба фоҷиаҳои бузург оварда мерасонанд. Ба шарте аз ҷониби мухотаб "тоза" қабул карда шаванд.

Дар дараҷаи сиёсӣ, воқеаҳои февралии соли 1990 намунаи олии паҳн кардани чунин "дониш" ва «донистан»-ҳо аст.

**То ҳол пайдо мешаванд касоне, расонаҳои хабарие, ки ҳодисаҳои февралиро номи бадеии "баҳманмоҳ" гузошта сол ба сол фитнапароканӣ мекунанд.**

**Дарвоқеъ як руҳонии маккори таҳсилдида мувофиқ ба замону макон, дуруғи мақсадноке паҳн кард. Гуруҳи иғвогареро ба шӯр овард. Бузургтарин фитна барангехт.**

***Воқеаҳои февралӣ, амалан, тамрини бузург, ҳадафмандона ва таҳкурсии ҷанги шаҳрвандӣ буд***

Дар натиҷаи он даҳҳо кас ба ҳалокат расид. Ҳазорҳои дигар зарари ҷисмонӣ ва моливу ҷонӣ дид. Мамлакат ғарқа дар бадномӣ гашт.

***Ташаббускори ин балво то ҳоло беҷазо мондааст. Бо ин ҷиноят авф нашудааст***. Ҳамчун ***дузди дастгирнашуда ғурури хаёлӣ дар сар ба сар мебарад***.

Аммо ба ***журналистони дастнигари бемасъулияти "гап"ков*** гуфтанием:

> ***Чу гӯӣ, ҳамон гӯй, ки омӯхтӣ,***
> ***Ба омӯхтан дар ҷигар сӯхтӣ.*****[5, 33]** ***(Фирдавсӣ).***

Набояд гузаштан ба ҳар лафзе чу хома, балки ба ҳар ҳарфе чу сиёҳӣ фурӯ рафтан (*Камоли Хуҷандӣ*), **яъне расидан аз** ***зуҳурот*** **ба** ***моҳияти*** **масъала** вазифаи нигаҳдории ***сутуни инсофи журналистӣ*** дар муқобили ***сели маъмулии ҳаррӯзаи*** овозаҳост .

*Забони тоҷикӣ, албатта, ба гуруҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад.*

*Калимаи «гап» гоҳо ба «истилоҳ» кӯшиши сарбасаршавӣ дорад. Дар забони тоҷикӣ тафсири онро «сухан, ҳарф, калима, калом, муколама, хабар» барин муродифҳо ифода мекунанд. Дар забони англисӣ ин калима айнан дар шакли «gap» (транскрипсияаш – gaep"=гап) омадааст. Маънояш "сухани холӣ, ҷои холӣ, овоза, ҳарфи носанҷида, бепоя" мебошад* [4, 312].

*Журналистон ва хабарчиҳои соҳибтаҷрибае ҳастанд (на танҳо блогерҳои дайду), ки дар навиштаҳои худ "гап"-ро аз «маълумот" фарқ карда наметавонанд. Аниқтараш намехоҳанд. Чунки донистани ҳақиқат заҳматталаб аст.*

*Аз лиҳози дигар, рӯзнома ё ҳафтаномаҳои беэътибор ба ҳақиқат ниёз надоранд. Худи дурӯғ хушхарид аст.* ***Аммо далелҳои истифодаи чунин дурӯғро барои ба ҷавобагарӣ кашидани шахси воқеӣ ё ҳуқуқии масъул ҳамчун далел нигоҳ бояд дошт.***

Ба мавзуъ баргашта таъкид карданием, ки таҷрибаи инсонӣ тасдиқ кардааст: давои ҳама гуна дардҳо аз донистанҳое бармеояд, ки ***бунёди илмӣ*** доранд.

**Аммо илм он вақт оғоз мегардад, ки дар маҷмуи рӯйдодҳо, ҷараёнҳо,** ***сифатҳо, аломатҳо ва хосиятҳо қонунмандиҳо ошкор*** **шаванд.** ***Алоқаҳо, муносибатҳо, миёнҷигариҳо, сабаб, ангеза ва далелҳо*** **муайян ва мавриди омӯзиш қарор гиранд.** ***Далел*** **бошад зуҳуроти воқеии моддӣ ва маънавиест, ки тавассути панҷ органи ҳис ва бо гузаронидани маҷмуи чорабиниҳои** ***тадқиқотӣ, ташхисӣ*** **ва** ***протсессуалӣ тасдиқ мегарданд.***

Барои ***хулосаи илмӣ*** баровардан зарур аст, ***вобастагии далелҳо, мантиқӣ будани рӯйдод, омил, сабабҳои пайдоиш ва имкони инкишофи онҳо собит гарданд.*** Дар ин асос пешгӯиҳои асоснок ва ***таклифҳои аз лиҳози иҷтимоӣ судманд*** пешкаш карда шаванд.

Илм дар кулли самтҳо ба ***истеҳсоли донишҳои назариявӣ, гипотезаҳо ва натиҷаҳои амалӣ*** нигаронида шудааст.

**Мақсад аз таълифи китоби доктори илмҳои ҳуқуқ Раҳимзода Рамазон Ҳамро ("Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", -Душанбе: «Эр-Граф», 2025 – 385 с) тафсири илмии муҳимтарин самти таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.**

**Таъйиноти онро номи рисола ифода кардааст:** ***гирифтан, бозсанҷӣ ва амалӣ намудани «хабар», агар асоснок бошад, то ба дараҷаи «маълумот» ва тасмимгирӣ расонидани он аст*** **[3].**

**Мавзӯи баҳси мақола кӯшиши** ***тафсири масъала аз лиҳози методологӣ, ба тарзи дигар, роҳу воситаи ба даст овардани маълумот*** **ва** ***муайян кардани он тавасути таҷрибаи тасдиқгардида мебошад.***

**Зарурати иҷтимоии таълифи асар**

Арасту мефармояд, ***ниёз барои ташкили давлат ҳамон вақт ва ба ҳамон сабабе пайдо шудааст, ки ҷомеа дар ботлоқи бетартибиву бенизомӣ фурӯ рафтааст*** **[1]**.

Яке аз муҳимтарин шарти давлатдории муваффақ ва таъмини тартибу низом сари вақт гирифтани ***маълумот*** (*на гап, хабар, овоза, тахминҳо, бофтаҳо) (1),* тахассусмандона бозсанҷӣ кардан (2), бо далелҳо тасдиқ намудан (3), бо талаботи Қонун

дар муқоиса гузоштан (4), дарёфти сифатӣ, миқдорӣ ва *тазодҳо (5),* дар ин асос, тасниф (6) ва қабули қарори адолатхоҳонаи рӯзмарра (7) мебошад.

***Предмети*** аз системаи ***объекти*** тадқиқи раванди таъмини амнияти давлатӣ ҷудокарда дар асари Р. Ҳ. Раҳимзода ҳамин аст.

Мавзуи таҳқиқро, муаллиф дар доираи муносиботи се ҷузъи аслӣ ҳаллу фасл кардааст: ***субъект (1), объект*** *(2)* бо истифода аз ***метод (3)-*** роҳ ва усулҳое, ки муносиботи натиҷамандии мақсадноки ҳарду ҷузъи фаъолиятро таъмин месозад.

Ангезаи мазкур аз талаботи рӯзмарраи кормандони сохторҳои таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ сарчашма мегиранд.

**Тавре хотирнишон гардид, мухотаби марказии муҳаққиқ субъектҳои муайянкардаи қонунгузор дар соҳаи фаъолияти зикргардида аст**. Муаллиф мақсад гузоштааст, маҳз онҳоро бо донишҳои дар амалия санҷидашуда муҷаҳҳаз гардонад.

Раҳимзода Р.Ҳ. муътақид аст, калимаву ибораҳои оддӣ қудрати ифодаи мантиқи фаъолияти мураккаби тадқиқотиро надоранд, ба категория ва дефинитсияҳои илмӣ муроҷиат мекунад.

Аз истилоҳоти ***«мафҳум», «моҳият», «фаъолият»,*** **ва «*принсип*»** истифода мебарад [3, 14 – 30].

Маҳз тавассути формулаҳои мантиқӣ мекӯшад, тафсири масъалаҳои мавриди назар ба дарк, муҳокимаронӣ ва хулосабарориҳо шароит муҳайё созад. Тавассути ***абстраксия аз зоҳир*** ба ***дохили*** масъала, ба тарзи дигар аз ***зуҳурот*** **ба *моҳият*** ворид гардад. Ба ин восита субъектро ба ҳалли муҳимтарин ***масъалаҳои таҳқиқ ва бозсанҷии маълумот*** масъул мегардонад. Муътақид месозад: **«ин фаъолият ба мақсади ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият ва таъмини амнияти ҷамъият ва давлат...амалӣ гардонида мешаванд» [3, 15].**

Вобаста ба таҳаввулоти иҷтимоӣ, таъсири мухтаво ва раванди кӯшишҳои геополитикӣ муаллифи асар рӯз ба рӯз мураккаб гаштани вазъи сиёсиро дар минтақа ва олам ва ҳамчун инъикоси он дар дохили кишвар, вобаста ба масъулияти таъмини амнияти ҷомеа ва давлат ба инобат гирифта, мукаммал гардонидани дониш ва малакаҳои мутахассисони соҳаро таъкид менамояд [3, 19].

**Дар рисола зарурати пешгӯӣ ва пешгирии амалҳое, ки ба муқобили суботи ҷамъиятӣ равона карда шудаанд, махсус таъкид карда мешаванд** [3, 21].

Мантиқи назариявии Р.Ҳ. Раҳимзода иборат аз он аст, ба хотири он ки раванди ҷараёнҳои объективии ҷомеа дар шакли таъмини амнияти давлат роҳандозӣ гарданд, субъектҳои масъули соҳа мебоянд ***назарияи алоқамандии сабаб ва оқибати руйдодҳои моҳияти иҷтимоидоштаро ба назар бигиранд. Омӯзанд. Пешгӯӣ карда тавонанд.*** Имконоти таъсиррасонии худи ҷомеаро барои бартараф кардани равандҳое, ки барои таъмини амнияти давлатдорӣ мушкил эҷод мекунанд, пурзӯр намоянд.

Боиси таассуф аст, ки солҳои охир истифодаи потенсиали бузурги муассисаҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, дар вобастагӣ ба ниёзҳои рӯзмарраи маънавӣ-идеологии мамлакат дар самтҳои осебпазир, ба талабот ҷавобгӯ нест. Фаъолияти ин муассисаҳо бештар характери мавсимӣ, расмиятчигӣ ва намоишкорӣ доранд.

Сохторҳои марбутро зарур аст, тавозуни ҷаҳонбиниҳоро дар оилаҳо, маҳал, деҳа, ноҳия, вилоят ба тарзи умум дар кишвар омӯзанд. Ба ҳисоб бигиранд, ки *фарҳанги сиёсӣ ва маънавӣ* муҳимтарин *воситаи таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ* мебошад.

Яке аз классикҳои фалсафаи воқеънигорӣ, барҳақ таъкид месозад: ***«фарҳанг, агар он дар шакли бенизомӣ истифода шавад, бошуурона роҳнамоӣ нагардад, аз худ харобазор боқӣ мегузорад».***

Дар ин мавриди мухтаво, сифат ва самараи бахрабардорӣ аз кулли муассисаҳое, ки имконоти ба ҷаҳонбиниҳо таъсиррасонӣ доранд, дар назар дошта мешавад.

Муаллифи рисола дар масъалаи муносибати шахс ва ҷомеа муҳокимарониҳои олимона дорад.

Воқеан, шахс ***ҷузъи доира ва гурӯҳҳои иҷтимоии муайян*** мебошад. Барандаи он ахлоқу маънавиёт ва қисман уҳдадориҳост. Ҳамзамон, ӯ узви ҷомеаи Тоҷикистон ва чун шаҳрванд ***дорои ҳуқуқ ва вазифаҳои умумист***.

Омӯхтани ҳаматарафаи масъала ва гармонизатсияи ҷузъияти номутобиқатӣ ***ба фоидаи сохти сиёсӣ***, ки акнун ***байни давлат ва чунин гурӯҳҳо пайдо*** мешавад, аз муҳимтарин вазифаҳои тамоми сохторҳои давлатӣ бо ба инобат гирифтани хосияти индивидуалии ҳар кадом ба шумор меравад.

***Чунин муносибат аз ҷониби муҳаққиқи соҳибназар эътиқодмандона садо медиҳад ва боиси дастгирист.***

**Таснифи масъалаҳои амниятӣ**

Яке аз хосиятҳои бунёдии асари Р.Ҳ. Раҳимзода гурӯҳбандии илмӣ ва тахассусмандонаи масъалаҳои амнияти миллӣ мебошад.

Муаллифи китоб онҳоро асосан ба ***амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ*** ҷудо карда зергурӯҳҳои онҳоро номбар мекунад. Моҳияти ҳар кадомро бо меъёрҳое, ки қонунгузор таъин намудааст, шарҳ медиҳад [3, 25 – 26].

Тавре тафсир гардид, рисола, асосан, барои омӯзиши субъектҳои амалкунандаи соҳа таъйин гардидааст.

Вобаста ба он муаллиф кӯшидааст, то ҳадди имкон, маҷмуи мафҳум ва истилоҳотеро мавриди истифода қарор диҳад, ки муҳтавои масъала барои хонанда дастрас ва фаҳмо бошад. Дар ин асос муҳиммият ва қонунмандиҳои хоси самти фаъолият мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аломатҳои сифатии ҳар кадом, ҷиҳатҳои фарқкунанда ва афзалиятноки онон ба тарзи принсипалӣ нишон дода шудаанд.

Муаллиф барҳақ таъкид кардааст: **«Амнияти миллӣ ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ».** мебошад [3, 25].

«***Таҳдидҳои имконотӣ***» барои амнияти давлатӣ аз гуруҳи хатарҳое мебошанд, ки онҳо ҳам дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ ва ҳам идеологӣ хосияти рузмарра доранд.

***Ба ақидаи Гегел, ҷараёни воқеӣ дар зуҳуроте, ки ҳанӯз вуҷуд надорад, аллакай дар арафаи эҷодшавист. Он чизе, ки дар ҳар навъ арзи ҳастӣ кардааст, кӯшиш ва хосияти устувори рушд кардан дорад.***

Равандҳои ифротгароӣ, тамоюли наврасон ва ҷавонон ба ҳаракатҳои экстремистӣ, ҷараёнҳои бесобиқаи ба хурофот рӯ овардани аҳолӣ, ки ҳамакнун зуҳуроти воқеӣ мебошанд, ба суботи ҷомеа ва сохти конститутсионӣ хатари ҷиддӣ эҷод кардаанд.

Ҳаминро бояд донист, ки байни ***имконот ва воқеият муносиботи қонунмандӣ*** вуҷуд дорад. Яъне хатарҳое, ки дар доираи фаҳмиши ***категорияи диалектикии имконот*** арзи ҳастӣ мекунанд, метавонанд ба ***воқеият*** мубаддал гарданд. Бидуни баҳс, худи воқеият ***тавлидкунандаи имконият*** аст ва баръакс. ***Агар мо маълумоти дақиқ дошта бошем, ки ҷавонони имрӯза дар асоси кадом мафҳумҳо андеша меронанд, побанди кадом ақида ва ҷаҳонбиниҳо ҳастанд, бидуни шак пешбинӣ кардан мушкил нест, киояндаи ҷомеаро чӣ интизор аст***.

Дар ин мавридҳаргиз сухан дар бораи ононе намеравад, ки иштирокдорони чорабиниҳои ниҳоят муҳим ва саривақтии “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст”, мебошанд.

Категорияҳои «***аксарият***» ва «***ақаллият***» муҳимтарин омил ва нишондиҳандаи «***воқеият***» ***ва*** «***имконот***» дар раванди ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва пешгӯии ***тақдири таърихии ҷамъият ва давлат*** ҳастанд.

Ин мавзуест, ки ҳамарӯза ниёз ба омӯзиш, тадқиқ ва ***таҳлили академӣ ва стратегӣ*** дорад.

Натиҷаи чунин таҳлилҳо ба сифати мавзуи ***тасмимгириҳои сиёсӣ*** хизмат мекунанд. Албатта, бояд дар назар дошт, ки вазъи фаврӣ ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи вазъи сиёсӣ аст. «***Имконот***» ва **«воқеият»** бошад, ҷараёни абадии табдил, дигаргунӣ, пешравӣ ва ё баръакс мебошад.

Он зуҳурот ва таҳаввулоте, ки ба амнияти миллӣ дахл дорад, наметавонад натиҷаи амали қувваҳои фавқуттабиӣ, тахминҳо, хаёлот ва ё эҳтимолияти пешгуинашаванда бошад.

Не.

***Чунин воқеият, дар дохили ҷомеа, ҳамчун неруи материалӣ вуҷуд дорад.***

Дар ин маврид муҳтаво, мундариҷа, вазъи руҳӣ, равонӣ, ҷаҳонбинӣ, дарки воқеияти ҳастӣ ва хулосабарории “аксарият” ба шаш принсипи конститутсионӣ зарур аст, дар таносуби баробарвазн арзи ҳастӣ намояд.

**Ҷомеаро мебояд садсолаҳо фоҷеаи солҳои навадуми асри гузашта фаромӯш набошад. Онро мавзуи дарси ҳамарӯзаи наслҳо қарор бидиҳад.**

Таҷрибаи таърихӣ иҷозат намедиҳад, он ҳақиқатеро аз хотирҳо дур кард: идеяҳо, назарияҳо, ҷаҳонбиниҳо, «***вақте фарогири омма мешаванд, ки ба қувваи материалӣ мубаддал гарданд***». Донистан ва ба инобат гирифтани ин масъулият аз ***бузургтарин вазифаҳои ҳарлаҳзаинаи сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ҳар нафаре, ки худро ватандор*** мешуморад, иборат аст.

Дар бораи масъулияти таъмини амнияти ҷамъиятӣ, чун муҳимтарин ҷузъи амнияти миллӣ, истифодаи мафҳумҳои ***“эҳтимолият”*** ва ***“эҳтимолияти максималӣ”*** ҷоиз дониста мешавад. Дар ин маврид мадди назар гирифтани дараҷаи сифатии эҳтимолият, ба воқеият мубаддал гаштани он аз талаботи рӯзмарраи сохторҳои марбут маҳсуб мегардад.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ҳодисаҳое, ки дар табиат рух медиҳанд, хосияти объективӣ доранд. Қисмати зиёди онҳо, то он дараҷае, ки тавони илм аст, пешгӯишаванда мебошанд.

«***Эҳтимолияти максималӣ***»-и онон тавассути дастгоҳҳои электронӣ, озмоишҳо, гирифтан ва таҳлил кардани қабатҳои атмосфера, намунаҳои материалии муҳити атроф, аксаран, дақиқ муайян карда мешаванд.

**Аммо дар ҷомеа тағйирот ва таҳаввулот на танҳо аз омилҳои объективӣ, балки субъективӣ вобастагӣ доранд.**

**Дараҷаи маърифатнокӣ, тавони дарки олами ҳастӣ, масъулиятшиносӣ дар назди ҷомеа ва наслҳо, сифати шахсият, самтгирии ҷаҳонбинии сиёсӣ, муташаккилӣ, иродатмандӣ аз хосиятҳое мебошанд, ки тағйири раванди воқеаҳои ҷамъиятӣ бо онҳо дар *муносибати системавӣ*** *(алоқаҳои байниҳамдигарӣ, аз ҳам вобастагӣ, муносиботи сабабии пайдоиш ва инкишоф, ҳамбастагӣ, аломатҳои мухторияти нисбӣ)* **арзи ҳастӣ мекунад.**

Бояд эътироф кард ва таърихи инсоният нишонгари он аст, нисбат ба ҳодисаҳои табиӣ, ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, хосияти устувор ва замонати ояндабинии дақиқ надоранд.

***Ба тарзи дигар, пешгӯӣ бояд кард: раванди воқеаҳое, ки аз субъект – Homo Sapience (инсон) вобастагӣ доранд, пешгӯинашавандаанд.***

Ҳамин тариқ, таъмини амнияти миллӣ ***ҷараёни абадии доимоамалкунанда ва беохир*** мебошад, ки омӯзиши баробарвазн ба ҳолат ва раванди воқеияти ҷамъиятиро талаб мекунад. Дараҷаи суботи мамлакатро ***дар вазъияти кунунӣ, наздикмуддат, миёнамуҳлат ва дур ба тарзи доимӣ муайян менамояд.*** Дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои тибқи Қонун муайянкардаи системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, чораҳои саривақтӣ меандешад. Онро амалӣ месозад.

Дар қисмати субъекти фаъолият Рамазон Ҳамро Раҳимзода асосҳои қонунӣ, функсия, вазифа ва классификатсияи шахсҳои воқеӣ ва ҳуқуқиро мавриди таҳлил қарор медиҳад [3, 56 – 69]. Онҳоро ба гуруҳҳо ҷудо менамояд. Муҳиммияти ҳар кадомро тахассусмандона муайян ва таъкид месозад.

Мо ҷонибдори фикри муаллиф ҳастем, ки ҳангоми зарурати таъмини ҳаматарафаи фаъолияти таъйинотӣ доираи истифодаи мутахассисони соҳавӣ маҳдудият надорад.

**Чунин хулосаи муҳаққиқ барои субъектҳои таҳлили стратегии органҳои таъмини амнияти давлатӣ аҳаммияти махсус дорад.**

Дар шароити ниҳоят мураккаби геополитикӣ, амалан «манфиатҳо», ки ба хотири легитиматсияи ҳама гуна ҳаракатҳо дар доираи салоҳияти ҳуқуқҳои байналмилал ва ё берун аз он сифати "миллӣ" ба онҳо ҳамроҳ карда мешавад, ҷалби мутахассисони *ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи давлатӣ*, барои асоснок кардани раванд ва натиҷаҳои фаъолият муҳим ба назар мерасад. Ҳамчунон, ҳамкории муфид бо созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои дӯст, ҳамраъйҳои муассири геополитикӣ дар мавриди ҳифзи манфиатҳое, ки Қонуни асосӣ онҳоро тасдиқу таъйид кардааст, муфид мебошад.

***«Сиёсат ҳамчун санъати имконот»*** ягон воситае, ки аз ҷониби қонунгузори миллӣ ва байналмилал манъ нашудааст, ҷалби кулли имконотро ба хотири таъмини адолат, сулҳу субот, амният ва манзалати кишвар салоҳ медонад.

Дар ин мавриди дар рисолаи Рамазон Раҳимзода ишораҳои мушаххас бо овардани мисолҳо хотирнишон гардидаанд.

Дар доираи тафсири илмии предмети тадқиқ муаллиф ба он ҳақиқате такя мекунад, ки субъект моҳияти донистан, аз худ кардан, ҳаллу фасл намудан, рӯи кор овардани воқеияти объективиро бо истифода аз метод ва роҳу усуле, ки бо такя бо назарияи дар таҷриба санҷидашуда тавъам омадааст, замонат медиҳад. Хонандаро ба он муътақид месозад.

Айни чунин амалро дар фаъолияти разведкавӣ ва контрразведкавӣ қайд карда мантиқан таъкид менамояд, ки таъмини фаъолияти мақсаднок, асосан, аз ҷониби шахс амалӣ карда мешавад. Ӯ амалан, бо касбияти худ ба тарзи амалӣ ба коркарди объект машғул мегардад. Ба он таъсир мерасонад. Дар шакли дигаргун сохтани ҳадаф аз лиҳози дарк ва бозсанҷӣ барои дидани чораҳое, ки барои манфиати давлат ва ҷамъият зарур аст, мувофиқ мегардонад. Ишораҳои муаллиф дар ҷараёни тадқиқ, аз ҷумла дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ва пешниҳоди натиҷаи чунин фаъолият иборат аз он аст, ки байни субъект ва объекти омӯзиш муносибати аслӣ асосан дар доираи ***дарки моҳияти масъала*** шакл мегирад. Дар ин маврид Раҳимзода Рамазон Ҳамро ҳамчун олим ва мутахассиси соҳибтаҷрибаи соҳа барои мутахассис шарти муваффақият мегузорад: **«агар ӯ соҳиби донишҳои мавриди назар бошад, дар бораи моҳияти кор, қонунмандиҳои фаъолияти касбӣ, принсипҳои системавии фаъолият донишҳои саҳеҳи илмӣ дошта бошад»**

**Таҷриба меъёри воқеияти таҳқиқ**

Тарзе ишора гардид, дониш инъикоси ҳақиқати объективӣ дар шуури инсон аст. Агар он тавони фаҳм, дарк ва арзёбии воқеиятро дошта бошад.

Дар ҳама гуна тадқиқ, ки бозсанҷии маълумот муҳтавои онро ташкил мекунад, сухан дар бораи ***«инъикоси дуруст»*** меравад.

***Бидуни донишҳои илмӣ, касбият, сифати ба талабот ҷавобгӯи шахсият ва масъулиятшиносӣ дастрасии комил ба ягон навъи инъикос, ки ҳақиқатро ифода карда тавонад, имкон надорад.***

Дар шароити фаъолияти фаврӣ ва натиҷаи ниҳоии он – чорабиниҳои мурофиавӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, дар маҷмуъ, ҳаёти одамӣ аз он вобастагӣ пайдо мекунад, донишҳои баробарвазн ба илм зарур аст.

**Рисолаи Раҳимзода Рамазон Ҳамро айнан чунин талаботро ба хонанда меомӯзад.**

***Дар асл, фаъолияти таҳқиқ як ҷараёни сарбастаи назария ва эмпиризмро мемонад.*** Дар ин ҷараён яке бе дигаре ҳуқуқи зистан надорад.

Вақте муаллиф марҳалаҳои гирифтани маълумот, бо роҳу воситаҳои гуногун бозсанҷии онро то дараҷаи ниҳоии қабули қарори расмии дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муайяншуда номбар мекунад, аз лиҳози илмӣ, тафсири масъала сифатан гузаштан аз як навъи тадқиқ ба навъи дигари тадқиқ ба маънои зина ба зина аз ***зуҳурот то моҳияти масъала*** расиданро дар назар дорад.

**Санъати тадқиқи оперативӣ**, ки дар рисола роҳу воситаи ба он дастрас шудан тафсир меёбад, зиддиятҳои диалектикии дар маълумоти аввалия ба madди назар расидаро бартараф менамояд.

Маълум карда мешавад, дар аксар ҳолат ***зуҳурот ба моҳияти масъала дар ҳолати номувофиқатӣ қарор дорад,*** зеро он дар шаклҳои гуногун худро ба намоиш мегузорад.

Дар ин маврид лаҳзаҳои фавқулодда ва мақсаднок рӯпӯш кардани моҳияти масъала – субъект, объект, алоқаҳо, муносибатҳо ва миёнҷигариҳо ҷой доранд. Худи ҷараёни санҷиш, агар он тахассусмандона роҳандозӣ карда шавад, моҳияти масъаларо то ҳадди ниҳоӣ бо нишон додани омил, сабаб, оқибат ва эҳтимоли такроршавандагии амали ҳадаф муайян мекунад.

**Хулоса**

Таҳлили сохторӣ - функсионалии монографияи Раҳимзода Рамазон Ҳамро нишон медиҳад, ки муаллиф, бо истифода аз назария ҳамчун шакли донишҳои илмӣ, методология ва методҳои санҷиш ҳамчун восита ба натиҷамандии муносиботи *субъектҳои мушаххас бо объектҳои мавриди назар, ба мақсади аслӣ – дарки предмети тадқиқи илмӣ ноил гардидааст.*

Мусаллам аст, ки дар ин маврид нақши асосии субъекти амалкунандаро худи муаллиф ба сифати мутахассиси барҷастаи соҳа иҷро мекунад. Таҳлили забон ва услуби баён, тарзи масъалагузорӣ, квалификатсия ва гуруҳбандии маълумот, интихоби роҳ, усул ва методҳои санҷиш, таъмини муваффақонаи мақсади бозсанҷии маълумот, ба натиҷаи ниҳоӣ расонидани онҳо, тибқи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ бо истифода аз таҷрибаи амалӣ, ин фарзияро боз ҳам тақвият мебахшад.

Хосияти барҷастаи китоб аз лиҳози назариявӣ ва методологӣ коркарди ҳаматарафа дидани он аст. Чунин афзалият ба масъулони соҳа, ки ба санҷиши маълумот ҳамчун тадқиқоти илмӣ – барои таъмини воқеият назар мекунанд, ниҳоят муҳим аст.

Албатта, бе донистани илмҳои ***грамматика*** ва ***мантиқ*** ҳам гап задан, сухан гуфтан ба забони модарӣ мумкин аст.

**Аммо ба хотири алоқаманд карда тавонистани зуҳуроти ҳастӣ бо ифоданокии тафсир, дар ҷои худ шинонда тавонистани илм ва истифода аз он ҳамчун мутахассис, донистани *ҳам ину ҳам он* ҳатмист.**

Донишҳои академии назариявӣ ва таҷрибаи бойи амалӣ имкон додааст, ки муаллиф аз омӯзиши шаклии объект оғоз намуда, хосиятҳои барҷастаи маълумотро муайян мекунад. Давра ба давра ба моҳияти масъала наздик мешавад. Онро ҳаллу фасл менамояд.

**Чизе, ки дар рисола айнан гуфта намешавад, аммо муаллиф бо тамоми имконот кӯшиш мекунад, онро мантиқан ба хонанда расонад, масъалаи ба воқеияти ҳастӣ мувофиқат кардани донишҳои назариявии фаъолияти касбӣ ва зарурати нақдинаи таҷрибаи амалиест, ки бидуни онҳо таъмини тахассусмандонаи амнияти миллӣ зери суол меравад.**

**Ба ҳамин хотир масъала дар бораи воқеият доштани дараҷаи донишҳои мутахассисони соҳа нисбати тадқиқи «маводи аввалия» ва самтҳои инкишофи он аз мавзуъҳои марказии асари илмӣ маҳсуб мегардад.**

Афзалияти воқеии монографияи Раҳимзода Р.Ҳ дар он аст, ки хонанда тавассути аз бар намудани муҳтавои асар роҳ, восита ва методҳое ки дар он нишон дода шудаанд, метавонад бо эҳсоси масъулият дар муайян намудани воқеияти объективӣ дар роҳи таъмини манфиатҳои миллӣ аз худ фаъолияти ифоданок ва босамар ба намоиш гузорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Аристотель. Политика. – М.: РИПОЛ классик, 2000. – 592 с.
2. Гегель Г.В.Ф. Философия духа. М.: издательство “АСТ”, 2018.
3. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”, - Душанбе: “Эр-Граф”, 2025 – 385
4. Фарҳангӣ тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ.2. Душанбе: 2010-1095 с.
5. Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ – шоири паёмрасон. (Дастури бедорӣ, ватандорӣ ва худшиносии миллӣ). – Душанбе, 2022, 574 с.

ТДУ 001: 891.550(092)

АЗ ДАФТАРИ ЁДДОШТ

# МАРДЕ ШОИСТА ВА ЗИЁИЕ ИСТИСНОӢ, Ё ДОСТОНИ ҒАМУ ШОДӢ

Солҳои навадум барои муҳтаво ва мундариҷаи тафаккури миллии тоҷикон имтиҳони бузург буд.

Вазъи буҳронии саросарии давлат, ки дар он як миллат аксариятро ташкил медиҳад, мавзуи таҳқиқоти академӣ аст. Ба хотири муайян кардани омилҳо, оқибатҳои фоҷиабарангез ва эҳтимоли минбаъд бартараф кардани он.

Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки ҳолати носолими вазъи ҷаҳонбинӣ, маънавиёти миллат касалии силро мемонад: **дар аввал ошкор кардани он душвор, аммо чун муайян шуд, табобаташ осон аст. Вақте ин касалӣ рӯй зад, ошкор шуданаш осон, аммо табобати он мушкил мегардад**. Гоҳо оқибати кор ба мусибат анҷом меёбад.

Муддати ҳазор соли бедавлатӣ, тоҷикон дар ҳолати ғуломигарии воқеӣ ва маънавӣ қарор доштанд.

Дар ҳафтод соли Ҳокимияти Шуравӣ, номи тоҷик тавассути ҷумҳурии мустақил доштан бо аломатҳои сиёсӣ маъруфият пайдо карда бошад ҳам, ба хотири кӯтоҳии замонӣ имкони ташаккули мафкураи миллиро надошт. Қишри муайяни дорои эҳсоси худшиносии миллӣ дар ақаллият буд.

Бояд донист, ки сохтор ва муҳтавои генетикии одамизод дар аксар вақт, ҳатто садсолаҳо бетағйир мемонад. Эволютсияи ҳақиқии захираи муҳтавоии нейронҳо, устувортарин ҷузъи организми инсонанд. Гарчанде аккамулятсияи дониш ва таҷриба асрҳо ба ин ҷузъиёти майнаи инсон таъсиргузоранд, бояд дониста бошем, ки доираи фарогирии онон вобаста ба муҳити маънавӣ, дин, оин, иқлим, хосияти физиологӣ, дар маҷмуъ, генетикӣ, фазилати ҳамагонӣ надорад. Интихобӣ аст. Ва барои ҳамин дар ақаллият қарор дорад.

Дар ин маврид, сухан дар бораи сифат, мундариҷа, ахиран, муҳтавои ақаллият меравад. Оё он метавонад аксариятро, яъне ҷомеаро соҳибӣ кунад. Ё баръакс, мисли баъзе ба ном зиёиёни муайяни тоҷики солҳои навадум думрави таассубу хурофот гардад.

Ин фоҷиа, **«сӯзи дил, ашки равон, оҳи саҳар, нолаи шаб»**-ро *(Ҳофиз)* буҳрони солҳои навадуми асри гузашта рӯйи саҳна баровард. Ворисони Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Тошхӯҷаи Асирӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва Бобоҷон Ғафуров дар танҳоӣ монданд. Аз дасти онҳо кори шоиста наомад. Қисмати муайяни олимон, ки солҳо дар бағал санг доштанд, бо аҳли хурофот якҷо, аниқтараш думрав ва балегӯйи онон гаштанд.

Дар байни ин тоифа шахсиятҳои гуногун буданд. Яке сидқан, бо душманигарии яқин ба сохти Ҳокимияти Шуроҳо ба муллоҳои мутаассиб якҷо шуд. Дигарҳо дар ақидаи ниҳоии мансабталошӣ муътақид буданд, ки ифротиҳо бо идеологияи дар назар ҳамашумул ва пуштибонии геополитикӣ метавонанд қудратро ба даст оранд. Бад ин минвол, соҳибмансаб мегарданд. Узви қудрати сиёсӣ хоҳанд шуд. Як қисмати равшанигароён олимони ҳақиқӣ, аммо аз лиҳози сиёсӣ ниҳоят сода ва барои ҳамин ҳам осебпазир буданд.

Онҳо дар андак муддат, чун дуди хона ба порисаи хона расид, хатои худро фаҳмиданд. Пушаймон шуданд. Аммо аз рӯйи нангу номусе, ки хосси ин зумра буд, натавонистанд вахшати раҳгумии худро эълом доранд. Ба зиндагии одӣ ва оини пешин баргарданд. Дар ҳоле ки **«тозиёни бо онҳо бударо дигар ғами аҳволи гаронборон намонда буд»**.

Яке аз ҳамин қабил олимон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳими Мусулмониён ба шумор мерафт.

Ман ба тадқиқоти ин олими пухтакор аввали солҳои ҳафтодум, ҳангоми донишҷӯйӣ шинос будам.

Махсусан, монографияи ӯ оид ба санъатҳои бадеӣ дар адабиёти классикӣ ва асари машҳураш «Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва баъзе масъалаҳои тафсири истилоҳоти адабиётшиносӣ дар асрҳои X–XV» (1973), дар байни мо, донишҷӯён аз маъруфияти хос бархурдор буд.

Миёнаи солҳои ҳаштодум, замоне ки ман сарпарастии мактабҳои олии мамлакатро аз лиҳози салоҳияти хизматӣ ба дӯш доштам, бо меҳру муҳаббате, ки ба Раҳими Мусулмониён дар дил мепарваридам, ӯро суроғ кардам. Дар кафедраи адабиёти советии тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон эшонро ёфтам.

Худро шиносондам.

Эътиқод ва эҳтироми хешро нисбат ба ин шахсияти бузург иброз намудам.

Баъдан, чанд муддат бо Раҳими Мусулмониён суҳбатҳои сарироҳӣ, аммо сидқӣ доштем.

Ӯ марди тахмин 50 – 55 сола, миёнақад, лоғарандом буд. Каме моил ба хамидагии қомат дошт. Ниҳоят хоксор, одӣ, суҳбаторо ва он чизе, ки эҳсос мекардам, аз худ як навъ содагии бар дилсофӣ ва покии инсонӣ асосёфта нишон медод, ки дар замири ӯ ҷойгоҳи зудбовариро заминагузорӣ намуда буд.

Профессор намегуфт, аммо ман итминон доштам, ки мисли ҳама инсонҳои пок ӯ дигаронро низ бофта аз матои худ гумон мекард. Иштибоҳи ӯро ҳам асос ҳамин буд.

Мусулмониёни сарсупурдаи илм ва адабиёт, ҳама вақт дар банди хаёлот ва таҳқиқоти эҷоди илмӣ мегашт. Чунин хислати олимона, бекина ва беғарази ӯ меҳру муҳаббати маро нисбат ба ин шахсият ва устоди камназир меафзуд. Бо ӯ суҳбат кардан, маънии хондани як китобро дошт.

Ҳангоми табаддулоти давлатии ифротгароҳо *(моҳи майи соли 1992),* Мусулмониён зери таъсири бархе аз зиёиёни воқеан дурӯя ва ғаразкор, ки боз чандин навъ бозиҳои пасипардагӣ доштанд, бо як содадилӣ гирифтори фитнаи онҳо шуд.

Боре баромади ӯро тариқи телевизон, ки акнун ба дасти ифротгароҳо афтода буд, тамошо ва бодиққат гӯш кардам. Медидам, ки чанде «ҳамкасбон»-и зираки муаллим худро паси шонаҳои ин содадил пинҳон карда, устоди номварро ба сифати «Плешнер» *(образи бадеии содадилонаи профессори олмонӣ дар филми «Ҳафтдаҳ лаҳзаи баҳор», ки боиси марги худи ӯ шуда буд)* истифода мекунанд.

Чун тахти фишори Ҷабҳаи халқӣ ҳокимияти конститутсионӣ дар Тоҷикистон барқарор мегардид, ифротиёни ғосиб бо ҳар роҳу восита аз қаламрави Тоҷикистон ба хориҷа, аниқтараш ба Эрон фирор карданд.

Исломгароҳо аз асли мақсади гурехтан ба Эрон хуб огоҳ буданд.

Зиёиёни тоҷик, аз рӯйи эҳсоси эроният – таърих ва фарҳанги муштарак, умумияти забонӣ ва тамаддунӣ, ки намунаи олии он барои мардуми форсизабон аҳаммияти умуминажодӣ доштани Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигар бузургон маҳсуб мегардид, умед баста буданд ва ин кишварро қиблаи худ мешумориданд.

Маҳз бо ҳамин ҳиссиёт як зумра аз зиёиён роҳи Эронро пеш гирифтанд.

Раҳими Мусулмониён аз ҷумлаи ҳамин гумроҳҳо буд.

## ГАВҲАРИ ВОЛОИ ВАТАНПАРВАРӢ

Тавре ишора шуд, мақсади аслии Сафорат дар Эрон ҳарчӣ тезтар алоқа барқарор кардан бо ҳамватанон ба шумор мерафт.

Роҳбарияти олии мамлакат дар назди дипломатҳо вазифагузорӣ карда, мехост ҷараёни сулҳро суръат бахшад. Эълон намояд, ки ҳокимияти конститутсионӣ ҳокимияти кулли мардуми тоҷик аст. Аз ҳамватаноне, ки новобаста аз кадом сабабе, аз ҷумла, дар алоқамандӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ба хориҷи мамлакат фирор кардаанд, пуштибонӣ мекунад. Омода аст бо онҳо муколама барқарор намояд, то мушкил миёни тоҷикон бо гуфтушунид ва якдигарфаҳмӣ ҳаллу фасл гардад.

Мо дар Теҳрон вазъиятро меомӯхтем. Аммо намехостем барои мухолифин ва кишвари иқомат масъала эҷод кунем. Бар ин ақида будем, ки бояд худи раванди воқеаҳо ва шароити зиндагӣ дар хориҷи мамлакат ҳамватанони моро ба хулосаи нек, ба тавофуқ биёрад.

Дари Сафорат барои ҳамватанон боз буд. Амалкарди намояндагӣ дар кулли самтҳо сурат мегирифт.

Бо гузашти се моҳи фаъолият дар Сафорат, профессор Раҳими Мусулмониён, ки акнун дар сафи мухолифин ба ҳисоб мерафт, ногоҳ ба навбатдори намояндагӣ занг зада, хоҳиши вохӯрӣ бо мушовирро кардааст.

Аз ин иттилоъ ман хурсанд шудам. Эҳсоси дӯстӣ ва ҳамватанӣ барои ҳар як нафаре, ки худро тоҷик ва тоҷикистонӣ мешуморад, аз Ватани худ умед дорад, волотарин ҳиссиётест, ки як умр инсонро пайгирӣ мекунад. Барои он ки одам хушбахт бошад, сарфи назар аз он, ки дар кадом нуқтаи олам зиндагӣ мекунад, бояд соҳибватании худро эҳтиром ва аз ин ҳиссиёт ифтихор намояд:

**Ватан дар ҳар куҷо омад, ба сар форам ҳавои ту,**
**Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту,**
**Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,**
**Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.**

Ҳамеша бо Ватан будан, ҳамеша бо Ватан масрур, бузургтарин хислати ниёгону ҳамасрони мо буд ва ҳаст.

Тавассути телефон бо Р. Мусулмониён дар алоқа шудам. Ҷойи вохӯрӣ Сафоратро пешниҳод кардам.

Ростӣ, таклифи ман эҳтимолӣ буд. Нафароне, ки худро мухолифи ҳукумат медонистанд, аз Сафорат ва тамос бо кормандони он канора меҷустанд. Албатта, сабабҳояш маълум. Аммо Мусулмониён:

– Ҳар ҷо Шумо салоҳ донед, он ҷо вомехӯрем, – гуфт ҷавонмардона.

Суҳбати мо дар Сафорат, дар хуҷраи кории ман қариб ду соат давом кард.

Дар аввал ман пурсидам:

– Домулло, дар Сафорат вохӯрданро ман бо шӯхӣ пешниҳод кардам. Шумо наметарсед, рафиқонатон, ки ҳамагӣ мухолифи ҳукумат ҳастанд, баъд аз ин чӣ гумон мебаранд? Ҳукумати кишвари иқомат, ки ҳар қадами ману Шуморо, тибқи вазифаашон, пайгирӣ мекунанд, чӣ хулоса мебароранд? Ҳолу аҳвол ва иқомати ояндаи Шумо баъд аз ин чӣ мешавад?

Мусулмониён:

– **«Ҳар киро ҳисоб пок аст, аз муҳосиба чӣ бок аст?»** – гуфта, бо масал посух дод.

–Ба ҳар ҳол муаллим, ба манзалати «мухолиф» будани худатон шубҳа ворид кардед. Шояд дар ягон ҷойи номаълум вохӯрӣ мекардем, – гуфтам ман, санҷиши худро идома дода.

Воқеан, ман набояд фаромӯш мекардам, ки ин «ташриф» эҳтимол супоришӣ ҳам бошад.

Ин сухан ба Мусулмониён қатъиян хуш наомад.

Аз зермаъноӣ сухани ман огоҳ шуд. Барошуфт:

–Шумо маро санҷида истодаед. Бояд бидонед, ки ман маҳз барои он ҷойи вохӯрӣ Сафоратро интихоб кардам, то ба шумо кормандони намояндагӣ фаҳмонам: ман ҳеҷ вақт хоини миллат набудам ва нестам. Лекин дар байни шумо ҳукуматиҳо, ки бовар мекунанд, мансаб медиҳанд, маоши калон таъйин ва ҳатто ба хориҷа равон мекунанд, то давлатро, манфиатҳои миллиро ҳимоя кунед, хоинон кам нестанд.

Инро гуфта, ба ман нигоҳи ҷиддии омӯзишӣ кард.

Ман чизе нагуфтам. Зеро ҳангоми кор дар шуъбаи илми Кумитаи давлатии бехатарии замони Шуравӣ, бо чанде аз дӯстон, устодони донишгоҳ ба ҳамин лаҳн гоҳо суҳбати «унвонҷӯ – оппонент»-ро мегузаронидем. Оқибат, якдигарфаҳмии мо боз ҳам

мустаҳкам мешуд. Ҳамин шакли баҳс бо муаллимон Худоназар Асозода ва Абдулҳай Маҳмадаминов, ки аз дӯстони қарини ман шуданд, хос буд.

Чун Мусулмониён дид, ки ман дар ин мавзуъ вориди баҳс шуданӣ нестам, ором шуд. Бо ҳамон ҷиддият суханашро идома дода, гуфт:

– Рӯзе, ки Шуморо дар мансаби мушовир - кордори Сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон таъйин карданд, як нафар одами масъул аз ҳамин Сафорат, бо баҳонае мо, мухолифинро дар қаҳвахонае ҷамъ кард.

Ман фаҳмидам, ки ӯ «гуфтании муҳимме» дорад. Мо чанд нафар будем. Оқибат ӯ гирди миз ҳамаи моро наздик, калла ба калла карда, гӯё бо овози паст изҳор дошт:

– Ҳамин субҳ вазири мо фармонеро имзо ва дар Сафорат мушовир – кордор таъйин кард. Донед, ки ӯ полковники КГБ аст. Аз ин пас эҳтиёт бошед. Ба дигар рафиқон ҳам гӯед.

Мусулмониён баъди каме таваққуф идома дод:

– Аз мо, мухолифин касе чизе нагуфт. Ва баъд ҳам нафаре ин мавзуъро муҳокима накард.

Ман ба сухани Мусулмониён гуфтание надоштам. Ин маълумотро намедонистам. Аммо фаҳм, дарк ва таҳлилҳои ман ба чунин изҳорот наздикӣ дошт.

Хомӯширо халалдор карданӣ шуда, Раҳим Мусулмониён бо ҳамон содагии покдилона ва боҷуръатонаи худ суханашро идома дод:

– Ана, акнун донистед, ки ман барои чӣ маҳз дар Сафорат бо Шумо вохӯрӣ таъйин кардам. На дар ҷойи дигар. Дар акси ҳол, шояд гумон мекардед, ки ман хабаркашӣ ва ё бадгӯйӣ карда истодаам. Ҳис кардам, он нафаре, ки ман ӯро ҷосус мешуморам, айни замон дар ҳамин Сафорат аст. Бо Шумо кор карда истодааст. Акнун даъват кунед он шахсро, то ман ин гапро дар рӯяш ҳам гӯям. Лозим бошад, боз шоҳид ҳам меорам. Даъват кунед! Худи ҳозир даъват кунед! – оқибат, барошуфт ва фармон дод муаллим.

Ман хомӯш меистодам.

Кӯшиш мекардам ба меҳмон ягон посух ва вокуниш ҳам нишон надиҳам. Инро дида, ғазаби профессор зиёдтар гашт:

–Чаро хомӯшед?!!! Биёред! Биёред, рӯ ба рӯ кунед, ки мухолифин хоин аст ё корманди давлатӣ?

Ман аз ғазаби муаллим завқ бурда, каме табассум кардам. Ва дидам, ки профессор ором намешавад:

– Муаллим, ман инро медонам. **«Моро фурӯхтанд ва мефурӯшанд. Муҳим он аст, ки аксарият содиқ ҳастанд»,** – гуфта, сухани як муаллифи ҳакимро бе истифодаи ному насабаш иқтибос овардам.

– Ҳа, бале, – каме ором шуда, гуфт оқибат профессор, – **«изои муъмин ҳаром»** мегӯед. Ин ҳам дуруст. Шуморо муътақид карда бошам, бас аст. Кифоя, – суханашро хулоса кард Мусулмониён.

Ман мавзуи суҳбатро тағйир доданӣ шуда:

–Устод, ин ҷо ҳолу аҳволатон чӣ тавр аст? Гоҳо ёди Ватан, ёру ошноҳо мекунед? – гуфта, хостам маҷрои суҳбатро ба самти аслӣ барам.

Раҳими Мусулмониён ба андеша фурӯ рафт.

Аз эҳсоси зиёд чашмонаш нам гирифт.

Каме таваққуф кард.

Ба худ омад.

Устод ва муҳаққиқи забардасти назми тоҷик ин ғазали Ҳофизро бо овози ҳазин хонд:

**Гар аз ин манзили вайрон ба сӯйи хона равам,**
**Дигар он ҷо, ки равам, оқилу фарзона равам.**
**З-ин сафар гар ба саломат ба Ватан боз расам,**
**Назр кардам, ки ҳам аз роҳ ба майхона равам.**

**То бигӯям, ки чӣ кашфам шуд аз ин сайру сулук,**
**Ба дари савмаа бо барбату паймона равам.**
**Ошноёни раҳи ишқ гарам хун бихӯранд,**
**Нокасам, гар ба шикоят сӯйи бегона равам...**
**Гар бубинам хами абрӯи чу меҳробаш боз,**
**Саҷдаи шукр кунам в-аз пайи шукрона равам.**

Албатта, аз рӯйи одоб ва тартиби хизматӣ набошад ҳам, ман маълумоти хиёнатро на ба сафир ва на ба Вазорати корҳои хориҷии мамлакат ва на ба идораи амнияти Тоҷикистон нагуфтам.

Тамоми умр оини кори мо буд, дар ҷойе, ки фаъолият ба сар мебарем ва аз он нон мехӯрем, камбудро шиносем, бояд андеша ва таҳаммул кунем. Оқибати корро то ҳади имкон бо сабр саришта намоем. Тадбир пеша кунем. Гапи хонаро ба бозор, ба худиву бегона набарем. Чун надидам, ки баръакси ин амал қимати касе афзуда бошад.

Аз ин оин ман зарар надидам.

## НАЗДИ МАН ҶАВОНМАРД ОН БУВАД

Ҳамин тариқ, бо профессор Раҳими Мусулмониён вақт ба вақт дар тамос мешудем.

Ӯ дигар аз дому дон, фитнаву шар, зеру забар, ҷангу ҷадал ва гулобу қанди мухолифин батамом канда буд.

Дар Донишгоҳи улуми адабиёти форсӣ ба тадқиқот шуғл меварзид. Бо меҳнати ҳалол рӯзгор мебурд.

Р. Мусулмониёнро ҳар сари вақт ба Сафорат даъват мекардам. Ӯ ҳам, сарфи назар аз масруфият, ба идораи намояндагӣ ташриф меовард.

Мо дар сари як чойник чой соатҳо суҳбат мекардем. Гарчанде байни мо гоҳо баҳсҳо сурат мегирифт. Онҳо бештар мавзуъҳои адабиёти классикиву муосир ва сиёсатро дахл мекарданд. Ман аз ин шахсияти бузург дарси илму адаб ва назокати муошират меомӯхтам.

Ҳамин тариқ, риштаи дӯстиву рафоқати ман бо профессор Раҳими Мусулмониён мустаҳкам гардид. Замоне ки бекортар мебудам, мошин фиристода, ӯро барои сайру гашт ба боғи Ниёварон ва ё ба боғи «Тахти сангин», дар наздикии Сафорат даъват мекардам.

Гоҳо, чун ба ягон самти Эрон танҳо сафар медоштам, устодро ҳамроҳ мегирифтам, ки раҳ «кӯтоҳ шавад» ва сафар хуш гузарад.

Албатта, ба профессор аз чунин таклиф хушаш меомад.

Тамоми роҳ мо дар ягон мавзуъ суҳбат мекардем. Ман доим суолҳои зиёд доштам. Шунидани ҷавоби онҳо аз забони шахси донишманд, шеърхону шеърдон, нуктафаҳму соҳибмуҳокима ва дидаву дониста ниҳоят ҷолиб буд.

Боре нияти сафари шаҳри Ҳамадонро кардам. Шом бо Раҳими Мусулмониён дар тамос шудам. Таклифи ҳамроҳиро бо хушнудӣ қабул кард.

Дар роҳ ман дар бораи шаҳри Қазвин, ки аз Теҳрон дар масофаи яксаду панҷоҳ километр қарор дошт, нақл кардам. Аз Убайди Зоконӣ ёдовар шудам.

Устодро «Худо дод». Ӯ тез гапи маро бурида, риштаи суханро дар атрофи ин шоири тавонои асри XIII бурд.

Мусулмониён бо як завқи баланд дар бораи адиби тавонои миллати тоҷик нақлҳо мекард.

Аз ҷумла, гуфт, ки агар имкон бошад, мо аввал ба деҳаи Зокони Қазвин рафта, ақаллан, зодгоҳи ин марди рӯинтанро зиёрат кунем, баъд сафарро идома диҳем.

Ман аз профессор пурсидам, аз куҷо маълум аст, ки дар ҳақиқат Зокон макони таваллуди шоир аст. Муаллим гуфт:

– Инро худи шоир дар як байташ тасдиқ кардааст:

**Гар кунӣ бо дигарон ҷабру ҷафо,**

**Бо Убайдуллоҳи Зоконӣ накун!**

Сипас суханашро идома дода, хотирнишон кард:

–Чандин шеъру қитъаву достонҳои шоир чунон сароида шудаанд, ки гӯё ҳолу аҳволи маро тасвир мекарда бошад. Масалан, дар як рубоияш мегӯяд:

**Нест дар дастам кунун аз хушку тар,**
**З-он чӣ вақте дар шуморе омадӣ,**
**Ғайри ман дар хонаам чизе намонд,**
**Ҳам намондӣ гар ба коре омадӣ.**

Аммо чун Убайд бузургмард буд ва аз касе тамаи ноне надошт, дар ҷойи дигар гаштаву баргашта таъкид кардааст:

**Эй дил, пас аз ин андуҳи беҳуда махӯр,**
**З-ин беш ғами будаву нобуда махӯр.**
**Ҷон медеҳу доди тамаъу ҳирс мадеҳ,**
**Ғам мехӯру нони миннатолуда махӯр**.

Инро гуфту Раҳими Мусулмониён яку якбора сахт маъюс гашт:

– Ман профессор. Дар замони Шуравӣ ҳафтсад сум маош мегирифтам. Бо он се оила, агар шабу рӯз мехӯрданд, зиёдатӣ мекард. Ба фикрам, ношукрӣ аз дасти худамон гузашт, – гуфт.

Ман, ки доим бо муаллим дар «ситеза» будам, шӯхӣ кардам:

–Домулло, Шумо дар бораи Убайди Зоконӣ гап занед, на дар бораи худатон. Набошад ман тарҷумаи ҳоли ин «шаккок»-ро худам ба Шумо нақл мекунам, – гуфтам.

Профессор ба хуш омад, табассум кард ва гуфт:

–Воқеан, Убайди Зоконӣ шахсияти ҷасуру далер ва марди фозил, ҳаҷвнигор ва соҳибмуҳокима будааст. Замоне ӯ ба Бағдод сафар мекунад. Дар он ҷо аз танҳоӣ азият мекашад. Аммо намехоҳад пеши касе фазлфурӯшӣ ва сар хам кунад. Чанд мухлиси Убайд ба Салмони Соваҷӣ, шоири тавоно, аммо тамаллуқҷӯйи дарборӣ дар бобати меҳмон шудани Зоконӣ дар ин шаҳр хабар мерасонанд.

Салмони Соваҷӣ аз эҷодиёти Убайд хуб огаҳ буд ва аз ҳаҷву мутоибаҳои ӯ эҳсоси малолӣ карда, дар ҳаққаш қитъа месарояд:

**Ҷаҳаннамиву ҳиҷогӯ Убайди Зоконӣ,**
**Муқаррар аст ба бедавлативу бединӣ.**
**Агарчӣ нест зи Қазвину рустозодаст,**
**Валекин мешавад андар ҳадис қазвинӣ.**

Ин қитъа ба гӯши Убайд мерасад. Рӯзе шоир ҳангоми сайру гашт дар соҳили дарёи Даҷла Салмони Соваҷиро бо ҷамъи хушомадгӯёнаш мебинад. Наздик меравад. Арзи салом ва бо онҳо мусоҳиба мекунад.

Чун ҳозирин ҷавонмарди хушқадду қомат ва бо фазлу донишро мебинанд, ӯро ба маъракаи худ даъват мекунанд. Салмон аз ӯ мепурсад:

–Бародар бо ин хушсуханӣ аз куҷоӣ?

–Аз Қазвинам, ҳазрат! – ҷавоб медиҳад Убайд.

–Боракалло, боракалло! Аз Қазвин, ки бошӣ, бародар, бигӯй, ки аз эҷодиёти мо магар дар ватани Шумо чизе маълуму машҳур аст?

–Албатта, ҳазрат. Шумо яке аз шоирони шинохтаи он диёр эътироф шудаед. Аммо аз кулли ашъоратон як порчае вирди забони хоссу ом аст, – мегӯяд Убайд.

–Офарин, он порча кадом будааст, меҳмон?

Убайди Зоконӣ бо риояти ифоданокии қироати шеър мегӯяд:

**Ман хароботияму бодапараст,**
**Дар хароботи муғон ошиқу маст.**

**Мекашандам чу сабу дӯш ба дӯш,**
**Мебарандам чу қадаҳ даст ба даст.**

Ва илова мекунад:

–Ин фақир медонам, ки устод Салмон шахси хирадманду доност. Мардуми Қазвин ба ин боваранд, ки шояд шеъри мазкурро завҷаи эшон сароида бошанд.

Салмони Соваҷӣ ба дурустӣ дарк мекунад, ки ҳамсуҳбати ӯ ҳамон Убайди Зоконист, ки дар лутфу мутоиба ӯро ҳамто нест. Эҳсос менамояд, ки ба эшон қитъаи ӯ расидааст. Ва ин порчаи шеърӣ посух ба ҳамон қитъаи дар ҳаққи Убайд навиштаи ӯст.

Ман аз ин суҳбат хеле ҳаловат бурдам. Чун ба Қазвин расидем, дар суроғи деҳаи Зокон шудем. Мақсад – зиёрати макони тавлиди бузургвор Убайдуллоҳ буд, ки номи он деҳро ба исми худ пайваста, машҳури олам карда.

Мутаассифона, дар шаҳри Қазвин на ягон кас номи ин шоири оламшумулро медонист ва на мавзеero бо номи Зокон.

Профессор Мусулмониён бо тааҷҷуби зиёд ва содагии олимона аз ҳар каси роҳрави Қазвин, агар ӯро босалобат дарёфт мекард, мепурсид. Вақте онҳо ба саволҳои марбут посух дода наметавонистанд, бо ҳаяҷон:

–О, бародар! Наход шумо Убайдуллоҳи Зокониро нашиносед, наход макони зиндагии ӯро, ки ҳамшаҳрии шумост, надонед, – мегуфт.

Гоҳо аз ин шоири номвар порчаҳои шеърӣ мехонд. Гоҳо латифаҳо мегуфт. Аммо ҳайҳот. Гӯё қазвиниҳо қасам хӯрда бошанд, ки сар раваду сир наравад. Дар посухи суол китф дарҳам мекашиданд.

Оқибат, Раҳими Мусулмониён маъюс гашта, омада бо сари хам дар мошин нишаст. Фармон дод:

–Ба сӯйи бинои шаҳрдор ҳай кун!

Касеро пурсидам. Нишони маъмурияти шаҳрро гуфт. Дар он тарафи шаҳр, аз мавзеи истодагии мо дар масофаи тахмин 3-4 км будааст. Мо ба он самт ҳаракат кардем. Муаллим аз ин муколамаи бенатиҷа сахт ошуфта шуда, чанд маротиб худ ба худ: «афсус, бехирадӣ, бедонишӣ, бехабарӣ, ҳазор ҳайф, ҳазорон ҳайф», – гуфта монд.

## ҶОН МИСОЛИ ШИША АСТУ ИЛМ МОНАНДИ ЧАРОҒ

Аммо ман аз чунин вокуниш ҳайрон нашудам. Дар тааҷҷуб ҳам намондам. Ин дам аз пеши назарам як лаҳзаи сафари худам ба шаҳри Исфаҳон гузашт. Мақсади ташриф, вохӯрӣ бо донишҷӯёни тоҷик буд.

Аз фурудгоҳ як мошини кирояи «Пайкон»-ро гирифта, ба ронандаи он, ки марди тахмин 50 – 55 сола буд, ҳадафро гуфтам.

Ронанда бахши донишгоҳи байналмилалиро намедонистааст. Тибқи харита, кӯшиш кардам хатсайрро фаҳмонам. Чун роҳ тулонӣ афтода буд, дар хусуси аз Исфаҳон будани падари Ҳофизи Шерозӣ, бо ҳамроҳии завҷааш ба Шероз рафтан ва дар он ҷо таваллуд шудани Шамсиддин, ки баъдан бо номи Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ машҳур гаштааст, нақл кардам. Ба умеди он ки шояд сокини шаҳри Исфаҳон чизе илова намояд ба гуфтаи мо, хатсайр кӯтаҳ шавад ва ҳамраҳӣ «маънӣ» пайдо кунад.

Аммо аз ронанда сару садое намебаромад. Пурра машғули кофтукови макони манзури мусофир буд.

Ман хостам абёте ба тафсири халқия, мисли пиёдачакчак аз Ҳофиз ёдовар шавам, то хотири марди исфаҳониро, ки падари паёмбарони шеъри тоҷикӣ – форсӣ ҳамшаҳрии ӯст, шод гардад:

**Ба шеъри Ҳофизи Шероз мехонанду мерақсанд,**
**Сиёҳчашмони кашмириву туркони самарқандӣ.**

Аз ронанда вокунише берун наомад. Шеъри дигареро наздик ба аҳволи мардуми одӣ хондам:

**Шоҳидон дар ҷилваю ман шармсори кисаам,**
**Бори ишқи муфлисӣ ҳайф асту мебояд кашид.**

Аммо аз сокини шаҳри Исфаҳон ишорае ба дарки маънӣ шунида нашуд. Ахиран, як байти ғазали машҳурро хондам:

**Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,**
**Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.**

Ронанда, гӯё ки ҳамаи инро намешунид. Баръакс, хавотир буд. Оқибат, ба ман гуфт:

– Бе фекрам, ма роҳру гом кардим. Шома бо хате форсӣ баладид? Ун ҷа че навиште шоде? – гуфта, ба як иморати баланд, ки дар болои он ба андозаи якметрӣ ҳарфҳо сабт шуда буд, ишора намуд ва аз ман пурсид.

Навиштаҷот мушкил надошт. Тез онро хондам.

– Ваҳ, воғиан, ма дер ун месир нистим, – гуфт ба ошуфтагӣ ронанда.

– Оғо, биноии Шумо чӣ тавр аст, ки ҳарфҳои бузургро намебинед, аммо иҷозати ронандагӣ доред? – бо хавотирӣ пурсидам ман.

Ронанда дар як кунҷи роҳ мошинро нигоҳ дошт ва оромона ба ман:

– Оғо, моли куҷастӣ? – гуфта пурсид.

– Тоҷикистон, – посух додам ман.

– Бебин, эзизи делам, мотеваҷеҳ шодам, ки Шома таҷек ҳастид. Ашъори Ҳофизру ғироет кардид. Аммо маро гунгу кар дарёфтид. Оре, ҳамин ҷуре. Ман не мишонавам ва не мибинам. Омри мен дар ғеми йек бориде нон гозашт. Аз бачегӣ то ҳол. Ман хатту севод недорам. Аге бе ҷайи ман мебудид, Шома ҳам ҳеминҷӯрӣ мешодид дигэ. Кетобру бе шеками сир мехунанд. Дорост?!!! Шониде бодам, ке кешвари Шома шуроҳо кофармиҷозе, аммо одампервере. Нетиҷаи онру Шома доред нешун мидид. Моро дар дилетун мазаммат наконид. Экнун, шеърхунӣ бас! Ҳар эсми хиёбану эморатру бихунед, ке ман мотаваҷеҳ шавам, то коҷа ҳастим ва коҷа дорем мирим.

Баъдан ин ронанда тафсир намуд, ки барои ҳадди ақал ҷойи кор пайдо кардан, ҳукумат барои мардуми бесавод, давраҳои кӯтоҳмуддати ронандагӣ мекушодаанд. Дар онҳо на савод, чаро ки омӯзонидани он мушкил аст, замону макон ва маблағ мехоҳад, балки тарзу усули ронандагӣ ва аломатҳои роҳро нишон медода будаанду халос.

Бо ин хаёлот ману профессор Мусулмониён ба бинои ҳукумати шаҳри Қазвин расидем.

Он ҷо ба суоли мо посух доданд, ки чунин деҳа бар асари хушк шудани чашмаҳое, ки боиси зист дар он маҳал будааст, тақрибан дусад сол қабл мавҷудияти худро аз ҷабри табиат қатъ кардааст.

Ноилоҷ ба масири худ идома додем.

## ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН

Наздикии шом ба шаҳри Ҳамадон расидем. Қарор додем, ки истироҳат кунем ва субҳи рӯзи дигар оромгоҳи Шайхурраис Абуалӣ ибни Синоро зиёрат намуда, баъд корҳои хизматиро анҷом бидиҳем.

Номи шаҳри Ҳамадон барои мардуми Тоҷикистон аз унвон ва мартабаи муборaки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ машҳур буда, аз эҳтироми махсус нисбат ба он ҷаноб бархӯрдор аст. Чун вақти говгум ба чанд меҳмонхонае мурoҷиат кардем, эҳтиромона посухи «оғоюн, маъзарати зиёд, ҷой нист»-ро шунидем.

Дар меҳмонхонаи чорум ё панҷум профессор Мусулмониён шӯрид ва гуфт:

– Шумо дигар корти дипломатии худро нишон надиҳед. Ман масъаларо ҳал мекунам.

Розӣ шудам.

Устод пеш даромад. Хост бо як дарси таъриху адабиёт мушкили моро ҳаллу фасл кунад:

– Азизи ҷони бародар, – муроҷиат кард ӯ ба меҳмондор, – мо аз Тоҷикистон, аз диёре ба Ҳамадон, ба ин шаҳри таърихӣ ва ҳамешаҷавон ташриф овардем, ки он ҷо оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонист.

Мардуми кишвари мо пеш аз он ки ба зиёрати Маккаи Мунаввара азми сафар намоянд, аввал марқади ин шахсияти бузургро саҷда мекунанд, то ҳаҷҷашон қабул шавад.

Меҳмондор:

–Арзам хидмататун, шома аз ма чӣ мехаҳид? Маге ҷойи хоб дархост надорид? – гуфта, пурсид.

– Оре, муддао ин аст! – ҳозирҷавобӣ кард, профессор.

– Нист, сад маъзарат михом, ҷойи хоб нист! – гуфт бо эҳтиром, аммо қотеона меҳмондор.

Профессор паст наомад:

– О бародар, мо аз маконе ҳастем, ки оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ он ҷост. Мардуми мо ин шахсияти бузургро Амири Ҳамадон гӯянд. Эшон аз мулки шумо ба Кӯлоби мо чун мусофири раҳгузар ташриф овардаанд. Аммо ҳамватанони мо он касро дар мамлакати худ амир интихоб намуданд. Як мулки зебову сарсабзу хуррамро ба эшон ҳадя карданд. Баъди фавташон мақбараи боҳашамат дар боғи маркази шаҳр барои худи ин бузургвор ва авлодашон бунёд намуданд. Ҳоло ба ин мазор ташриф бурда, шабу рӯз гиряву нола, зориву дуо ба сидқи он ҳазрат арзонӣ медоранд. Ва ин садоқату амали мо нисбат ба эшон наздики шашсад сол аст, идома дорад. Наход шумо ба сафири мамлакати мо ва ба худи ман, ки профессори як донишгоҳи маъруф ҳастам, бар ивази шашсад соли эҳтирому бузургдорӣ, бо пули худамон ба муддати як шаб ҷойи хоб надиҳед.

Меҳмондор, ки ба кори худ саргарму саргардон буд, андак дар ғазаб шуд:

– Оғо, ман ҳамчонин шахсеру, ки шома доред мегед, аслан немишиносамшун ва ба ун коре ҳам недорам. Шома равед, сеҷдаи худро дар он даргоҳетун идома бидид! Аге шома аз мо ҷойи зист талаб дорид, нистш, – гуфт. Ӯ ба ҳар ҳол кӯшиш кард, ки ғазаби худро нисбат ба ин содагии мо зиёд нишон надиҳад.

Ин замон дидам, охунде аз ман ҷавонтар, бо либоси озода, саллаи сиёҳ, риши сиёҳ, ҷомаи сиёҳ бо хонуми ҷавони сар то ба по печидаи сиёҳ ва як писарбачаи хурди зебои сарсиёҳ ба толори бузурги меҳмонхона, ки воқеан, рангаш сиёҳ буд, ворид шуданд. Ман фикр кардам, ки ин охирин имкон аст. Беихтиёр назди он охунд давидам. Маъзарат пурсидам. Ва изҳор доштам:

**Додгаро, фалак туро ҷуръакаши пиёла бод,**
**Душмани дилсиёҳи ту ғарқа ба хун чу лола бод.**

Ва арзи хидмат кардам:

–Волоҳазрато, мусаллам аст, ки Шумо шахсияти бофазилати мазҳабӣ ҳастед. Мо ду нафар мусофири тоҷикистонӣ аз маконе ба Ҳамадон ташриф овардем, ки он ҷо зиёратгоҳи Мир Сайид Алӣ, бузургворе ҳаст ва ба қавли эшон ба ҳабдаҳ пушт насаб ба ҳазрати Расул пайванд. Шашсад сол аст, ки ин бузургвори ғариб меҳмони кишвари мост. Аммо мо ба шаҳри эшон меҳмонӣ барои як шаб омадему наметавонем ҷойи хоб пайдо кард.

Охунд, ҷавон ҳам бошад, оқилу зарофатфаҳм будааст. Инро шунида, табассум кард. Бо пешонии худ ба меҳмондор, ки бо пайдо шудани ӯ бо лабҳои пурхандаи чоплусона дандонҳои зарди худро ошкор карда буд, ишораи сабуки омиронаи «ин ҷо биё» кард.

Меҳмондор чорқат шуда, давида назди охунд омад. Охунд сӯйи чоплус қавоқ баркашид ва бидуни он ки чизе гӯяд, ду ангушти дасти росташро нишон дода, баъд онро ба як мубаддал сохт. Яъне ду манзил ҷудо кунед, яккасӣ.

Меҳмондор дуқад шуда, қафонокӣ рафта, қариб дар курсӣ бармехӯрд, базӯр тавозун нигоҳ дошта, дар ҷойи худ рост истод ва бо нигоҳу таъзим охунди ҷавонро то ғайб задан гусел кард.

Баъди рафтани он ҳумоюнқадами фархундапай, бо қошу қавоқ барои мо ду хонаро рӯйи истифода қарор дод.

Профессор табассуми қаноатмандона карду:

– Аз арвоҳи хеши ҳазрати Пайғамбар як охунди зинда зӯртар будааст, – гуфт.

## АЗ ҚАЪРИ ГИЛИ СИЁҲ ТО АВҶИ ЗУҲАЛ

Субҳ ману дӯстам ба сӯйи қиблаи илму хирад, донишу маърифат, ақлу фаросат ва қудрати инсонӣ – мақбараи олими забардаст, табиби соҳибқудрат, шоиру мусиқидон, файласуфи зеҳниятшиносу аз олам бохабар, давлатомӯз, қуллаи дарки ҳастӣ, тоҷике, ки ливои нангу номуси инсониро бар зидди ҷаҳолату хурофот, торикиву раҳгумӣ ва тангдастии табиат дар назди оламиён баланд кардааст, яъне Абуалӣ ибни Сино раҳсипор гаштем.

Профессор Раҳими Мусулмониён ҳангоми зиёрати марқади ин бузургвор, асосан, бо ман, аммо гӯё худ ба худ иброз дошт:

–Тавре ки донишманди эронӣ Саид Нафисӣ далел меорад, Абуалӣ ибни Сино дар тули ҳаёти кӯтоҳаш, дар шароити сарсону саргардонӣ, таассубу таъқиб ва тақдири носозгори зиндагӣ 456 китобу рисола навиштааст.

Аз ҷумла, 23 асари худро бо забони модариаш – тоҷикӣ таълиф намудааст. Китобҳои ӯ «Ал-маҷмуъ», «Китоб-уш-шифо», «Рисолаи кимиё», «Мантиқи форсӣ», «Наҷот» ва ғайра аз кашфиёти бемисли замони худ ва чанд асри баъди давраи ин олими беҳамто маҳсуб мегарданд.

Танҳо «Китоб-уш-шифо» - и ӯ ҳалли чандин масъалаҳои печидаи фалсафа, мантиқ, математика, табиат, мусиқӣ ва монанди инҳоро дарбар мегирад.

Номи Абуалӣ ибни Сино бо фаҳм, дарк ва умқи зеҳнияти миллати тоҷик ва тоҷикият тавъам аст. Ӯ ҳувияти миллии мост.

Чандин порчаҳои шеърии Абуалӣ ибни Сино шаҳодат аз он медиҳанд, ки торикӣ, ҷаҳолат ва хурофотпарастии руҳониёни ифротӣ бар зидди мактаб, маориф, илм, хирад ва равшангарой решаҳои таърихӣ доранд. Маҳз ҳамин омилҳо сабаби аслии ҷанги шаҳрвандӣ буданд. Ва эҳтимоли қавӣ он аст, ки боз чанд даҳсолаи дигар бадбахтиҳои бузургро бар зидди миллати тоҷик меоваранд:

**Куфри чу мане газофу осон набувад,**
**Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.**
**Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир,**
**Пас дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.**

**Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,**
**Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.**
**Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,**
**Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.**

**Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,**
**Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.**
**Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,**
**Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.**

Ин суханҳоро гуфта, профессори гуреза ва фиребхӯрдаи тоҷик хеле ғамангез ва дардолуд гашт. Ба ҳоли худ ва миллати зери хурофоту ҷаҳолатгаштаи хеш, ки акнун бо ҳамин сабаб бо ёрии аҷнабиён якдигаркушӣ мекунад, ҳазорҳо афсус мехӯрд.

Бо анҷоми зиёрати мақбараи ин абармарди тоҷик, профессор Раҳими Мусулмониён маро ба оромгоҳи хурд ва назарногири шоири машҳури Эрон Орифи Қазвинӣ овард, ки тибқи васияти ӯ, дар ивази бузургворие, ки дар шеъраш нишон додааст, инъоме

нахостааст, магар ин ки дар пойдомани манзили ахирати Абуалӣ ибни Сино ӯро ҷой диҳанд.

Ҳукуматдорон ин васиятро сазовор дониста, ҳамчунон кардаанд.

Инак, дар тахтасанги сари гӯри ин шоири тавоно чунин байте навишта шудааст:

**Умрам гаҳе ба ҳаҷр, гаҳе дар сафар гузашт,**
**Таърихи зиндагӣ ҳама бо дарди сар гузашт.**

Чун рӯзи дигар ман аз хидмати давлатӣ фориғ шудам, то он дам Мусулмониён дар шаҳр нишони авлоди Мир Сайид Алии Ҳамадониро муайян карда будааст.

Маро ба иншоот ва зиёрати мақбараҳои марбут ба ин хонадон даъват кард.

Роҳбаладии мо, марди солманд – доктор Солукӣ яке аз донишмандон ва мардумшиносони доираҳои илмии Ҳамадон будааст. Ӯ бо овардани шаҷара ва далелҳои таърихӣ исбот намуд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, воқеан, аз қавми араб ва аз авлоди ҳазрати Алӣ мебошад. Ва дар ин шаҳр аз қавми Алавиён будани эшон бо санадҳо таъйид гардидааст.

## НЕШИ АҚРАБ НА АЗ РАҲИ КИН АСТ

Ифтихор аз таърихи миллати хеш нишонаи бузургӣ, масъулиятшиносӣ, худогоҳӣ, эҳёгарӣ, шарафмандӣ, шоистасолорӣ ва рисолатшиносӣ аст.

Аммо баъзе аз «зиёиён»-е, ки ба аслияти ватанпарастии худ хиёнат карда, дастобрези мутаассибони ифротгаро ва тарроҳони ҷанги бародаркуш шуда, ба Эрон фирор карда буданд, таърихи миллати хешро дар ҳафтод соли ахир ноҷавонмардона таҳриф мекарданд.

Бо ин аъмол ҳам, мехостанд рӯширинӣ ва чоплусие ба бегонагон кунанд. Меҳрубоние аз онон тамаъ баранд. Табассуму тараҳҳуми аҷнабиёнро сазовор шаванд.

Фаромӯш мекарданд, ки дар асл, ҳамагон дастпарварони Ватани хешанд. Дар ин сарзамин худ, фарзандон ва аҳли авлодашон таваллуд ва бузург шуданд. Бе музд таҳсилоти мактаби миёнаву олӣ гирифтанд. Дар риштаҳои номзадиву докторӣ, бидуни пардохти маблағ таҳсил карданд. Сазовор буданд ё не, ба унвонҳои баланди илмӣ ноил гаштанд. Лоиқ буданд ё не, соҳиби манзилу манзалат шуданд. Фазилатеро, ки падарон васият карданд, сарфи назар намуданд:

**Зи ҷӯйе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,**
**Нашояд фигандан дар он сангу хок.**

Яке аз муовинони Вазири амнияти Тоҷикистон, ки дар сафи ҳайати Комиссияи оштии миллӣ буд, лаҳзаеро нақл мекард, ки собиқ журналисти номдори Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибқаламими маъруф дар ғарибӣ, дар сари миз аз пеши яке аз саркардагони иттиҳоди мухолифин, ки сабабгори ҷанги шаҳрвандӣ буд, тез-тез резаҳои нон ва пасмондаҳои хӯроки ӯро ҷамъ намуда, табақчаҳои эшонро пок ва дам ба дам иваз мекард. Худ ғизо тановул наменамуд. Саропо дар хизмати он фурӯмоя қарор дошт.

Ҳамин буд, формулаи фалсафии вазъияти «инқилоби зеҳнӣ»-и «мағзҳои миллат» – зиёиёни миллӣ дар таносуб бо фазои маънавӣ ва ҷисмонии халқи бечораи раҳгумзадаи тоҷик дар оғози даҳаи охирини асри гузашта.

Бо супориши саркардагони худ, ин дастаи ба ном зиёӣ, бидуни эҳсоси хиҷолат, мардуми худро дар муқоиса бо давраи «гул-гулшукуфӣ»-и салтанати амирони манғитияи Бухоро, комилан ақибмонда, торик ва маҳрум аз пешравӣ дар кулли соҳаҳои иҷтимоӣ қаламдод мекарданд.

Бидуни шак, чунин тафсир – манзалати миллати тоҷикро боз ҳам паст кардан, онро дар қиболи аҷнабиён то дараҷаи ниҳоӣ беқурб гардонидан буд. Мақсад аз он, асоснок кардани ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчун «ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ», бештар ба даст овардани маблағ, пулу мол ба хотири минбаъд ҳам аланга задани низои саросарӣ ва ба ҳар қимат ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб мегардид.

## ДАР ФАРАНГ АЗ БЕХАРӢ МУҲТОҶИ РОҲИ ОҲАНАНД

Профессор Раҳими Мусулмониён аз чунин муносибат, тухмат ва дурӯғбофии маҳзи собиқ ҳамсафони худ сахт асабонӣ мешуд. Азоби руҳӣ мекашид. Онро таҳқири бешармона, беадолатона ва кӯрнамакӣ нисбат ба миллат ва давлати хеш медонист.

Рӯзе устод Мусулмониён ба Сафорат назди ман омад. Як даста аз чунин мақолаҳоро, ки дар матбуоти давлатӣ ва хусусии Эрон, беибо, аз ҷониби ин «зиёиён»-и мухолиф нашр мешуд, гирифта овард. Хонд ва тафсир кард. Хоҳиш намуд, ки Сафорат ба онҳо вокуниши расмӣ нишон диҳад.

Мо ин корро салоҳ нашуморидем. Гуфтушуниди байни тоҷикон мерафт. Намехостем он халалдор шавад. Баъдан, худи мухолифон дар байни оммаи мардум обрӯ ва эътибор надоштанд. Онҳо мехостанд, **усма бар абрӯи кӯр зананд. Ва домани давлат ба зӯр бигиранд.**

Ман ин маъниро ба Раҳими Мусулмониён гуфтам. Ӯ фикри моро маъқул шуморид ва хулоса кард:

– Хуб. Агар ин тавр бошад, ман худам матлабе дар посух барои хонандаи Эрон менависам ва нашр мекунам.

Баъди як ҳафта профессор бо сарсухани пурмуҳтаво ва арзишманд, мақолаи устод Садриддин Айнӣ таҳти унвони **«Дар Фаранг аз бехарӣ муҳтоҷи роҳи оҳананд» -** ро дар яке аз маҷаллаҳои маъруфи Эрон чоп кард. Онро ҷавоб ба навиштаҳои зиёиёни чоплуси фурӯхташуда, ки намак хӯрда, дар намакдон туф карда, дастовардҳои миллати худро дар ҳафтод соли ахир, бошуурона, ғаразмандона, дидаву дониста ночиз мешумориданд, тафсир намуд. Ва лозим донистааст, ки чанд нусхаашро пешкаши кормандони сафорат низ гардонад.

Тибқи навиштаи устод Айнӣ, баъди инқилоби Бухоро ҳам, нафароне пайдо шуда буданд, ки ошкору ниҳон дар бораи «дастовардҳо»-и амирони манғития афсонаҳо менавиштанд.

Садриддин Айнӣ, ки худ аз шоҳидон ва муҳаққиқони ҷавонмарди таърихи Бухорои амирӣ буд ва ба он «хонаи бедоду ситам» ва «маҳкамаи ҷабр» нафрати беандоза дошт, аз ҷумла, дар бораи муҳтаво, сифат, дараҷаи таҳаввулот, рушди фикрӣ ва ҷаҳонбинии табақаҳои иҷтимоии Бухоро менависад:

«Шабе аз шабҳо дари манзили ориятии маро касе тақ – тақ зад. Онро кушодам. Ҳаво мисле, ки аз лаби табақ об мерехта бошанд, беист меборид. Ду нафар аз ҳамқишлоқиёни камбағали қашшоқ бо либосҳои даридаи шип-шилта дами дар истода буданд:

Яке аз онҳо пеш даромада:

– Домулло, дар ин ҳуҷраи мадраса муш мушро тангӣ мекунад. Лекин аз барои Худо, мо илоҷи дигар надорем. Ду дарза ҳезумеро, ки барои рӯзгузаронӣ ба бозор оварда будем, як бало карда, нимҳақ фурӯхтем. Шом шуд. Аз ҳаво сел омад. Бубинед, мо дар обу гил ғӯттидаем. Шаб торик. Харҳоямон роҳ рафта натавонистанд. Дар ин кӯчаҳои Бухорои Шариф лой то миён. Агар иҷозат бошад, ҳамин шабро дар ҳуҷраи Шумо рӯз кунем. Дами субҳ, дигар боиси озори Шумо намешавем, – гуфт.

– Албатта, албатта. Дароед. Ҳозир ман дар дегдон оташ мегиронам. Либосҳоятонро хушк карда мегиред. Андак нафас рост мекунед. Баъд, субҳ ихтиёратон, – гуфтам ман.

Деҳқонон хурсанд шуданд:

– Эҳ, Илоҳӣ, барака ёбед, домулло. Раҳми моро хӯрдед. Худованд ин некиатонро ба Шумо даҳчанд карда гардонад, – гуфтанд.

Дар дегдон оташ гиронидам. Оши имшабаи барои рӯзи дигар бозмондаамро гарм карда, пеши деҳқонони бечора мондам. Чун оташ аланга зад, хона гарм шуд, дар сари палав деҳқонон ба гап даромаданд.

Яке аз онҳо, ки Мурод ном дошта, бачаи ҳушёртар буд, нақл кард:

– Домулло, имрӯз як нафари бо хатту савод, рӯзномаеро оварда, дар пеши дӯкони Қурбонбойи далол хонда, ҳамаи моро дар тааҷҷуб мононд.

– Хайр, чӣ гап будааст дар он? – пурсидам ман аз деҳқони ба ҳаяҷономада.

– Эҳ, домулло, напурсед. Дар кадом кунҷи дунё, Фаранг гуфтанӣ макон будааст. Хулоса, дар он ҷоҳо мардумон ниҳоят камбағал, нодор ва дар азоби алим гирифтор ба сар мебурдаанд. Чанд рӯз пеш дар Порис ном шаҳри он кишвар, барқ барин чиз гум шудааст. Он ҷо қатор ном ҷондоре будааст, ки барқ хӯрда, баъд дар пушташ мардумро бор карда, аз маконе ба маконе мебурдааст. Акнун, ки барқ гум шудааст, тамоми мардуми Порис пойи пиёда монда будаанд. Эҳ, бечораҳо-йе, ба дараҷае қашшоқ будаанд, ҳатто хар надоштаанд, ки савор шуда гарданд-е!

Ин суханҳоро гуфта, палавро хӯрда, деҳқонон ба ҳоли мардуми Порис хуб механдиданд».

Устод Айнӣ бо овардани ин нақл воқеияти дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва фикриву маънавии мардуми Бухороро дар муқоиса бо лофу газофи муллоҳову «донишмандоне», ки таърихи воқеии мардуми хешро чоплусона ба фоидаи амирони манғития таҳриф мекарданд, фош месохт.

Бо чунин аксуламал, яъне ошкор кардани дурӯғҳои муллоҳои ифротӣ ва зиёиёни думрави резахӯри саргардони онҳо, ки сабабгори нооромиҳои Ватани аҷдодии хеш гашта буданд, профессор Раҳими Мусулмониён чашми мардуми ноогоҳи Эронро нисбат ба воқеияти таърихӣ, муосир ва шахсиятҳои зери суоли он солу замон мекушод.

Дар бораи ин шахсияти бузург андеша карда, доимо аз дилам мегузашт:

**Қаландарони ҳақиқат ба ними ҷав нахаранд,**
**Қабои атласи он кас, ки аз ҳунар орист.**

ТДУ 321.01+323 (575.3)

# ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ: ҲУВИЯТСОЗӢ

**НАЗРӢ АСАДЗОДА**
*Коршиноси масоили иҷтимоӣ, АМИТ, шуъбаи тадқиқоти стратегӣ*

*Ҳувияти миллӣ, ки навъе аз ҳувияти иҷтимоӣ аст, чист? Он дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, меъёрҳои устувори рафтору кирдори фард ва ҷомеа, таъйини сарнавишти миллат ва давлати миллӣ чӣ нақше дорад? Ҳувийяти миллӣ дар кадом замина ташаккул меёбад? Арзишҳои миллӣ ва арзишҳои динӣ кадомҳоянд? Чаро авлавият пайдо кардани арзишҳои динӣ нисбат ба арзишҳои дунявӣ дар низоми арзишҳои ҷомеа барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва давлати миллӣ хатар эҷод мекунанд? Барои ҷилавгирӣ аз ин хатарҳо чӣ бояд кард? Ин суолҳо ва посухҳои илмӣ ба онҳо муҳтавои мақолаи зеринро дар бар мегиранд.*

**Калидвожаҳо**: *худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ, арзишҳои миллӣ, арзишҳои динӣ, низоми арзишҳо, деэтнизатсия, декултуратсия, зеҳниятсозии миллӣ, ҳувийятсозии миллӣ.*

# САМОСОЗНАНИЕ И НАЦИОНАЛЬНАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ. ФОРМИРОВАНИЕ ИДЕНТИЧНОСТИ

**НАЗРИ АСАДЗОДА**
*Эксперт по социальным проблемам НАНТ, отдел стратегического исследования*

*Что такое национальная идентичность, являющаяся разновидностью социальной идентичности? Какую роль она играет в формировании мировоззрения, устойчивых норм поведения и действий индивида и общества, а также в определении судьбы нации и национального государства? На какой основе формируется национальная идентичность? Что такое национальные ценности и религиозные ценности? Почему приоритет религиозных ценностей над светскими в системе ценностей общества представляет угрозу защите национальных интересов и национального государства? Что следует предпринять для предотвращения этих угроз? Эти вопросы и научные ответы на них составляют содержание данной статьи.*

**Ключевые слова**: *национальное самосознание, национальная идентичность, национальные ценности, религиозные ценности, система ценностей, деэтнизация, декультурация, национальная интеллектуализация, формирование национальной идентичности.*

# SELF-KNOWLEDGE AND NATIONAL IDENTIFICATION. IDENTITY DEVELOPMENT

**NAZRI ASADZODA**
*Expert for social problem NAST, section of strategic research*

*What is national identity, a type of social identity? What role does it play in shaping the worldview, stable norms of behavior, and actions of individuals and society, as well as in determining the fate of the nation and nation-state? What is the basis for national identity? What are national values and religious values? Why does the priority of religious values over secular ones in a society's value system pose a threat to the protection of national interests and the nation-state? What should be done to prevent these threats? These questions and the scholarly answers to them form the content of this article.*

**Key words**: *national self-consciousness, national identity, national values, religious values, value system, de-ethnicization, deculturation, national intellectualization, formation of national identity.*

Худшиносии миллӣ сатҳи огоҳии миллат аз гузаштаи воқеӣ, решаҳои таърихӣ, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ, эҳтиром ба фарҳанг, забони миллӣ, Ватан, дарки нақш, ҷойгоҳ ва рисолати миллӣ мебошад. Талошу сахткӯшӣ ва масъулиятшиносии миллат дар

самти ҳифзи манофеи худ ба дараҷаи худшиносии миллӣ вобаста аст. Худшиносии миллӣ омили ангезабахши миллат дар ростои ҳифзи ҷойгоҳ ва манофеи худ аст. Он дар заминаи хотираи таърихии миллат ба вуҷуд омада, омили аслии ташаккули ҳувияти миллист.

Ҳувияти миллӣ навъе аз ҳувияти иҷтимоист, ки сифатҳои муҳимми ҳастии миллатро ифода мекунад. **Ҳувияти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки дар тӯли таърих дар миёни миллати муайян шакл мегирад ва унсурҳои таркибии он бо мурури замон ба қолабҳои фарогири фикрӣ ва меъёрҳои устувори рафтору кирдор табдил ёфта, аз ҷониби аъзои ҷомеаи миллӣ ба таври ғайрииродӣ риоя мегарданд.** Қадами аввали он дарки тафовути «мо» ва «дигарон» аст, ки аз он шаклгирии ҳувияти миллии шахс оғоз мегардад. Ҳамчун падидаи иҷтимоию равонӣ ҳувияти миллӣ дар шакли забони умумӣ, рамзҳо, фарҳангу таърихи муштарак, эҳсоси меҳандӯстӣ, ифтихор аз гузаштаи миллати хеш ва масъулиятшиносии миллӣ ифода мешавад. Бинобар он ҳувияти миллӣ яке аз омилҳои бунёдии танзимкунандаи андешаву амали аъзои як ҷомеа ё давлати миллӣ мебошад [1, 127] ва мафҳумест, ки бо мафҳуми «худшиносии миллӣ» иртиботи мустақим дорад, аммо худшиносии миллӣ аз рӯи маъно ва моҳияти худ шинохт ва огоҳии миллатро ба шумули роҳи таърихии тайкарда ва дигар вижагиҳои ӯ аз тарафи худи миллат ё аксарияти афроди он дар бар мегирад, на пазириши масъулият дар назди миллатро, ки хусусияти умдаи ҳувияти миллист. Аз ин аст, ки ҳувияти миллиро ҳамчунин **эҳсоси мансубият ба миллати муайян ва пазириши масъулият дар назди он** низ медонанд. Ҳувияти миллии қавӣ маҳаки асосии ваҳдату амнияти миллӣ, ҳамгироии иҷтимоии намояндагони миллат ва кафолати ҳифзи истиқлоли давлати миллӣ мебошад.

Чунонки ишора шуд, ҳувияти миллӣ яке аз навъҳои ҳувияти иҷтимоист. Ҳувиятҳои иҷтимоӣ гуногунанд, ки ҳувияти миллӣ, маҳаллӣ, динӣ, мазҳабӣ намунаҳое аз он мебошанд. Гуногунии ҳувиятҳои иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳат ба низоми арзишҳое вобастагӣ дорад, ки гурӯҳи иҷтимоӣ ба он эҳтиром қоил аст. Агар гурӯҳи иҷтимоӣ (масалан, миллат) ба низоми арзишҳои динӣ эътиқод ва эҳтиром дошта бошад ва онро нисбат ба арзишҳои дигар авлавият диҳад, табиист, ки ҳувияти он динӣ хоҳад буд. Аслан ҳувияти иҷтимоӣ мафҳуми чандсатҳа ё чандқабата аст. Он низ чун низоми арзишҳо сохтори иэрархалӣ дорад. Дар низоми арзишҳои як ҷомеа (миллат) метавонанд арзишҳое ҷой дошта бошанд, ки ба низомҳои арзишии мухталиф мансубанд, масалан, низомҳои арзишии миллӣ, маҳаллӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ғ. Муайян кардани ҳувияти иҷтимоии одамон бар ин асос сурат мегирад, ки онҳо дар низоми арзишии худ ба кадом навъе аз арзишҳо авлавият медиҳанд. Масалан, агар барои аксари афроди ҷомеа арзишҳои миллие чун Ватан, давлати миллӣ, манофеи миллӣ, қаҳрамонҳои миллат ва амсоли инҳо нисбат ба арзишҳои дигар дар авлавият қарор дошта бошанд, пас, ҳувияти ҷомеа миллӣ дониста мешавад. Ва баръакс, агар барои аксарияти мардум арзишҳои динӣ (шариат, анбиё, авлиё, имомҳо ва ғ.) ё арзишҳои маҳаллӣ (минтақаи зисту зодгоҳ, аз ҷумла шимолу ҷануб; манофеи маҳаллӣ, ҳамдиёрону ҳамшаҳриён ва ғ.) нисбат ба арзишҳои дигар дар авлавият бошанд, пас, ҳувияти онҳо мутаносибан динӣ ва ё маҳаллӣ хоҳад буд.

Дар ин навишта манзур аз ҳувияти миллӣ ҳувияти ҷомеаест, ки дар он аксарияти шаҳрвандон арзишҳои миллиро дар қиёс ба дигар арзишҳо авлавият медиҳанд.

Дар шароити зудтағйири ҷаҳони муосир нақши ҳувияти миллӣ дар ҳифзи бақо ва рушди миллӣ дорои аҳамияти фавқулода аст. Ҳувияти миллӣ фарогири масоили гуногуни иҷтимоию равонӣ аст, ки таҳлилу омӯзиш ва ташаккулу муҳандисии он имкон фароҳам меоварад, то ҳадафҳои умумӣ, меъёрҳои ахлоқию рафтории мардумон ва роҳкорҳои рушди ҷомеа муайян ва коркард шаванд [2, 197]. Ҳамаи ин имкон медиҳад, то саволи “мо кӣ ҳастем”-и миллӣ ҷавоби мушаххас ва ҳамапазир пайдо кунанд. Дар раванди ҷаҳонишавии имрӯза сатҳи худшиносии миллӣ барои ҳифзи бақои давлатҳову миллатҳо ниҳоят муҳим аст. Ҳувияти миллӣ дар вазъи кунунии хатарҳои минтақавию ҷаҳонӣ метавонад ба ҳайси пардаи ҳифозатӣ барои миллати тоҷик хидмат намояд. Ҳоло барои давлат ва миллати мо таҳдиди хатарҳое аз қабили исломи сиёсӣ, пантуркизм, терроризму

экстремизми динӣ, космополитизм, аз як сӯ, ва маҳалгароӣ, аз сӯи дигар, вуҷуд доранд, ки ҳар кадоме аз инҳо ба худии худ метавонанд сабаби ташаннуҷи иҷтимоӣ ва монеаи рушди кишварамон гарданд.

Ҳувияти миллӣ ҷиҳати ҳифзи давлати миллӣ ва рушди он нақши ҳалкунанда дорад, зеро он ба вуҷудоварандаи масъулияти миллӣ барои ҳифзи бақо ва дарёфти роҳҳои рушди миллат аст. Ҳар кӣ дар воқеъ ҳувияти миллӣ дорад, табиист, ки худро масъули ҳифзи давлати миллӣ хоҳад донист, зеро давлати миллӣ муҳимтарин абзори ҳифзи бақо ва рушди миллат аст.

Маҳз худшиносиву ҳувияти миллӣ ва шинохти манофеи миллӣ буд, ки нухбагони миллатҳои Аврупоро дар муқобили султаи чандинасраи динмеҳвари калисои Рим қарор дод ва ба ин васила ҷараёни ақидативу амалии прогрессивиеро бунёд гузошт, ки баъдан он ба унвони «Давраи Эҳё ва Таҷаддуди Аврупо» маъруф шуда, боиси таҳаввулоти ҷиддие дар тамоми абъоди тамаддуни башарӣ, ба вижа дар ростои хирадгароӣ, ривоҷи илмиву техникӣ ва ворастагии ақл аз султаи эътиқод гардид [3, 183].

Дар раванди муборизаҳои геополитикии муосир, ки он беш аз пеш хусусияти глобалӣ касб намуда истодааст, танҳо ҳамон миллат худро аз ҷанбаҳои манфӣ, ё хатарҳои ҷаҳонишавӣ ҳифз карда метавонад, ки ҳувият ва худшиносии миллии устувору қавӣ дошта бошад ва дар ин замина барои тақвияти қудрати миллӣ мубориза барад, ки он дар шароити кунунӣ ба василаи даст ёфтан ба илму технологияи навин имконпазир аст.

Боиси таассуф аст, ки фазои зеҳнияти ҷомеаи моро феълан таассуби динӣ ва хурофот пур кардааст [4, 152]. Дар ҳамин замина дар шуури бахше аз афроди ҷомеаи мо арзишҳои динӣ нисбат ба арзишҳои миллӣ авлавият доранд, аз ин рӯ, табиист, ки ҳувияти онҳо динист, на миллӣ. Шахсе, ки ҳувияти динӣ дорад «меҳан, ҷомеа ва масъулияти шаҳрвандӣ нақши таъйинкунандае дар зиндагиаш надоранд ва барояш бетафовут мебошанд, зеро худро дар баробари мазҳаб мукаллаф медонад, на дар баробари меҳану ҷомеа ва давлат» [5, 168].

Азбаски ислом ба ҷуз «миллати Иброҳим» ё «уммати мусулмон», ки дар асоси умумияти эътиқодӣ таркиб ёфтааст, ҳар гуна фаҳмиши мафҳуми миллатро инкор мекунад, ҷойгоҳи баланд касб кардани таассуби динию хурофот дар зеҳнияту шуури мо метавонад буҳрони ҳувияти миллиро дар пай дошта бошад. Алии Шариатӣ дар мавриди таъсири ислом ба ҷомеа ва фарҳанги мардуми мо менависад: «Заъфи эҳсоси миллият дар Эронзамин... ду омили муассир дорад: яке ислом, ки як мазҳаби хориҷӣ аст... ва бахусус мухолифи сареҳи асли миллият аст... Таърих нозир ва шоҳид аст, ки пеш аз ислом эҳсоси миллият дар байни эронитаборон бисёр қавӣ будааст ва қавитар аз мазҳаб» [5, 223].

Албатта, дар тӯли асрҳо баъзе арзишу меъёрҳои дини ислом бо арзишҳову ғояҳои миллӣ ҳамоҳангӣ пайдо кардаанд. Аммо дар баъзе самтҳои муҳимме чун сиёсат, афкори иҷтимоиву фалсафӣ, арзёбии шахсиятҳои таърихӣ, таърихи тоисломӣ, давлатдориҳои миллӣ, санъат, ҳунар, расму оин, маросим ва ҷашнҳои миллӣ ва ғ. нигоҳи намояндагони дин ва марҷаъҳои динӣ бо фарҳанги асил ва манфиатҳои миллӣ созгор нест, ки ин яке аз сабабҳои то кунун идома ёфтани буҳрони ҳувияти миллӣ дар байни тоҷикон гаштааст.

Воқеияти таърихӣ исбот кардааст, ки ислом бо вуҷуди дини фаромиллӣ муаррифӣ шуданаш, тӯли садсолаҳо натавонистааст фарқиятҳои миллии пайравонашро аз байн барад ва дар он сарзаминҳое, ки бо баҳона ва пӯшиши исломизатсия раванди декултуризатсия ва деэтнизатсияи [6, 182] баъзе халқҳо ба вуҷуд омад, он чизе набуд ҷуз арабизатсия кардани онҳо. Масалан, ҷорӣ кардани ислом бо чунин шеваю усул сабаб гардид, ки мардумони мутамаддине чун бобулиён ва қибтиёни Миср комилан аз байн бурда шуда, ба араб мубаддал гардиданд. Пас, чаро бояд тоҷикон ба тарзе мусулмонӣ ва ё исломгароӣ кунанд, ки ба нафъи дигар миллатҳо ва зарари худи онҳо бошад? Агар ҳар кӣ исломро бо чунин муҳтаво ва маънӣ таблиғ ва татбиқ кардан мехоҳад, яқинан душмани миллати тоҷик аст. Мо дар баробари эҳтиром гузоштан ба эътиқоду арзишҳои

исломӣ бояд ҳамчун миллатҳои дигари мусулмон ва алалхусус ба мисли миллати араб ва турк барои ҳифзи манфиатҳо ва рушди миллии хеш ҳамеша талош варзем. Расидан ба ин ҳадаф бидуни зеҳниятсозӣ ва ҳувиятсозии миллӣ ғайриимкон аст.

Аҳли зиёи ҷомеаи мо, ниҳодҳои илмӣ ва дастгоҳи идеологии кишвар барои дарёфти роҳҳои расидан ба ин аҳдофи миллӣ бояд корҳои зарурӣ, аз ҷумла пажуҳишҳои илмиеро анҷом диҳанд, ки ба рушди зеҳнияту ҳувиятсозии миллии мо ва умуман, рушди миллии тоҷикон такон бахшад, рӯҳияи миллӣ ва худшиносии мардумро бедор созад [7, 132].

Тарвиҷи дингароӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва таблиғи арзишҳои динӣ, ки мисли сели иттилоотӣ мунтазам интишор дода мешавад, пружаҳоеянд, ки ҳама ҳадафмандона тарроҳӣ шудаанд. Ин гуна иттилоот ва интишори мунтазами онҳо аслан ба хотири дин нестанд, балки ба хотири сиёсикунонии дин ва истифода аз он ба ҳайси абзори қудрат ва тавсияи манофеъ сурат мегирад. Миллатҳои қудратманду тавсеаталаб ҳамчун бозигарони сиёсии сатҳи минтақаву ҷаҳон аслан намехоҳанд, ки миллатҳои тараққихоҳ ҷаҳонбинии илмӣ ва ҳувияти миллии қавӣ дошта бошанд [2, 297]. Ба дарди онҳо миллатҳое мехуранд, ки аз як сӯ, истеъмолкунандаи маҳсулоти саноатии барзиёди онҳо бошанд, аз сӯи дигар, зарфияти илмӣ ва технологии коркарди пурраи захираҳои табиии қаламрави худро надошта бошанд, то маҷбур ба фурӯши захираҳои табиии худ дар шакли хом ва ё ниматамом шаванд. Яъне ба нафъи онҳост, агар дар кишварҳои ба ном «ҷаҳони сеюм» ҷаҳонбинии мардум на илмӣ, балки диниву хурофотӣ бошад. Зеро захираҳои зеҳниву табиии ин гуна миллатҳоро метавон ба осонӣ идора намуд ва аз онҳо ҳамчун манбаи ашёи хом (1), масрафкунанда (2) ва қувваи арзони корӣ (3) истифода кард. Дар ҳар кишваре, ки ҳувияти миллии мардуми он баланд бошад, талош барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ зиёд хоҳад шуд. Ангезаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ мардумро барои дастёбӣ ба рушд ва тавсеаи миллӣ ва дар зимн корбурди самараноки захираҳои зеҳниву табиии миллӣ таҳрик хоҳад дод. Ин раванд дар шароити кунунӣ сабаб хоҳад шуд, ки дер ё зуд миллат ба илм ҳамчун ба абзори коркарду корбурди захираҳои табиӣ ва мудернизатсияи ҷомеа рӯй оварад. Аз ин рӯ, дар ҷомеае, ки ҳувияти миллии афроди он қавист, заминаи ташаккули давлати воқеии миллӣ ва қавӣ шудани он устувор хоҳад буд. Дар чунин давлат баҳрабардорӣ аз сармояҳои инсонӣ ва табиии он тавассути кишварҳои тавсеаталаб ниҳоят мушкил мегардад. Бинобар ин, давлатҳои қудратманд ва тавсеаталаб аслан ҳеҷ ангезае надоранд, ки заминаи ташаккули чунин ҷомеа ва давлатеро ба вуҷуд оваранд ва ё ҳадди ақалл ба раванди ташаккули он мусоидат намоянд.

Худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ заминаи қавии ҳифзи манофеи миллат аст, ки он миллатро ба корбурди илмбунёди захираҳои табииву инсонии қаламраваш ангеза медиҳад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки бар асоси илму фановарӣ пеш меравад, маҳз худшиносиву ҳувият ва масъулиятшиносии миллӣ аст, ки миллатро ба пазириши мантиқи воқеият ва доштани ҷаҳонбинии илмӣ савқ хоҳад дод. Давлатҳои миллӣ одатан кӯшиш менамоянд, ки бо истифода аз абзорҳои ҳувиятсозиашон ҳамбастагии миллиро қавӣ гардонида, онро ҷиҳати ҳифзи манофеи миллӣ ва пешрафти кишвари худ истифода намоянд. Ҳувияти баланди миллӣ эҳсоси масъулиятшиносии миллиро ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, ки миллат дар муддати кӯтоҳ нерӯи умумии хешро ҷиҳати шукуфоиву рушди хеш равона созад. Ин ҳолатро таърих борҳо исбот намудааст. Он чӣ барои қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар давлатҳои миллӣ писандида нест, ин аст, ки чунин давлатҳову миллатҳо ба хотири ҳифзи бақо ва манофеашон тадриҷан ба илму технологияи муосир рӯ меоранд ва аз ин тариқ метавонанд дар муддати кӯтоҳ ба рақиби кишварҳои қудратманд табдил ёбанд.

Аз ин хотир, қудратҳои сатҳи байналмилалӣ ҳамеша дар мухолифат бо давлатҳои миллии худкифо қарор гирифта, ҷиҳати онҳоро зери нуфузи худ қарор додан аз абзори дин ва ривоҷ додани таассубу хурофот, бартарият додан ба ҳувиятсозии динӣ, низоъҳои мазҳабӣ ва амсоли инҳо истифода менамоянд. Ҳар қадар сатҳи ҳувияти динӣ боло бурда шавад, ҳамон қадар ҳувияти миллӣ ва дар зимн ангеза барои ҳифзи манофеи миллӣ заиф

мегардад. Яке аз роҳҳои мутеъ намудани миллатҳо ин заиф кардани ҳувияту худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва дар ниҳоят, аз байн бурдани нерӯи муқовимати онҳо мебошад. Ин кор маҳз ба воситаи коҳиш додани эътиқоди онҳо ба муқаддасоту арзишҳои миллӣ, хотираи таърихӣ, шахсиятҳои таърихӣ, улгуҳо ва қаҳрамонҳои миллиашон амалӣ мешавад. Дар таърихи тоҷикон низ қавмҳои истилогар ҳамеша талош менамуданд, ки муқаддасоту арзишҳои миллӣ, шахсиятҳо ва осори таърихӣ ва ҳатто ҳамосаю устураҳои миллии тоҷиконро аз миён баранд, таҳриф кунад ва хотираи таърихии миллатро дар бораи онҳо нобуд созанд. Ситез бо афроде чун Фирдавсӣ ва осоре чун «Шоҳнома», ки ҳанӯз ҳам идома дорад, далели ошкори ин иддаост. Дар ин маънӣ бо афкори Муртазо Мутаҳҳарӣ, ки яке аз назарияпардозони низоми давлати исломӣ дар Эрон аст, ошно мешавем: «Зинда кардани луғоти порсии бостонӣ баргашт аз таъолими Қуръон аст...». «Фирдавсӣ марде зиёнкор буд. Ин ҳама сару садо барои азамати Фирдавсӣ ва ҷашнвора ва ҳазора ва сохтани мақбара ва даъвати хориҷиён аз тамоми кишварҳо барои эҳёи "Шоҳнома" ва таҷлилу такрим аз ин марди зиёнкор, бардаи тиҳидаст барои чист? Барои он аст, ки дар баробари луғати Қуръон ва забони араб, ки забони ислом ва забони расулуллоҳ аст, сӣ сол умри худро ба ишқи динорҳои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба бод дода ва "Шоҳнома"-и афсонаиро гирд овардааст» [3, 192].

Агар ба сабабу омилҳои ташаккулу таназзули давлатдориҳои миллиамон дар тӯли таърих нигарем, эҳёи ин давлатдориҳо аз эҳёи худшиносии миллӣ маншаъ гирифта, шикасту бохтҳои онҳо бошад, ба заъфи худшиносии миллӣ ва шикасти ғояи миллӣ марбут будааст. Эҳёи давлатдориҳои миллии тоҷикон дар даврони хилофати араб, бахусус таъсиси давлати Сомониён маҳз дар заминаи худогоҳиву бедории шуури миллӣ ба вуҷуд омада буд. Аммо шикасти ин давлат ба тағйир ёфтани арзишҳои меҳварии миллат, ғояи миллӣ ва ҷойи онҳоро дар зеҳни мардум ишғол кардани арзишҳои диниву мазҳабӣ иртибот дошт.

Ҷанбаи дигаре, ки аҳамияти ташаккули ҳувияти миллиро дар ҷомеаи мо меафзояд, ин аст, ки вақте ҳувияти миллӣ тақвият меёбад, миллат ба ваҳдати воқеиву устувор даст ёфта, ба ин васила метавонад хатари ангезаҳои маҳалгароиро, ки боиси парешонии миллат мешаванд, ҷилавгирӣ намояд. Ҷиҳати аз байн бурдани ин мушкилӣ, ки яке аз омилҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо низ буд ва ҳоло ҳам метавонад ба яке аз нуқтаҳои заъфи миллӣ табдил ёфта, аз ҷониби бозигарони сатҳи байналмилалӣ сӯиистифода шавад, барномаи ҳувиятсозии миллӣ хеле муфид ва муҳим аст. Барои аз байн бурдани ин падидаи номатлуб бояд баҳри ташаккули ҳувияти миллӣ, бартар шуморидани манофеи миллат аз ҳама гуна манофеи фардӣ, гурӯҳӣ ё маҳаллӣ ва ба вуҷуд овардани низоми арзишии ягонаи миллӣ талош варзид.

Ангезаи маҳалгароӣ, ки омилҳои муайяни таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва равоншиносии худро дорад, яке аз монеаҳои бисёр ҷиддӣ дар роҳи таҳкими ваҳдати ҷомеа ва устувории давлати миллӣ мебошад. Барои аз байн бурдани ин падидаи номатлуб ва ҷилавгирӣ аз ниҳодина шудани он татбиқи асосҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии рушди маҳалҳо, таҳияи барномаҳои мукаммали тарбиявию идеологӣ ҷиҳати тарбияи рӯҳияи ватанпарастию худшиносии миллии шаҳрвандон, хоса ҷавонон мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ростои ташаккули ҳувияти миллӣ кори дигари муфид ва муассире, ки метавон анҷом дод, сиёсати кадрист. Дар ҷобаҷогузории кадрҳо пеш аз ҳама ба мутахассисони шоиста, махсусан онҳое, ки ҳувияту худшиносии баланди миллӣ доранд ва барояшон мафҳуми миллат ва арзишҳои миллӣ аз ҳама арзишҳои дигар муқаддасу муқаддам аст, бояд афзалият дода шавад. Яъне дар интихоби кадр пеш аз ҳама, ба доштани ҳувияти миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, сатҳи касбият, дониш, таҷриба, тавоноии зеҳнӣ ва истеъдоди шаҳрвандон эътибор бояд дод. Тавре дар боло ишора кардем, ҳифзи манофеи миллӣ ва мавқеъгирии давлатӣ ба ҳувияти миллӣ ба чигунагии ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносӣ ва хираду дониши ашхоси роҳбарикунанда сахт иртибот дорад. Тибқи пажӯҳишҳои иддае аз

ҷомеашиносон ошкор шудааст, ки аксари мардум одатан дар ҳамаи амалкардҳояшон пайравиву тақлид аз фарҳанги элитарӣ менамоянд [8, 344]. Аз ин рӯ, ҳар қадар ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони давлатӣ аз сатҳи маҳал то ба сатҳҳои болоӣ дорои ҳувияти баланди миллӣ ва посдори арзишҳову манофеи миллӣ бошанд, ҳамон қадар метавонанд ба оммаи мардум бахри ҳифзи манофеи миллӣ ангеза бахшанд.

Ҳисси худкамбинии миллӣ ва набуди эҳсоси ватанпарастӣ заминаи ташаккули афроде хоҳанд шуд, ки нисбат ба арзишҳову манфиатҳо ва муқаддасоти миллии мо мавқеи бетарафона ва ҳатто ситезакорона дошта, табиист, ки дар ҳифзи онҳо ҳеҷ гуна масъулияти иҷтимоиеро эҳсос намекунанд. Махсусан зуҳури нафарони конформист ва неоконформист, инчунин тавсеаёбии ин навъи гурӯҳҳо метавонанд барои ҷомеа ва дар маҷмӯъ давлату миллати мо осеб расонанд [8, 344]. Барои нафарони конформисту неоконформист ба ҷуз аз манфиатҳои фардиашон ҳеҷ манфиати дигаре қобили аҳамият нест [6, 237]. Аз ин аст, ки онҳо ҳамеша ба ҷуз роҳатталабиву манфиатҳои фардию гурӯҳии худ ҳеҷ гоҳ дар мавриди манфиати миллӣ андеша намекунанд ва ҳатто ба хотири ҳифзи манфиатҳои фардии хеш омодаанд, ки манфиатҳои миллиро қурбон намоянд, ба вижа агар фишангҳои идоракунии ҷомеаро дар ихтиёр дошта бошанд.

Маҳз аз тариқи зеҳниятсозӣ мо метавонем ба ҳувиятсозии миллӣ даст ёбем ва он мушкилоте, ки дар шуури ҷамъиятии мо ҳаст, бартараф созем. Ҳувияти миллӣ дар таъини сарнавишти миллат нақши муҳим дорад [9, 66].

**Ҳувияти миллӣ падидаи табииву биологӣ нест, он падидаи равониву иҷтимоист [10, 31].** Зеҳният ва ҳувияти одамон маҳз дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ, аз ҷумла муҳити хонавода, муҳити тарбиятиву фарҳангӣ, миллӣ, анъанаю одат, сиёсат, воситаи ахбори омма ва ғайра шакл мегирад. Барномаи ҳувиятсозии миллии мо бояд бар асоси низоми арзишҳои миллӣ, фарҳанги дунявият ва хирадгароиву илммеҳварӣ таҳия ва мавриди корбурд қарор дода шавад.

**Ҳувиятсозии миллӣ навъе аз зеҳниятсозии мусбат ва раванди миллатсозӣ аст, ки низоми арзишӣ ва андешаву амали намояндаи миллатро ба таври устувор бар асоси манофеъ ва ормонҳои миллӣ шакл ва тамаркуз медиҳад.**

Яке аз муҳимтарин вазифаҳое, ки дар марҳилаи феълӣ дар назди давлати миллӣ ва тамоми нерӯҳои огоҳи ҷомеа истодааст, ҳувиятсозии миллӣ, яъне такмил ва тақвият бахшидани раванди ташаккули ҳувияти миллии тоҷикон ҳамчун миллати мустақили соҳибдавлат мебошад. Зеро мардуми тоҷик агарчи ҳамчун воҳиди мустақили этнофарҳангӣ имкони ташаккул доштааст, аммо ҳамзамон дар марҳилаи тӯлонии маҳрум будан аз истиқлоли сиёсиву давлатдории мустақили миллӣ, тағйир ёфтани низоми арзишҳо ва роҳандозии пружаи декултуратсияву деэтнизатсияи миллатҳои ғолиб, ҳувияти миллии он заиф шудааст [2, 298]. **Бедор ва фаъол будани ҳувияти миллии як миллат ба он маъност, ки аҳли миллат илова бар умури фарҳангӣ, аз масъалаҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва давлатии ҳифзи миллат низ огоҳ буда, нисбат ба он таваҷҷуҳ ва ҳассосият дошта бошанд.** Онҳо дар бораи ҷойгоҳ ва зарурати давлати миллӣ, ҳифзи истиқлол, суботу амнияти ҷомеа, обрӯ ва номусу ғурури миллӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ҳамчун заруратҳои ҳифзи миллат андеша намуда, дар ин самт талоши фардии худро дареғ надоранд. Дар сурати набудани ҳувияти миллӣ ва тафаккури сиёсии миллӣ ҳифзи давлатдории миллӣ ва бақои худи миллат дар оянда бо мушкилот рӯбарӯ мегардад.

**Дар назар бояд гирифт, ки барномаи ҳувиятсозии миллӣ кори якдафъаина нест. Он равандест, ки барои ҳифзи бақо ва рушди миллӣ дар шакли барномарезишуда ба таври ҳамешагӣ бояд роҳандозӣ шавад.**

Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти бухронии ҳувияти миллии тоҷикон, бартариятёбии арзишҳои динию хурофотӣ дар таркиби он, заиф гаштани ҳиссу ифтихороти миллии аҳолӣ ва бо таҳдидҳои мушаххас рӯбарӯ будани давлати миллӣ ва низоми дунявии давлат зарурату аҳамияти масъалаи ҳувиятсозии миллӣ ва нақши он дар ҳифзи давлатдории миллиро, пеш аз ҳама бояд масъулини давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, ниҳодҳои илмиву

тадқиқотӣ, алалхусус ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, этнопсихологҳо, аксиологҳо ва муаррихони огоҳи кишвар дарк намоянд. Ҳамчунин, ходимони динии кишвар низ масъалаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва ҳифзи давлатдории миллиро бояд бахше аз масъулияти шаҳрвандии худ бидонанд. «Арзишҳои динӣ бо шаклҳои ба миллати мо хос бояд дар ҳамбастагӣ бо фарҳанги миллӣ ҳамчун як қисми таркибии он арзёбӣ карда шаванд» [11].

Масъалаи ҷойгоҳи унсурҳои ҳувиятсози миллӣ дар низоми арзишҳои миллат ва сатҳи таъсири унсурҳои динӣ ба онҳо яке аз масъалаҳои муҳими раванди миллатсозӣ ва рушди давлати миллӣ мебошад. Дар ин раванд бе таъмини авлавияти арзишҳои миллӣ дар таркиби ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти афроди ҷомеа ташаккули ҳувияти миллӣ номумкин аст. Бо ин мақсад бояд ҳувияти миллӣ ба таври огоҳона барномарезӣ шуда, методология ва технологияи ҳувийятсозии миллӣ ба вуҷуд оварда шавад, то дар раванди миллатсозӣ ба тадриҷ арзишҳои миллӣ дар таркиби ҳувияти миллӣ авлавият пайдо карда, мақоми муайянкунанда ва нақши калидӣ бозида тавонанд.

Ҳувиятсозии миллӣ бо такя ба низоми давлатдории дунявӣ ва хирадгароиву илммеҳварӣ дар тамоми кишварҳои мутараққӣ ва алалхусус кишварҳои аврупоӣ ва Амрико хос аст. Америкоиҳо (ИМА дар назар аст) ҷиҳати боло бурдани ҳувияти миллиашон доимо аз идеяҳои “Зиндагии амрикоӣ” (*American Life*) истифода менамоянд. Ҳамин андешаро метавон дар тамоми фаъолияти амрикоиҳо мушоҳида намуд, ки онҳо дар филмҳо, намоишҳои телевизионӣ, суҳбатҳо ва ҳатто дар баҳсҳои сиёсӣ ҳамеша мафҳумҳо ва таъбирҳои ифтихорбарангези “абаринсони амрикоӣ”, “Амрико ҳамчун кишвари наҷотдиҳанда, озодибахш, таъминкунандаи ҳуқуқии инсон дар ҷаҳон, меҳвари адолат” ва амсоли инҳоро таблиғ мекунанд.

Ин имкон медиҳад, ки ИМА агарчи таърихи тӯлоние ҳам надошта бошанд, вале бо идеяҳо ва арзишҳои муайян ҳувияти амрикоиро, ки саршор аз худбоварӣ ва эътимод ба нафс аст, ба миён оваранд ва бо ин ғояҳои ифтихорбарангез давлату миллати худро муттаҳид карда, барои рушду тараққӣ ва тавсеаталабӣ ангеза диҳанд.

Дар шароити муборизаҳои шадид ва мураккаби геосиёсӣ масъалаи таҳкими ҳувияти миллӣ, тақвияти арзишҳои миллӣ ва ҳифзи давлатдории миллӣ аҳаммияти махсуси амалӣ пайдо мекунад. Дар ин раванд давлати миллӣ муҳимтарин субъект ва василаи ҳувийятсозии миллӣ, абзори ҳифзу тақвияти арзишҳо ва манфиатҳои миллист, ки бояд бо тамоми зарфияти худ дар ин самт фаъолият намояд. Бинобар ин, ҳадафҳое чун эҳёи ҳувияти миллӣ, таъмини волоияти арзишҳои миллӣ, таъмин ва ҳифзи моҳияти миллии давлат ва таҳкими низоми давлатдории дунявӣ бояд ба таври расмӣ аз ҷумлаи муҳимтарин манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои давлати миллии мустақили тоҷикон муайян карда шаванд.

**Ҳувияти миллӣ агарчи падидаи нисбатан устувори равониву иҷтимоист, аммо он метавонад дар заминаи зеҳниятсозӣ ва таъсири муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва иттилоотӣ тағйиру таҳаввул ёбад.** Ҷойи шубҳа нест, ки раванди ҷаҳонишавӣ имрӯз на фақат дар ташаккули робитаҳои иқтисодиву фарҳангӣ ва сиёсии давлатҳои миллӣ, балки дар шаклгирии ҳувияти онҳо низ таъсиргузор аст. Ин раванд метавонад дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии миллатҳо таъсири ҳам мусбат ва ҳам манфӣ расонад. Муҳаққиқони равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ин масъала ҳадди ақал ду ақидаи мухталифро ироа менамоянд. Гурӯҳи аввали муҳаққиқон ақида доранд, ки раванди ҷаҳонишавӣ хусусияти ҳувийятзудоӣ дорад ва алалхусус барои миллатҳои заиф хатарбор мебошад.

Ҷонибдорони ақидаи дувум бар онанд, ки баръакс, раванди ҷаҳонишавӣ миллатҳои гуногунро бо ҳам дар маърази бархурди шадид қарор дода, ҳамчун омили ангезабахш ва тақвиятдиҳандаи ҳувияти миллии онҳо метавонад хидмат кунад. Онҳо мутмаинанд, ки дар ин раванд миллатҳо дар баробари шинос шудан ба таъриху фарҳангу тавоноиҳои ҳамдигар, ҳамчунин таваҷҷуҳашон ба таъриху фарҳанг ва тавоноиҳо ё нуқтазаъфҳои хеш низ меафзояд, ки маҳз бо ҳамин сабаб онҳо дар паиислоҳи вазъи худ мешаванд. Ин

маънои онро дорад, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар зеҳни миллатҳо ва алалхусус миллатҳои осебпазир эҳсоси ҳифзу тақвияти фарҳанги хешро бедор месозад ва ҷараёни ташаккули ҳувийяту худшиносии миллии онҳоро таҳрику ангеза мебахшад, албатта агар сатҳи дарк ва огоҳии миллат кофӣ бошад. Бояд гуфт, ки заминаи асосии раванди ҷаҳонишавиро тавсеаталабии сиёсиву судҷӯии иқтисодии миллатҳову давлатҳои нерӯманд ва ширкатҳои истеҳсолии сатҳи байналмилалӣ ташкил медиҳад, ки дар асл таърихи хеле куҳан дорад. Намунаи барҷастаи он «Роҳи абрешим» аст, ки миллатҳои гуногуни сайёраро бо ҳам наздику шинос мекард. Вале ин раванд дар садаҳои XX-XXI ба сабаби рушди рӯзафзуни технологияи коммуникатсионӣ ва ҳамлу нақл суръати бештар касб кард. Дар даҳсолаҳои охир раванди муҳоҷират низ дар муколамаи фарҳангҳои гуногун таъсиргузор гардид ва ба ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсии ҷаҳонишавӣ такони дигаре бахшид.

Хулоса, таъсирпазирии миллатҳо аз ҳамдигар дар шароити ҷаҳонишавӣ афзоиш ёфта, ба зеҳнияти миллии онҳо бе таъсир намемонад. Вале ин маънои онро надорад, ки дар ин раванд ҷаҳони якфарҳангӣ ба вуҷуд омада, ҳувийятҳои миллиро комилан аз байн мебарад. Баръакс, дар шароити ҷаҳонишавӣ миллатҳои оянданигар дар амри такмил ва зеҳниятсозии хеш аз имконот ва озодиҳои зиёде бархурдор мешаванд. Миллатҳои огоҳ дар масъалаи ҳифзи ҳувияти миллиашон вобаста ба шиддат гирифтани рақобатҳову бархурдҳои байниҳамдигарӣ нигаронии бештар пайдо карда, барои муқовимат пайваста решаҳои фарҳангии худро ҷустуҷӯ ва ҳимоя мекунанд. Дар ҳифзи ҳувияти миллӣ давлатҳо бо истифода аз зарфияти нухбагони миллӣ ва зиёиёни миллатдӯст метавонанд баъзе ҷанбаҳои манфии раванди ҷаҳонишавиро пешгирӣ ва нуқтазаъфҳои миллии худро бозбинӣ карда, ислоҳоти саривақтиро дар сатҳи фарҳангу сиёсати хеш ворид созанд. Яъне дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва дар маҷмӯъ, сарнавишти миллату давлати миллӣ дар дасти давлатмардону зиёиёни фаъолу созанда ва нерӯҳои ватандӯсти миллат аст. Наметавон дар баробари ҷаҳонишавӣ марзҳои миллатҳоро баст. Балки миллатҳоро зарур аст, ки ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, аз он барои рушди хеш баҳрабардорӣ кунанд. Мо низ метавонем аз раванди ҷаҳонишавӣ баҳрабардорӣ кунем, агар ба бозбиниву бозсозии зеҳнияти ҷомеа ва хирадмеҳвару муқовиматпазир кардани он даст ёбем. Умуман, чигунагии сарнавишти миллатҳо, ба вижа, дар раванди тезутунди ҷаҳонишавӣ аслан ба ҳувияти миллӣ, сатҳи дарк, шеваи муносибат ва нерӯи муқовимати онҳо вобаста аст: миллатҳои огоҳу қавӣ дар ин гирудор қавитар мешаванд, вале миллатҳои ноогоҳу заиф ба тадриҷ заифтар ва ҳатто деэтнизатсия ва нобуд хоҳанд шуд. “Бояд равандҳои эҳтимолии манфии оянда дар воқеияти кунунӣ ислоҳ гарданд”[12, 43].

**АДАБИЁТ:**


1. Гюстав Лебон, “Психология народов и масс” (с комментариями и объяснениями Александра Маркова), «Издательство АСТ», Москва-2020.
2. Ятимов С. Асарҳо. ҷилди 7. Душанбе. “Ганҷ нашриёт”, -2019.
3. Лодан Амирҳусайн, "Худосолорӣ ва дармондагӣ", Теҳрон, ширкати “Китоб”, соли 1393(2014).
4. Садриддин Айнӣ, «Таърихи инқилоби Бухоро», Душанбе, “Адиб”, 1987.
5. Лодан Амирҳусайн, "Худосолорӣ ва дармондагӣ", Теҳрон, ширкати “Китоб”, соли 1393(2014).
6. Энциклопедический словарь. -М., 1991.
7. Педагогика ва психология", Миралиев А.М., Давлатов М., Душанбе, "Ирфон", 2007.
8. Ҳовард Горднер, “Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон”, (тарҷумаи К.Харроҷӣ), -Теҳрон, нашри “Най”, с.2019.
9. Гегель Г.В. Энциклопедия философских наук. Т. 3 Философия духа.– М.: Мысль, 1977.
10. Савин Н.В., "Педагогика", нашриёти "Маориф", Душанбе, 1975.

11. Матни суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар мавзӯи "Моҳияти таҳаммулпазирии мазҳаби Имоми Аъзам ва вазъи дин дар кишвар" дар конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба 1310-солагии Имоми Аъзам. 26.02.2009. - www.president.tj/habarho_260209.htm.
12. С.Ятимов, "Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ", Душанбе, Ганҷ нашриёт, 2015.

ТДУ 321.01+323 (575.3)

# ДАРКУ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДӢ, ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД БАРОИ БУНЁДИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ

**КАРИМОВ П.Д.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, муаллиф кӯшиш намудааст, ки моҳияти Конститутсия, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро дар бунёди давлати дунявӣ инъикос намояд. Дар ин замина, шуури миллӣ, боз ҳам мустаҳкам гардида, дарк ва устувор намудани сатҳи донишҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, худшиносии миллӣ ва дақиқ шинохтани таърихи миллат ҳадафи асосии таҳқиқот ба шумор меравад. Яке аз мақсадҳои асосии масъалаи мазкур таҳлил ва муайян намудани таҳдиду хатарҳои замони муосир ба суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар назар дошта шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *Конститутсия, вазифаҳои асосии инсон, шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ, давлати дунявӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, худогоҳӣ, шуури миллӣ, фарҳанг, маданият, таърих, сиёсат, терроризм, экстремизм, хурофот.*

## ПОНЯТИЕ И СОБЛЮДЕНИЕ ПРАВ, СВОБОД, ОСНОВНЫХ ОБЯЗАННОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА ДЛЯ СОЗДАНИЯ СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА

**КАРИМОВ П.Д.**
*Соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье автор приложил усилия исследовать сущность Конституции, права, свободы и основные обязанности человека и гражданина в построении светского государства, национального самосознания, дальнейшее укрепление, понимание и повышение уровня политических, культурных и правовых знаний, национального самопознания, а также более глубоко изучения истории нации и осмысления угроз, опасностей современной эпохи.*

**Ключевые слова:** *Конституция, основные обязанности человека, гражданин, право, свобода, светское государство, патриотизм, самопознание, самосознание, национальное сознание, культура, цивилизация, история, политика, терроризм, экстремизм, суеверие (предрассудки).*

## COGNITION AND REGARDING RIGHTS OF FREEDOM AND THE MAIN TASKS OF HUMAN, CITIZEN FOR FOUNDING SECULAR STATE

**KARIMOV P.D.**
*Applicant of the Institute of Philosophy, Law and Political Science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author attempts to reflect in particular the essence of constitutional human and civil rights, freedoms, and fundamental duties in the process of building a secular state. In this context, national consciousness is further strengthened, and the comprehension and consolidation of the level of political, cultural, and legal knowledge, national self-awareness, as well as an accurate understanding of the history of the nation, are considered the main objectives of the research. One of the key aims of this study is also the analysis and identification of contemporary threats and challenges to political stability and national unity.*

**Keywords:** *Constitution, the main task of human, citizen, right, freedom, secular state, patriotism, self-knowledge, self-consciousness, national conscience, culture, civilization, history, terrorism, extremism, superstition.*

Бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷамъиятиву сиёсии минтақа ва ҷаҳон, таҳдиду хатарҳои замони муосир дар шаклу усул ва равишҳои нав, ки пеш аз ҳама ба арзишҳою муқаддасот, фарҳанги миллӣ, ҳастии миллат ва дар ниҳояти кор ба сохти конститутсионии давлатдории миллии мо ҳадафмандона тарҳрезӣ шудаанд, зарурат пеш омадааст то нерӯҳои ақливу зеҳнӣ ва молиявии шаҳрвандон ҳадафмандона дар муқобили ин хатарҳои марговар истодагарӣ карда тавонанд. Ҳамин вазъият ба мо низ таъсири худро ворид кардааст. Барои он ки шаҳрванди мо аз воқеияти ҳаёт, рӯйдодҳои гирду атрофаш, таърих ва саргузашти худ бохабар шавад ва онро дуруст шинохта тавонад, ӯро мебояд бо чашми хирад назар намояд, ки кафолати ояндаи босаодат – ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд танҳо дар давлати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин карда мешавад. Дар ин замина, бунёди ҷомеаи дунявӣ аз шаҳрвандони мо шуури ҷамъиятӣ, маърифат ва дониши баланди ҳуқуқиро талаб мекунад. Инсон ва шаҳрванд бо роҳи амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои худ барои ташаккул ва рушди давлати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳиссагузоранд. Зеро дунявият як арзиши сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Худи давлат низ мафҳуми сирф ҳуқуқист. Ҳамосаи дунёи тоҷик дар ҷараёни аниқ дарк намудани таърих, адабиёт, фарҳанг, маданият, маърифат ва дониши баланди халқҳои ориённажод аҳаммияти фавқулодда бузург дошт ва дорад.

Яке аз унсурҳои доимии ҳувияти миллии тоҷикон – ин қобилияти дар ҳама гуна шароити душвори таърихӣ зиста тавонистани онҳо ва ҳамзамон, ҳифзи айнияти фарҳангиашон мебошад. Ниҳоятан, имрӯз миллати тоҷик дар баробари дурнамои ҷадиди таърихи хеш қарор дошта, имкон пайдо намудааст, ки орзуҳои чандинасраи худро оид ба бунёд намудани давлати соҳибихтиёру мустақил амалӣ гардонад. Аҳаммият ва муҳиммияти бунёд кардан ва доштани чунин сохти давлатдориро мутахассисони варзидаи тоҷик шарҳу тавзеҳҳои амиқу дурусту воқеӣ додаанд. Аз ҷумла, олимони тоҷик Маҳмадизода Н.А. ва Назарзода С.Т. масъаларо мушаххасан чунин иброз доштаанд: «Аслан барои рушди давлати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шинохти дуруст ва таърифи возеҳи мафҳуми дунявият зарур аст» [5, 177]. Ҳамин тариқ, имрӯз дар назди мо мақсади муҳимтаре ғайр аз бунёд кардани давлатдории мустақили миллӣ, ки тавонад миллатро муттаҳид созад, вуҷуд надорад. Оламу дунёи тоҷик дар баробари дурнамои ҷадиди таърихи хеш қарор дорад ва имкон пайдо намудааст, ки орзуҳои чандинасраи худро оид ба бунёд намудани давлати соҳибихтиёру мустақил, демократию дунявӣ амалӣ гардонад.

Барои устувории системаи фарҳангӣ – иҷтимоӣ низ ҳамчун як меҳвари дигар бояд хидмат кунад. Аз ин рӯ, шаҳрванд дарк, андеша ва биниш (на биниши бечораҳолона, бетарафона ва дудила), ҳадафи дуруст ва мақсади муайяни ояндабинии худро дар асоси дастовардҳои илмҳои таърих, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқ, дақиқ, сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монад. Дарк ва андешаи саргузашти таърихи талху сангини миллат, моҳият, арзиши фаҳмиши воқеияти муҳити имрӯзро донад. Донад, ки дар тӯли мавҷудияти худ тоҷикон тавонистанд ҳофизаи таърихии худ, маънавиёт ва маданияти умумӣ ва зери соябони айнияти ягонаи фарҳангиашонро ҳифзу ҳимоя ва эҳтиёт карда, ваҳдати фарҳангӣ, забонӣ ва таърихӣ – этникии худро ҳифз намуда, урфу одат ва суннатҳои ориёии дар тӯли таърихи беш аз шашҳазорсолаи мавҷудияти миллат ташаккулёфтаро дар зеҳнаш мустаҳкам ҷой додааст. Ба ақидаи адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон «…кулли илмҳои инсонпарварӣ ё ба қавли дигар – гуманитарӣ – таъриху ҳуқуқ, фалсафа, равоншиносӣ, ахлоқ, адабиёт ва ғайра дар маҷмӯъ ҳадафи тағйиру такмил додани инсонро тавассути дар ниҳоди ӯ ба вуҷуд овардани андешаи мустақил, афкори худӣ, мавқеи муайяни ҷаҳоншиносиву маърифати фаррохи олами ашё, ба таври кулл –озодандеширо доранд» [9, 94]. Таъриху адабиёт ва фарҳангу шуури миллии мо таҳкурсӣ, девор ва боми мустаҳками худро асрҳост ки дар бар мегирад. Агар намебуд, аз ин миллату забонаш, фарҳангу оинҳои миллиаш, осори ҷаҳонгираш ному нишон намемонд. Имрӯзҳо, шуури миллии мо аз мабнои навини технологӣ, иттилоотӣ ва маънавӣ низ ғизобардорӣ мекунад.

Хизматчии давлатӣ ва шаҳрванди одии моро ҳаётан муҳим аст: «бояд дуруст тасаввур намояд, ки дар сурати аз даст рафтани давлат тақдири миллати ӯ, тақдири худи ӯ, сарнавишти падару модар ва фарзанди ӯ, сарнавишти ҳамватанон ва ҳаммиллатони ӯ чӣ хоҳад шуд» [1, 203].

Акнун, шаҳрвандони моро мебояд воқеияти замонро ба пуррагӣ аз бар карда тавонанд. Бо ҳасрат зиндагӣ ба сар набаранд. Аз неъмати соҳибдавлатӣ дар давоми садсолаҳо бебаҳра буданро аз хотир набароранд. Фирефтаи таблиғоти гурӯҳҳои носолим ва нерӯҳои ифротгарои динӣ нагарданд. Гузашта ва ҳозираро дар хусуси дин ҳамчун усул, восита ва бовармандӣ ба эътиқодоти мардуми одӣ мавриди истифода қарор доштан ва доданро фаромӯш накунанд. Зеро, мавзуи дунявият ва дин воқеан ҳам баҳснок, мураккаб ва печида буда, муҳаққиқони моро мебояд барои таҳлилу пажӯҳиши он аз паҳлӯҳои гуногун назар афкананд ва барои ҷомеаи имрӯзаи мо хулосаи муфидро пешниҳод кунанд. Ҳамчунин эҳтимолияти равандҳои пуртаззоди геополитикӣ, ки асоси онҳоро зиддияти манфиатҳо, бахусус дар самти иқтисодиёт ташкил мекунанд, ба инобат гиранд. Чунки инсон бо шинохти ҳақиқату воқеияти илмӣ метавонад тамоми зуҳуроти падида ва воқеаҳои мушкили худро ҳал карда тавонад. Дар акси ҳол хурофотӣ боқӣ мемонад. «Дар сурати паҳн шудани назарияи ифротгароии динӣ, насли ояндаи мо тамоми осори таърихию фарҳангӣ, тамоми офаридаҳои илмию маънавӣ, кулли осори ҷаҳоншумули адабиёти классикии форсу тоҷик, тамоми шоҳкориҳои низоми ахлоқию тарбиятии миллӣ ва тамоми ифтихороту арзишҳои миллиро бо дасти худашон ҳамчун «осори куфру бидъат» нобуд хоҳанд кард!» [11, 36].

Имрӯзҳо ба назар мерасад, ки қисмате аз мардуми мо пойбанди ин ё он ақидаи хом гардида, ҳатто қобилияти дарк намудани хубро аз бад надоранд, нафаҳмиданд ё фаҳмидан намехоҳанд. Ҷомеашинос Назрӣ Асадзода дар ин хусус чунин ақида дорад: «миллате, ки таҳти таъсири хурофот қарор дорад, табиист, ки авомили суду зарари худро наметавонад дуруст ташхис кунад, аз ин рӯ бисёр осон ба абзори дасти нерӯҳои манфиатҷӯ табдил мееёбад ва нохудогоҳ ба зарари худу ба нафъи бадхоҳони хеш талош меварзад» [2, 34 – 35].

Олими дигари тоҷик Мирзоев Ғ.Ҷ. назари худро оид ба сабабу омилҳои пайдоиши терроризм ва экстремизм чунин баён намудааст: «Дар баробари заминаҳои эътиқодиву динбоварӣ, инчунин омилҳои зиёде, чун омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, геополитикӣ, камбизоатӣ, бекорӣ, паст будани маърифати ҷавонону шаҳрвандон, муҳоҷирати нодурусти меҳнатӣ, набудани назорати солими оила ва падару модар, тарғибу ташвиқи намояндагони ҳаракатҳои ифротӣ, хоҳиши худозмоӣ ва дар гирудорҳои низомиву задухӯрдҳо иштирок намудан ва ғайраҳо дар якҷоягӣ ба ташаккулёбии ин зуҳурот мусоидат мекунанд ва сабаби ҷалби шаҳрвандон, махсусан ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротиву террористӣ мешаванд» [6, 31].

Замони муосир бо тамоми ҳастиаш исбот менамояд, ки ҷараён ва ташаккули таърих танҳо рӯи як хати муайян сурат намегирад. Муносибат ба ин ё он падидаву равандҳои ҷамъиятӣ ба таври ногузир дар оинаи худшиносии миллӣ ва фарҳанги миллӣ ҷилвагар мегардад. Аз ин лиҳоз, хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳои замони муосирро доктори илмҳои сиёсӣ Сафарализода Х. Қ. чунин таҳлилу таҳқиқ намудаанд: «Дар чунин шароит ҳифзи фарҳанг, забон, анъанаҳо, хотираи таърихӣ, ваҳдати миллӣ, арзишҳои миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, сохтори конститутсионии давлат дар мадди аввал қарор мегиранд» [10, 365].

Инсон ва шаҳрванд дар вақти баррасӣ, таҳлил ва арзёбии ҳодисоти дар гирду атроф рухдода, бояд дараҷаи баланди истеъдоди фитрӣ, дарки моҳияти масъала, зуҳуротро дошта бошад ва муносибати дуруст кунад. Тақдири ягонаи фарҳангӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангӣ – таърихии миллатро дуруст дарк кунад. Аз ҳуқуқу озодии фардӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бархӯрдор бошад. Донад, ки ҳуқуқу озодиҳои асосӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Мисоли мушаххас ин аст, ки асоси ҳуқуқу озодиҳои фардӣ аз боби аввали Конститутсия оғоз меёбад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Донистанаш зарур аст, ки дар моддаи 5 – уми Конститутсия ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии одамонро дахлнопазир дониста, муқаррар менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ба ин модда, соли 2003, ба тариқи раъйпурсӣ чунин илова ворид карда шуд, ки «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд» [4].

Оид ба муҳиммияти тарбияи зеҳнӣ ва фарҳангӣ пажӯҳишгар Нозим Нурзода чунин ақида дорад: «Тарбияи зеҳнӣ ва фарҳангӣ, қабл аз ҳама, дар марҳилаи ҷанинии ташаккул ва рушди насли миллӣ корсозтар аст» [8, 68 – 69]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд миллату халқиятҳо зиндагӣ мекунанд. Бо ба инобат гирифтани миллиятҳои гуногун манфиатҳои онҳо ҳимоя карда мешавад. Зеро сарфи назар кардани он сабаби ноором кардани вазъияти дохилӣ мегардад. Ба ин ҳамчунин баъзе омилҳои беруна, аз ҷумла муносибатҳои ҳадафмандонаи гурӯҳҳои сиёсии баъзе аз кишварҳои дуру наздик мисол шуда метавонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати муосири демократӣ ҳуқуқҳои фитрии инсонро дар сатҳи Конститутсия эътироф мекунад. Чунки инсон бидуни ин ҳуқуқҳо зиндагӣ карда наметавонад ва озодии ӯ дар дасти худи ӯст. Халқи тоҷик бо қабули Конститутсия имконияти воқеии расиданро ба мақсади асосии хеш – эҳё намудани давлатдории миллӣ пайдо намуд. Файласуф Исомиддин Шарифзода дар ин бора чунин қайд намудааст: «Ҳадафи зиндагии инсонӣ озодии инсон аст ва инсонҳо танҳо дар ҷомеаи дунявӣ метавонанд озодии хешро ҳифз кунанд ва ба саодат ва ҳамзистии осоишта ба сар бибаранд» [13, 14]. Ба ибораи дигар, дар тӯли таърих миллати тоҷик талабгор ва ҷонибдори бунёд намудани чунин сохти давлатдорӣ будааст ва ҳаст. Ҳама давлатҳои бузурги мо ҷавҳари асосии сохти давлатдориашон дунявӣ будааст на исломӣ.

Тибқи моддаи 27-уми Конститутстия ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд.

Ҳамин тавр, дар заминаи иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии мамлакат фаъолияти мақсадноки низоми сиёсии ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Барои мустаҳкам кардани асосҳои сиёсию ҳуқуқӣ, заминаҳои рушди илму маориф ва технологияҳои муосир як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки сиёсати миллиро дар соҳаи илм, маориф ва гирифтани маълумоти ҳуқуқӣ муайян намуда, ба дастрасии иқтидори илмию маънавӣ ва ҳуқуқӣ равона шудаанд. Чунки, бахусус маориф низоми иҷтимоиест, ки ба воситаи он ҷараёни таълим, тарбия, маълумот ва умуман маърифати ҷомеа ба танзим дароварда мешавад.

Меъёрҳои зикргардида яке аз асосҳои сохтори конститутсионӣ дониста шудаанд ва нишондиҳандаи муҳимтарини моҳияти демократию дунявияти давлат мебошанд. Инчунин ин меъёрҳо ҳуқуқу озодиҳоеро муқаррар ва мустаҳкам кардаанд, ки ҳам барои инсон ва шаҳрванд ва ҳам барои ҷомеаю давлат ҳаётан муҳим ва дар дараҷаи баланди иҷтимоию аҳамиятнок ва заруранд, чунки ҳуқуқ ин маҳсули фаъолияти маънавии инсон аст. Чи тавре, ки моддаи 8-уми Конститутсия муқаррар кардааст, дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Моҳияти сохти конститутсионии Тоҷикистон бунёди давлати мутамаддини миллӣ аст [5, 179].

Мувофиқи моддаи 32-юми Конститутсия низоми ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқи ҳар кас ба моликият ва мерос мондани онҳо оғоз меёбад. Моликияти хусусӣ моликияти шахси ҷисмонӣ, шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, шакли махсуси моликияти хусусӣ дониста шудааст. Ба низоми ҳуқуқу озодии конститутсионии шаҳрвандон ҳамеша аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки давлат дар кадом ҳаҷм онҳоро муқаррар карда, то кадом дараҷа ба татбиқи онҳо кафолат додааст: «Барои давлату ҷомеа аҳаммияти ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои ба

тариқи конститутсионӣ муқаррартардидаи инсон ва шаҳрванд аз он иборат аст, ки маҳз онҳо ифодакунандаи моҳияти демократӣ ва ҳуқуқбунёдии давлат мебошанд» [3, 179].

Мақсад аз матлаби дар боло зикргардида дар он аст, ки масъалаҳои таҳким ва ҳифзи истиқлолият, пеш аз ҳама, ҷаҳонбинӣ, ташаккули таърихӣ, кафили пешрафт, маърифати баланд, нангу номус, сатҳи масъулиятшиносӣ ва дониши ҳуқуқӣ аз он ҷиҳат ба шаҳрванд лозим ва зарур аст, ки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии давлат фаъолона иштирок карда, дар амалигардонии шаш принсипи конститутсионии сохти давлатдории мамлакат бояд бетараф набошад. Гузашта аз ин, истиқлолияти давлатӣ мустақилияти низоми ҳуқуқии мамлакатро низ дар назар дорад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ дар таъмини истиқлолияти давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Бидонад, ки муҳимтарин вазифаҳои давлат, таъмини истиқлолият, тамомияти арзӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Чунки ҳифзи дастоварди истиқлол аз ба даст овардани истиқлол даҳо ва садҳо маротиба мушкилтар аст. Ба андешаи олими тоҷик Ятимов С.С.: «Ҳар фард дар алоҳидагӣ моҳияти Ватан ва масъулияти ватандориро эҳсос намояд. Фикру андешаи худро дар тарозуи ақл баркашад. Гузашта ва имрӯзаро воқеъбинона муқоиса ва таҳлил кунад. Хулосаи баробарвазн бо ҳақиқат бардорад. Барои рушди миллӣ чӣ зарур ва чӣ зарар доштанашро мустақилона муайян кунад» [14, 25].

Шаҳрванд ба тарзи дақиқ ва боадолатона ба паҳнои фаррохи гузаштаи ниҳоят қадимаи фарҳангии хеш нақдгузорӣ кунад. Маҳз ҳамин масъулияти бузурги ба душ доштаи фарҳанги қадимаи миллати тоҷик буд, ки дар интиҳои қарн имтиҳони душвортарини бо амри тақдир пеш омада – ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро сарбаландона убур намояд.

Дарки умқи решаҳои таърихи дуру дарози хеш, ифтихори дар асл ҳаққонӣ аз корнамоиҳои бе мислу монанди аҷдодон, паси сар намудани ҳама гуна осори талху сангини замони гузашта, эҳёи тафаккури ҷавобгӯи таърихи навини миллӣ ба муттаҳид сохтани миллат таъсири бузург хоҳад расонид. Осори пурарзиши гузаштагони некноми мо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар муҳтавояшон хислатҳои ватандӯстиву ҷасорат, муҳаббат ба замини падарон, пос нигоҳ доштани таърих, сарзаминҳои беҳудуди давлатдорӣ, анъанаву суннатҳои ниҳоят қадимаю пурғановати фарҳанги миллат бо ҳамаи амиқиҳои таърихӣ возеҳ инъикос ёфта, то ба имрӯз хеле машҳур мебошанд.Чунки дунёи ориёиён аз қаъри асрҳо сарчашма гирифта, ҳамеша пайвандсози фарҳангҳову халқҳо буд ва ҳаст.

Агар ба ояндаамон дақиқан, саҳеҳан, содиқона, ҷиддан муносибату амал кунем ва бидуни «шубҳа» назар афканем, умедвориҳои калон аст, ки рушди минбаъдаи принсипҳои давлатдорӣ дар умум «ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст» [12, 9]. Яъне, дар умум, тарбияи шаҳрванде, ки дар баробари ифтихори ҳақиқӣ аз таърихи гузаштаю имрӯза ва худогоҳии фарҳангии хеш доштан, ҳамчунин то чӣ андоза дарк, моҳият ва қобилияти аз байн бурдани ихтилофоти дохили фарҳангиро низ дошта бошад. Бояд ҳар як фарди миллати тоҷик хешро чун ворики арзандаю сазовор ва шоиста дар сатҳи куллӣ шиносонад. Зеро барои бунёди миллат боз як меҳвари дигар низ хизмат менамояд, ки он – системаи фарҳангӣ – иҷтимоӣ мебошад.

Дар қаламрави кишвар таъмини волоияти Конститутсия, самти муҳимми пешрафти қонунгузорӣ ба шумор меравад, зеро дар рафти он минбаъд қонунгузорие ташаккулу инкишоф меёбад, ки пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда мешавад. Ҳама моддаҳои Конститутсия барои таҷдиди доимии рукнҳои зиндагӣ мусоидат менамоянд. Давлати демократию дунявӣ бояд ҳуқуқҳои ҳамаи миллатҳои

кишварро мутобиқи қонун ҳифз намояд ва имрӯзҳо шоҳид ҳастем, ки ин амал дар давлати мо амри воқеӣ ба шумор меравад.

Илмҳои ҳуқуқӣ ба низоми илмҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Вазифаи асосии низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ тадқиқи давлат ва ҳуқуқ дар маҷмуъ мебошад. Мусаллам аст, ки дар ҷамъият бе донистани донишҳои асосӣ дар бораи давлат ва ҳуқуқ зистан мушкил аст. Ба принсипҳои конститутсионии ҳуқуқи инсон инҳо дохил мешаванд: принсипи эҳтироми қадру қиммати инсон; принсипи баробарҳуқуқӣ; принсипи эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои тарафайн; принсипи демократӣ; принсипи ҳамдигарфаҳмӣ; принсипи адолатнокӣ ва ғайра.

Бо мақсади дарки амиқи масъалаи матраҳшуда, яъне моҳият ва бунёди давлати дунявӣ, ҳукми бартарӣ доштани озодии виҷдонро дар Қонуни асосии мо профессор Муҳаммад А.Н. чунин иброз медорад: «Давлати дунявӣ шакли олитарини таъмини озодии виҷдон ва эътиқод буда, ҳангоми баррасӣ ҳамчун институти марказии системаи сиёсӣ вазифадор аст, ки дар ҳудуди худ амнияти дохилӣ ва берунии ҷомеаро таъмин намояд» [7, 326]. Бунёди чунин сохти давлатдорӣ зарурати ҷустуҷӯи омилҳои мутобиққунандаи ҳалли масъалаи ваҳдати миллиро дар ҷомеаи тоҷик дар ҷанбаҳои мухталиф ва бо воситаҳои мухталиф – сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва инсонгароӣ пешкаш менамояд. Онҳо имрӯз ва дар оянда як намуд омили муттаҳидкунанда ва пайвандсози алоқаҳо миёни системаҳои миллӣ – фарҳангии кишвар хизмат хоҳанд кард. Бинобар ин, нерӯи баҳамгароӣ ва мутаҳаррики пайвандсозии ин ваҳдатро ҷиддан ба инобат гирем. Инро оянда исбот хоҳад кард. Зеро, имрӯз ва дар оянда мақсаде муҳимтар аз таъмини ваҳдати миллӣ дар баробари омилу моҷароҳои геополитикӣ ва таърихӣ вуҷуд надорад.

Дарки ҳамаҷонибаи азамати вазифаҳои таърихии барои бунёди давлати дунявии дар пеши мо истода, ба дӯши мо масъулияти бузургеро вогузор карда, водор бар он месозад, ки бахри иҷрои ин мақсадҳо тамоми қувваро ба кор андозем. Маҷмӯи ягонаи фарҳангу тамаддунро таъсис диҳем, то ки худро дар ин замони бисёр хатарзои муосир ғарқи селоби пурталотум нагардонем. Бояд ба сифати воҳиди яклухти фарҳангиву тамаддунӣ қадам гузорем. Зеро сабақҳои таърих, бахусус сабақҳои фарҳангии он, танҳо дар чунин сурат маънӣ пайдо мекунанд, ки агар онҳо дар замири мардум маъво гирифта тавонанд. Ин аз мавқеъ, рафтор ва хираду заковати зиёиёни кишвар низ вобастагии амиқ дорад.

Бо барпо кардани давлати дунявӣ дар доираи он сатҳи дарки айнияти фарҳангӣ ва равандҳои стратегии рушди он хеле баланд хоҳад рафт. Шахс худро ба сифати фарди соҳибхирад, гузаштаву ояндадор тасаввур намуда, бо дарки масъулияти пешомади миллат зиндагии шоиста мекунад. Имкони сарфаҳм рафтан ба руҳияи халқ ба вуҷуд меояд. Ин мавқеъ дар шуур, ботин ва дар амал низ ҷузъи фузунёбандаи дунёи муосири тоҷикон ба шумор меравад. Миллат ҳамчун пайкари яклухти фарҳангӣ вуҷуд дошта метавонад. Симои хоси миллии худро гум намекунад. Зимни афзоиши миқдори нафароне, ки дарку фаҳмиши сохти давлатдории дунявиро эҳсос мекунанд, аз он баҳрабардорӣ месозад, дар ин замина маънавият низ рушд меёбад. Зеро мардуми мо – ворисони суннатҳои олии фарҳангӣ ва таърихӣ дар дунё мебошад. Чунин нуқтаро аниқ бояд дарк намуд, ки мо бояд суннатҳои ақлонии ҷомеа ва давлатдории қадимии тоҷиконро эҳё созем, то ки он минбаъд захираҳои тозаи маънавият, назарияву услубҳои муосири дирӯзу имрӯзи таърихшиносиро ба вуҷуд биоварад. Ташаккул ва инкишофи миллатро бидуни ҳифзи тафаккури таърихии мардум тассавур намудан амри маҳол аст.

Мусаллам аст, ки ҳар як миллатро мебояд фарҳанги миллии хешро ҳифз намояд ва онро инкишоф диҳад. Зеро фарҳанг воситаи таъминкунандаи муносибатҳои ҷомеа буда, бидуни он халқият низ вуҷуд дошта наметавонад, вагарна омилҳои ҳифзкунандаи он нобуд мегарданд. Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои имдоди соҳаи фарҳанг омилҳои пуриқтидореро созмон додааст, ки онҳо ҳам системаи маориф ва ҳам васоити ахбори умумро ба пуррагӣ фаро гирифтаанд.

Имрӯз миллат соҳиби арзишҳои ягонаи сиёсӣ мебошад. Барои ҳамин, мақсади мо дар он аст, ки ин арзишҳо дар баробари шуури шаҳрвандии кулли мардуми кишвар боло бардошта шавад. Миллати тоҷик қодир аст, ки худшиносии миллиро инкишоф дода, мардумро ба муттаҳидӣ раҳнамун созад.

Мутаассифона иқрор бояд шуд, ки ҳофизаи таърихии баъзе аз ҳаммиллатони мо на он қадар қавӣ аст, зеро борҳо дар тӯли таърихи дуру дарози миллат ҳолатҳое рух додааст, ки оқибатҳои хунину марговари он аз соддафаҳмию зудбоварии чунин афрод сарчашма мегирад. Мушкил дар он аст, ки айни замон низ чунин амал ба мушоҳида мерасад. Баъзан аз мардуми мо афсонаю бофтаҳоро не, балки воқеияти аслро фаромӯш кардаанд.

Имрӯз мафҳуми Тоҷикистон чун ҳудуди таърихии миллати тоҷик, бунёди ҳуқуқии хешро дар сатҳи байналмилалӣ хеле устувор намуда, сӯи ҷомеаи мутамаддин равона аст. Ин сарзамини аҷдодӣ мавзеи ташаккули ирсияти миллӣ ва зисту зиндагонии доимии тоҷикон дар давоми зиёда аз шаш ҳазор сол буд, ҳаст ва мемонад. Дар таърихи мавҷудияти мо нақши созандагӣ, махсусан дар бунёду мустаҳкам кардани давлатҳои бузург, обод кардани шаҳрҳо, созмони роҳҳои корвонгард (имрӯзҳо мошингард), осори ниҳоят пурарзиши гузаштагон ва имрӯзиёни некномамон, суннат, урфу одат ва фарҳангу маданияти оламгир, забони ниҳоят ширину шеъво ва шоирона дар ташаккули фарҳанги миллӣ хеле устувор буд, ҳаст ва мемонад.

Тасдиқи бебаҳс – айни замон сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – барои имрӯз ва ҳазорсолаҳои ояндаи давлату миллат дониста мешавад.

## АДАБИЁТ:


1. Абдуллоҳи Раҳнамо. Дидгоҳи давлатмеҳвар. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – С. 203.
2. Асадзода Н. Мақола: Хурофотгароиву тақдирпарастӣ ва таъсири он ба характери миллӣ. Китоби Ҷаҳонбинии дунявӣ ва мушкилоти ифротгароии динӣ (Маҷмуи мақолаҳо). Душанбе: 2023. – С. 34-35.
3. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйиру иловаҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – С. 179
4. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016.
5. Маҳмадизода Н.А., Назарзода С.Т. Дунявият ва давлатдории дунявӣ Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. – Душанбе, №2, 2025. – с. 177.
6. Мирзоев Ғ.Ҷ. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон). Душанбе: «Дониш», 2021. – С. 31.
7. Муҳаммад А. Н. Озодӣ ва истиқлоли миллӣ. Душанбе: МН «Дониш», 2024. – С. 326.
8. Нурзода Н. Мақола: Мафкураи аҷнабӣ ва шароити муқовимати фарҳангӣ. Китоби Ҷаҳонбинии дунявӣ ва мушкилоти ифротгароии динӣ (Маҷмуи мақолаҳо). Душанбе: 2023. – С. 68-69.
9. Раҳмон Ҳ. Мақола: Тафаккури солим-заминаи озодиву озодагӣ. Китоби Ҷаҳонбинии дунявӣ ва мушкилоти ифротгароии динӣ (Маҷмуи мақолаҳо). Душанбе: 2023. – С. 94.
10. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография. – Душанбе: ЭР – граф, 2023. – С. 365.
11. Х. Холиқназар, А. Раҳнамо. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар чист? – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 36.
12. Холиқов А. Ғ., Диноршоев А. М. ва дигарон. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисоси ғайриҳуқуқшиносӣ. –Душанбе: «Олами китоб», 2010. – С.9.

13. Шарифзода И. Мақола: Танҳо дунявият метавонад ҳамзистии осоишта ва пешрафти ҷомеаро таъмин намояд. Китоби Ҷаҳонбинии дунявӣ ва мушкилоти ифротгароии динӣ (Маҷмуи мақолаҳо). Душанбе: 2023. – С. 14.
14. Ятимов С.С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 206 с.

ТДУ 323: 681.3+004 (575.3)

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

**РАҲИМӢ Ф.Ҳ.**

*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола сухан атрофи мафҳум ва моҳияти ҳукумати электронӣ рафта, ҳамзамон таърихи пайдоиш ва марҳалаҳои ташаккули он ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҳукумати электронӣ яке аз усулҳои муосири идоракунии давлат ба шумор рафта, робита бо ҷомеа аз сохт ва тарзи дурусти ташкили он вобастагии калон дорад. Истилоҳи ҳукумати электронӣ «e-goverentment» дар солҳои 90-уми асри XX дар ИМА пайдо гардида, аз он ҷо ҳамчун як хусусияти истифодаи технологияҳои интернетӣ дар раванди идоракунии ҳукумат дар саросари ҷаҳон паҳн гардид. Ҳукумати электронӣ ё бо истилоҳ «e-goverentment» низоми идоракунии давлатӣ мебошад, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИК) амалӣ мегардад. Он фарогири ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон ва бахши хусусӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ҳукумати электронӣ ҳамчун як воситаи муосири идоракунии давлатӣ, бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, мавқеи асосӣ дар баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатиро фарогир аст.*

**Калидвожаҳо:** *Интернет, компютер, технология, ҳукумати электронӣ, коррупсия, шабака ва коммуникатсия.*

## КОНЦЕПЦИЯ И СУТЬ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА

**РАХИМИ Ф.Х.**

*Кандидат политических наук, доцент, докторант кафедры политологии и связей с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан*

*В статье рассматриваются концепция и сущность электронного правительства, а также история его возникновения и этапы развития. Электронное правительство является одним из современных методов государственного управления, и в этом контексте коммуникация с обществом во многом зависит от его структуры и правильной организации. Термин «электронное правительство» возник в США в 90-х годах и распространился по всему миру как характеристика использования интернет-технологий в процессе государственного управления. Электронное правительство (или «электронное правительство») - это система государственного управления, реализованная с использованием информационно-коммуникационных технологий (ИКТ). Она предполагает взаимодействие между государственными органами, гражданами и частным сектором. Таким образом, электронное правительство, как современный инструмент государственного управления, использующий возможности информационно-коммуникационных технологий, играет ключевую роль в повышении эффективности предоставления государственных услуг.*

**Ключевые слова:** *Интернет, компьютер, технологии, электронное правительство, коррупция, сеть и коммуникация.*

## CONCEPT AND ESSENCE OF ELECTRONIC GOVERNMENT

**RAHIMI F.H.**

*Candidate of political Sciences, Associate Professor, Doctoral student of the Department of Political Science and Public Relations, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan*

*The article examines the concept and essence of e-government, as well as the history of its origin and stages of development. E-government is one of the modern methods of public*

*administration, and in this context, communication with society largely depends on its structure and proper organization. The term "e-government" originated in the United States in the 90-s and from there spread throughout the world as a description of the use of Internet technologies the process the process of public administration. Electronic government (or "electronic government") is a government system implemented using information and communication technologies (ICT). It involves interaction between government bodies, citizens and the private sector. Thus, e-government, as a modern public administration tool that utilizes the capabilities of information and communication technologies, plays a key role in improving the efficiency of public service delivery.*

**Key words:** *Internet, computer, technology, e-government, corruption, network and communication.*

Инсоният дар тӯли таърих давраҳои гуногуни тараққиёти илмиро аз сар гузаронида, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ҳама марҳалаҳои инкишофи ҷамъият инсоният талош барои он намудааст, ки шароити беҳтари кору зиндагии арзандаро барои худ таъмин намояд. Чӣ тавре, ки аз таърих ба мо маълум аст, низоми идоракунии давлатӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ борҳо тағйири сохтор намуда, аз як шакл ба шакли дигар гузаштааст. Омилҳои асосии барҳам хӯрдани як низом ва рӯ овардан ба низоми дигар дақиқан ин паст гардидани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва дар маҷмуъ номуътадил гардидани дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва сохти давлатдорӣ ба шумор меравад. Бо зиёд гардидани аҳолии кишварҳо ва талаботи рӯзмарраи шаҳрвандон ба хадамоти давлатӣ фаъолияти мақомоти давлатиро ҷиҳати хизматрасонии пурсамар ба ҷомеа коста гардонида, дар ин самт норизогии оммаро ба миён овард. Инчунин, дар миқёси ҷаҳон дар раванди идоракунии давлатӣ аз ҷониби сиёсатмадорон ва шахсони мансабдор ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ роҳ додан ба ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасад, ки фаъолияти устувори ҳукуматро халалдор намуда, дар ин замина норозигии ҷомеаро нисбат ба фаъолияти шахсони мансабдор зиёд намудааст.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки мушкилиҳои ҷойдошта ва коҳиш ёфтани нуфузи мақомотҳои давлатӣ дар саросари олам давлатҳои миллиро водор бар он сохт, ки як низоми ҷадид ва ҷавобгӯ ба ниёзҳои рӯзафзуни оммаро дар амал татбиқ намуда, ба ин васила фаъолияти самарабахшро дар раванди идоракунии давлатӣ таъмин намоянд.

Дар марҳалаи кунунии инқилобҳои илмиву техникӣ ва рушди техникаи ҳисоббарор зарурати гузариш ба низоми нави идоракунии давлатӣ пеш омадааст. Маҳз ҳукумати электронӣ ҷиҳати ҳалли ин масъала нигаронида шудааст. Табаддулот дар низоми идоракунии давлатӣ асосан дар кишварҳои ғарбӣ ва Амрико ба амал омада, пешсафон ва ташабускорони асосӣ низ ҳамин кишварҳо ба ҳисоб мераванд. Дар солҳои 80-ум бисёр кишварҳо, аз ИМА то Муғулистон, ки аз ҷиҳати сохтори сиёсӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хеле фарқ мекунанд, ба ислоҳоти низоми идоракунии давлатии худ шурӯъ карданд. Ҳамин тавр, дар ИМА ислоҳот соли 1980 дар замони роҳбарии Р.Рейгани ҷумҳурихоҳ оғоз шуда, аз ҷониби аъзои ҳизби ӯ Ҷ. Буш, баъдан демократхоҳон Б.Клинтон ва боз аз ҷониби ҷумҳурихоҳон Ҷ.Буши хурдӣ идома ёфт [8]. Дар кишварҳои ғарбӣ ислоҳот дар аввал бо ду омили асосие, ки ба ҳам зич алоқаманд буд, ба амал омад:

- васеъшавии дастгоҳи бюрократӣ, дар як вақт паст шудани самараи низоми иерархии идоракунӣ ва нотавонии он барои таъмини рақобатпазирии иктисодиёти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ;
- норозигии шаҳрвандон аз сифати хизматрасониҳое, ки бо дарназардошти хароҷоти баланд ва доимо афзоянда аз давлат гирифта мешавад ва амалан аз имконияти таъсир расонидан ба қабули қарорҳои давлатӣ, ки ба манфиатҳои ҳаётии онҳо дахл дорад, маҳруманд.

Ин омил дар натиҷа, боиси паст шудани эътимоди шаҳрвандон нисбат ба давлат ва институтҳои демократияи намояндагӣ гардид, ки қонуниятҳои онро ба танзим

медаровард, инчунин, ба ҳизбҳо ва раванди интихобот, ки тамоми низоми идоракунии демократиро ба ҳаракат медаровард таъсири манфӣ расонид. Махсусан, шадидан коҳиш ёфтани эътимод ба ин ниҳодҳо, чунон ки аз пурсишҳои афкори ҷамъиятӣ дар солҳои 90-ум бармеояд дар Канада, ИМА, қитъаи Амрико, Олмон, Шветсия, Британияи Кабир ва Аврупо мушоҳида шудааст [8]. Соли 1993 дар ИМА комиссия бо роҳбарии ноиби президент А.Гор кори дастгоҳи идоракунии давлатиро таҳлил карда, ба хулосае омад, ки барои тағйир додани вазъият на танҳо «барқарор кардани тартибот», балки «reinventing the government» – зарурати ташкили як низоми нави ҳокимияти давлатӣ, ки қодир ба баргардонидани боварии аздастрафтаи омма ва бахши хусусӣ мебошад пеш омадааст [8].

Солҳои 80-ум, ки ислоҳоти васеъмиқёси идоракунии давлатӣ оғоз гардид, дар баробари ин, оғози инқилоби сеюми саноатӣ – инқилоби рақамӣ ҳисобида мешавад. Дар охири солҳои 80-ум компютерҳои фардӣ дар кишварҳои пешрафта барои миллионҳо шаҳрвандон як ҷузъи маъмулии ҳаёти рузмарра ба шумор рафта, ҳамзамон барои рушди бомуваффақияти тиҷорат муҳим арзёбӣ мегардиданд. Тибқи гуфтаҳои А.Н. Кулик дар соли 2000 дар ИМА 51% аҳолии ин кишвар истифодабарандаи компютерҳои фардӣ буданд [8]. Солҳои 80-ум низ истилоҳи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) пайдо шуд, ки ба ҳамгироии технологияҳои телекоммуникатсионӣ (ҳам симӣ ва ҳам бесим), компютерҳо ва замимаи нармафзори мувофиқ барои таъмини дастрасӣ ба иттилоот, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди он нигаронида шуда буд.

Ба ин маъно, истилоҳи ҳукумати электронӣ «e-government» дар солҳои 90-уми асри XX дар ИМА пайдо гардида, он ҳамчун як хусусияти истифодаи технологияҳои интернетӣ дар раванди идоракунии ҳукумат дар саросари ҷаҳон паҳн гардид [9]. Пешравӣ дар бахши ТИК ва оммавӣ гардидани интернет имконият фароҳам оварד, ки мафҳуми “Давлати хидматрасон” дар заминаи ҳукумати электронӣ (*e-government)*– давлате, ки ТИК-ро барои муошират ва ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва соҳибкорон ҳамчун истеъмолкунандагони хидматҳои худ истифода мебарад, пайдо гардид. Моҳи декабри соли 1999 Президент Б. Клинтон Меморандуми ҳукумати электрониро интишор кард, ки тибқи он 500 шакли ҳуҷҷатҳои бештар истифодашавандаи шаҳрвандон дар муошират бо агентиҳои федералӣ дар давоми як сол ба тариқи онлайн интиқол дода шуданд ва имзои электронии тасдиқшуда ҷорӣ карда шуд. Дар соли 2002 тибқи ташаббуси президент Ҷорҷ Буш «Санади ҳукумати электронӣ» қабул карда шуд ва дар давоми якуним сол 24 лоиҳа амалӣ гардид, ки сифати нави фаъолияти ҳукумати федералӣ дар минтақаҳои G2C-ҳукумат ба шаҳрвандон, G2B – ҳукумат ба тиҷорат, G2G – ҳамкории ҳукумати федералӣ бо ҳукуматҳои иёлот ва ҳукуматҳои маҳаллиро таъмин намуд [8]. Ташаббусҳо оид ба ташкили ҳукумати электронӣ ба масъалаи асосии ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфт. Ин ташаббусҳо пеш аз ҳама ҷиҳати роҳандозӣ намудани ҳамкории электронӣ дар дохил ва байни бахшҳои мухталиф заминаи устувор гузошт.

Татбиқи ҳукумати электронӣ боиси коҳиши сатҳи коррупсия ва кам гардидани хароҷоти зиёдатӣ гардид, инчунин ба ҷорӣ намудани низомҳои самараноки фаъолияти мақомоти давлатӣ аз рӯи натиҷаҳое, ки онҳо ба истифодабарандагони ниҳоии хизматрасониҳо пешниҳод мекунанд, мусоидат намуд. Дастрасии шаҳрвандон ва соҳибкорон ба иттилооти давлатӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, амнияти ҷамъиятӣ, шуғли аҳолӣ, андозбандӣ, иҷозатномадиҳӣ, идоракунии соҳибкорӣ, хариди молу коло, фармоишҳои давлатӣ ва амалиётҳои тиҷоратии байналмиллалӣ васеъ гардиданд. Ин раванд боис бар он шуд, ки дар баробари дастрасии соҳаҳои муҳимми фаъолияти ҷамъиятӣ ба иттилооти зарурӣ ва хадамотҳои лозима дар соҳаҳои дахлдор сатҳи хадамоти давлатӣ боло рафта, боварӣ ва эътимоди ҷомеаро ба мақомоти давлатӣ зиёд намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки баъд аз пайдоиши истилоҳи ҳукумати электронӣ шарҳу тавзеҳоти гуногун доир ба дарки амиқи ин ибора аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони соҳа дар асарҳои илмӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо зиёд гардид. Ҳар як муҳаққиқ бо дарку фаҳми

ин мафҳум ва фарогири масоили ҷойдошта, дар дораи татбиқи ин низоми нави идоракунии давлатӣ баёни андеша намуда, бо таҳлилҳо ҳукумати электрониро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Зери мафҳуми ҳукумати электронӣ, ин созмон додани шакли нави фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК), ба таври фаврӣ ва бо сифати баланд таъмин намудани дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба ахборот ва хадамотҳо инчунин, муколамаи дуҷониба миёни давлат ва шаҳрванд, фаҳмида мешавад. Ҳукумати электронӣ ё бо истилоҳ «e-government» низоми идоракунии давлатӣ мебошад, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИК) амалӣ мегардад. Он фарогири ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон ва бахши хусусӣ мебошад.

Ҳукумати электронӣ яке аз усулҳои муосири идоракунии давлат ба шумор рафта, робита бо ҷомеа аз сохт ва тарзи дурусти ташкили он вобастагии калон дорад. Ҳангоми дар амал татбиқ намудани ҳукумати электронӣ технологияи гардиши ҳуҷҷатҳо ба шакли бекоғазӣ мегузарад, ки ин харҷи маблағро садҳо маротиба камтар ва сифати корро даҳҳо маротиба зиёдтар месозад. Мусаллам аст, ки истилоҳи ҳукумати электронӣ аз тарҷумаи ибораи англисии «electronic government» ва ё худ «e-government» пайдо гардидааст. Дар забони англисӣ вожаи "government" на танҳо ба мақомоти ҳокимияти иҷроия, балки дар маҷмӯъ ба давлат тааллуқ дорад ва ҳукумати электронӣ бештар ба шакл ва усулҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ нисбат ба ҳукумат ҳамчун субъекти ин фаъолият ишора мекунад [8].

Гузариш ба низомҳои нави идоракунии давлатӣ ва дар амал татбиқ намудани имкониятҳои технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ-иртиботӣ дар замони муосир яке аз вижагиҳои хоси низоми давлатдории муосирро ба худ касб намудааст. Зикри ин нукта муҳим аст, ки дар баробари рушди босуботи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва дастрасӣ ба фазои озоди иттилоотӣ давлатҳои муосиро водор сохт, ки аз ин имкониятҳо истифода бурда, раванди идоракунии давлатиро боз ҳам устувор, мукаммал ва шаффоф гардонанд. Ҳамзамон, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муқоиса бо форматҳои қаблии идоракунии давлатӣ дар он аст, ки бо истифода аз технологияҳои-иттилоотӣ тамоми хизматрасониҳои давлатӣ дастраси омма шуда мушкилоти ҷойдошта дар ин самт тадриҷан бартараф гардида истодаанд.

Нақши ҳукумати электронӣ дар демократикунонии идоракунии давлатӣ ва таъмини шаффофият дар раванди идракунӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ бо истифода аз Интернет метавонанд дархостҳои худро ба мақомотҳои давлатӣ расонанд ва иттилои зарӯриро барои иҷроиши масъалаи ҳуқуқии худ дарёфт намоянд. Бо ташкили чунин тарзи муколама ва робита миёни «шаҳрванд-давлат» метавон боварӣ бар он кард, ки сатҳи идоракунии давлатӣ боло рафта, омилҳои корупсионӣ аз миён бурда мешаванд. Бартарии дигари ҳукумати электронӣ дар он зоҳир мегардад, ки шаҳрвандон метавонанд аз раванди қабули қарорҳои қабулгардида аз ҷониби ҳукумат то ба тавсиб расидани он огаҳӣ пайдо намоянд ва ҷиҳати қабули қарорҳо фикру андешаҳои худро иброз кунанд. Яке аз принсипҳои асосии ҳукумати электронӣ дар он зоҳир мегардад, ки шаҳрвандон дар раванди идоракунии давлати ширкат варзанд ва саҳми худро дар қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд гузоранд. Ташкили низоми ягонаи электронӣ ва дастрасии омма ба хадамоти давлатӣ эътимоди шаҳрвандонро ба фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар маҷмуъ ба давлат зиёд намуда, дар ин замина фаъолияти устувор ва шаффофи дастгоҳи идоракунии давлатӣ таъмин карда мешавад.

Дар асоси фикру таҳлилҳои овардашуда, вожаи ҳукумати электронӣ «e-government»-ро чунин тавзеҳ намудан лозим аст, ки ҳукумати электронӣ ҳамчун як механизми муосири идоракунии давлатӣ ба шумор рафта, бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилооти-коммуникатсионӣ ва интернет, нақши бориз дар баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини механизми дуруст дар хизматрасониҳои давлатиро

дорад. Ин низом, дар раванди идоракунии давлатӣ шаффофият дар хизматрасониҳои давлатиро таъмин намуда инчунин, дастрасии шаҳрвандон ба хадамоти давлатӣ ва муколамаи доимӣ миёни давлат ва шаҳрвандонро таъмин менамояд. Бартарии дигари ҳукумати эктронӣ дар он аст, ки ба ин васила эътимоди ҷомеа нисбат ба хадамоти давлатӣ дар маҷмуъ ба ҳукумат зиёд гардида, сатҳи баланди хизматрасониҳо таъмин мегардад. Ҳукумати электронӣ ё идоракунии электронии ҳукуматро метавон ҳамчун фишанги асосии баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ арзёбӣ намуд.

**АДАБИЁТ:**


1. Афанасьева А.С. Возможности электронного правительства в Сингапуре // Теория и практика общественного развития. 2015. № 20. С. 174–176.
2. Шамсов И.С. Ҳукумати электронӣ дар раванди рушди ҷомеаи иттилоотӣ / И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2016. 2/2(197). Саҳ.33 – 37.
3. Мэннинг Н., Парсон Н. Реформы государственного управления. – М.: Весь мир, 2003. – 496 с.
4. Фонтэйн Дж.Е. Институциональное развитие в виртуальном государстве: недостающее звено в технологическом видении E-Government // Политическая наука. 2007. № 4. С. 50 –77.
5. Kulik A.N. Governance 2.0: the evolution of models of public administration in the era of the interactive Internet // Political science. 2013. No. 1. P. 12–27.
6. Efremov A.V. Electronic government: an interpretation of the term and the history of the // Collection of scientific articles of the International youth school-г seminar «Lomonosov readings in Altai», Barnaul, November 5–8, 2013 [6 h] H II / The Ministry of education and science of the Russian Federation, Altai state University – Barnaul: Publishing house of Altai state University, 2013. P. 70–73.
7. Olejnik S.A., Melnichuk M.A. The Legal framework of e-government in Russia and abroad and development trends // Journal of the International Institute of Economics and law. 2014. No. 2 (15). P. 26–34.
8. URL:https://cyberleninka.ru/article/n/governance-2-0-evolyutsiya-odeli gosudarstvennogo-upravleniya-v-epohu-interaktivnogo-interneta/viewer (санаи муроҷиат 24.11.2025).
9. URL:https://cyberleninka.ru/article/n/istoriya-zarozhdeniya-i rmirovaniya-idei-elektronnogo-upravleniya-gosudarstvennymi-delami-v-rossii-i-za-rubezhom-sravnitelno-prфavovoy (санаи муроҷиат 24.11.2025).

УДК 327.5

# ШЕВАҲОИ АСОСНОКСОЗИИ ДИНИИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАВАССУТИ АБЗОРҲОИ ИТТИЛООТИЮ ШАБАКАВӢ ВА ВОСИТАҲОИ МУҚОВИМАТ БО ОНҲО

**БАРОТОВ С.М.**
*Унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Бо рушди босуръати робитаи рақамӣ ва муҳити шабакавии ҷаҳонӣ, гуфтумони динӣ ҳарчӣ бештар ҳамчун воситаи идеологӣ барои анҷоми амалҳои террористӣ, мусбат ва гуё қонунӣ кардани терроризми байналмилалӣ истифода мешавад. Мақолаи мазкур, масъалаҳлои асосии асоноккунии динии терроризми байналмилалиро бо истифода аз абзорҳои иттилоотӣ-шабакавӣ мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор медиҳад. Муаллиф роҳҳои мутобиқ кардани матнҳо ва рамзҳои диниро бо амалҳои террориистӣ аз ҷониби созмонҳои террористии байналмилалӣ таҳлил намудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили баррасиҳои иттилоотӣ, нашрияҳо ва платформаҳои рақамӣ дода мешавад, ки ҳамчун воситаи самаранок барои радикаликунонии аҳолӣ амал мекунанд, ки дар онҳо терроризми байналмилалии дорои ангезаи динӣ тавассути мундариҷаи псевдо-илмӣ, таблиғотӣ ва манипулятсионӣ ташаккул ва паҳн мешавад.*

*Таҳқиқот механизмҳои ҷалби афрод ба шабакаҳои террористӣ ва ҳамчунин нақши воситаҳои рақамиро дар паҳн кардани идеологияҳои терроризми дорои ангезаи динӣ, ки пинҳон карда шудаанд, баррасӣ мекунад. Зарурати вокуниши ҳамаҷониба ба чунин зуҳурот бо такя ба равишҳои сиёсӣ-таҳлилӣ, технологӣ ва тарбиявӣ асоснок шудааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки бидуни фаҳмиши интиқодӣ дар бораи равандҳои радикаликунонии онлайнӣ, ҷилавгирӣ аз мафкураи терроризми ангезаи динидошта, ки шаклҳои ҳарчи бештар тағйирёбанда ва фаромиллиро касб мекунад, ғайриимкон аст.*

**Калидвожаҳо:** *терроризми динӣ, терроризми байналмилалӣ, ангезаи динӣ, идеологияи терроризм, радикаликунонии рақамӣ, терроризми шабакавӣ, онлайн – таблиғотҳои террористӣ, зӯроварии динӣ, гуфтумонии динӣ, технологияҳои онлайнӣ, иттилоотӣ террористӣ.*

# СПОСОБЫ РЕЛИГИОЗНОГО ОБОСНОВАНИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННО-СЕТЕВОГО ОБЗОРА И СРЕДСТВА ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ИМ

**БАРОТОВ С.М.**
*Соискатель Института философии, политологии и права имени академика А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В условиях стремительного развития цифровых коммуникаций и глобальной сетевой среды религиозная гуфтумони все чаще используется в качестве идеологического инструмента для совершения террористических актов, позитивно и якобы легитимизируя международный терроризм. В статье анализируются и делаются выводы об основных проблемах религиозного обоснования международного терроризма с использованием информационно-сетевых обзоров. Автор анализирует способы адаптации религиозных текстов и символов к террористическим актам международными террористическими организациями. Особое внимание уделяется анализу информационных обзоров, публикаций и цифровых платформ, выступающих эффективными инструментами радикализации населения, в рамках которых формируется и распространяется религиозно мотивированный международный терроризм посредством псевдонаучного, пропагандистского и манипулятивного контента.*

*В исследовании рассматриваются механизмы вовлечения отдельных лиц в террористические сети, а также роль цифровых медиа в распространении скрытых религиозно мотивированных террористических идеологий. Обосновывается необходимость*

*комплексного реагирования на подобные явления с опорой на политико-аналитические, технологические и образовательные подходы. В статье подчёркивается, что без критического осмысления процессов онлайн-радикализации невозможно предотвратить идеологию религиозно мотивированного терроризма, принимающую всё более разнообразные и транснациональные формы.*

**Ключевые слова:** *религиозный терроризм, международный терроризм, религиозная мотивация, террористическая идеология, цифровая радикализация, сетевой терроризм, онлайн-пропаганда террористов, религиозное насилие, религиозная гуфтумони, онлайн-технологии, информационный терроризм.*

## METHODS OF RELIGIOUS JUSTIFICATION OF INTERNATIONAL TERRORISM USING INFORMATION AND NETWORK REVIEW AND MEANS OF COUNTERING THEM

**BAROTOV S.M.**
*Applicant of Institute of Philosophy, Political science and law named after A. Bahovaddinov of National Academy of science of Tajikistan*

*With the rapid development of digital communications and the global network, religious rhetoric is increasingly being used as an ideological tool to commit terrorist acts, positively and ostensibly legitimizing international terrorism. This article analyzes and draws conclusions about the main problems of religious justification of international terrorism using online information surveys. The author examines the ways in which international terrorist organizations adapt religious texts and symbols to terrorist acts. Particular attention is paid to analyzing information surveys, publications, and digital platforms, which serve as effective tools for radicalizing the population, shaping and disseminating religiously motivated international terrorism through pseudoscientific, propaganda, and manipulative content.*

*The study examines the mechanisms by which individuals are drawn into terrorist networks, as well as the role of digital media in the dissemination of hidden religiously motivated terrorist ideologies. The need for a comprehensive response to such phenomena, relying on political analysis, technological, and educational approaches, is substantiated. The article emphasizes that without a critical understanding of online radicalization processes, it is impossible to prevent the ideology of religiously motivated terrorism, which is taking on increasingly diverse and transnational forms.*

**Keywords:** *religious terrorism, international terrorism, religious motivation, terrorist ideology, digital radicalization, online terrorism, online terrorist propaganda, religious violence, religious rhetoric, online technologies, information terrorism.*

Дар замони муосири табдили фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, истифодаи гуфтумони динӣ ҳамчун воситаи паҳн намудани идеологияи радикаливу террористӣ алайҳи ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф қарор гирифтааст. Терроризми байналмилалӣ сарфи назар аз хусусияти гуногунҷабҳаи худ, беш аз пеш шакли зӯроварии аз ҷиҳати мафкуравӣ тартибдодашударо гирифта истодааст. Айни замон, дин дар зуҳуроти террористӣ на ҳамчун манбаи ҷустуҷӯи маънавӣ, балки ҳамчун воситаи сафарбаркунии радикалӣ истифода мешавад. Дар шароити рақамисозӣ ва дастрасии густурдаи захираҳои онлайнӣ баҳсҳои динӣ хусусияти "вирусӣ" мегиранд. Гурӯҳҳои ифротӣ инфрасохтори рақамӣ, аз шабакаҳои иҷтимоӣ то форумҳои пӯшидаи интернетиро барои ҷалб кардан, таблиғ ва асосноксозии амалҳои худ фаъолона истифода мебаранд. Дар муҳити ҷаҳонии иттилоотӣ як шакли нави таҳдид ба вуҷуд меояд, ки қувваи рамзии гуфтугӯи динӣ ва имкониятҳои технологии иттилоот ва ҳамкории онлайниро муттаҳид мекунад. Ҳадафи ин таҳқиқот таҳлили механизмҳое мебошад, ки тавассути онҳо гуфтумонии динӣ барои "сафед" кардани терроризми байналмилалӣ дар муҳити онлайн истифода мешавад. Мақола ба таҳқиқи асосноккунии динии терроризми байналмилалӣ бо истифода аз абзорҳои иттилоотиву шавабакаӣ, сатҳи истифодаи технологияҳои расонаӣ барои паҳн кардани ғояҳо ва шаклҳои мушаххаси баҳсҳои идеологияи динӣ, ки ҳисси иртиҷоигароиро дар афроди ифротгаро тарбия мекунанд, нигаронида шудааст. Масъалаи баррасишаванда,

махсусан, дар шароити муноқишаҳои фаромиллӣ, афзоиши нақши фазои рақамӣ дар равандҳои радикализатсия ва зарурати таҳияи стратегияҳои мувофиқ барои муқовимат ба таъсири идеологии афкор ва идеологияи террористӣ муҳим аст.

Садаи XXI беш аз ҳар замони дигар ҳамчун давраи тавсеа ва нуфузи бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ва шабакавӣ шинохта мешавад. Дар замони муосир интернет дигар на танҳо ҳамчун воситаи муошират ё иттилоот, балки ба унвони муҳити мустақил ва таъсиргузор дар шаклгирии андешаи ҷамъиятӣ, раванди иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсиву идеологӣ табдил ёфтааст. Гузашта аз он, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ фазое фароҳам овардаанд, ки тавассути он гурӯҳҳои радикалӣ ва созмонҳои ифротӣ метавонанд мафкура, ақида ва ҳатто амалҳои тундгароёнаи худро ба таври васеъ паҳн намоянд.

Яке аз падидаҳои хатарзо дар ин замина, истифодаи нодурусти муҳтавои динӣ барои асоснок сохтани амалҳои террорисӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад, ки тавассути платформаҳои иттилоотӣ-шабакавӣ анҷом дода мешавад. Имрӯз гурӯҳҳои террористӣ бо истифода аз матнҳои динӣ, тафсири яктарафа ва таҳрифшудаи манобеи шаръӣ, бо забони ба назар содаву таъсиргузор, бо сабки ҷалбкунанда ва шиорҳои эҳсосотӣ, афроди ноогоҳро дар саросари дунё ба доми идеологияи иртиҷоии хеш мекашанд. Дар фазои маҷозӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, каналҳои паёмрасон ва сомонаҳои «қасдан таҳлилгарона», муҳтавое интишор меёбад, ки зери ниқоби динӣ амалҳои террористӣ ва зӯровариро ҳамчун «ҷиҳод», «фарзи динӣ» ё «адолати илоҳӣ» муаррифӣ менамоянд. Хатари аслии чунин раванд дар он аст, ки ин гуна муҳтаво ба осонӣ ба дасти наврасон, ҷавонон ва ҳатто кӯдакони ноболиғ мерасад, ки бе ҳимояти илмию маърифатии кофӣ наметавонанд байни ҳақиқат ва тафсири сӯистифодашудаи он фарқ гузоранд. Дар натиҷа, ин тоифа гумроҳ шуда, ба доми ташкилоти террористӣ меафтанд.

Бо рушди технологияи рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо минбари муошират, балки ба макони таблиғу ташвиқи ақидаҳои гуруҳҳои иртиҷоӣ ва террористӣ табдил ёфтаанд. Террористон ва ифротгароён фазои маҷозиро ба унвони як муҳити бе назорату бе марз истифода бурда, талош меварзанд, ки дар он амалҳои зишт ва хилофи арзишҳои инсонӣ, аз ҷумла куштор, тахриб ва таҳдидро зери шиорҳои динии таҳрифшуда “қонунӣ” ва “мақбул” нишон диҳанд. Дар ин замина, ҷомеаи имрӯза бо як таҳдид ва хатари нав рӯ ба рӯ шудааст. Мубориза бо терроризми дорои ангезаи динӣ, ки акнун дар муҳити маҷозӣ шакл мегирад ва паҳн мегардад, устувории шабакавӣ ва иттилоотиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, маҳз бо роҳи баланд бардоштани сатҳи маърифати, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангию иттилоотии шаҳрвандон, тақвияти таҳлили интиқодӣ ва таъмини назорати ҳадафманд дар фазои маҷозӣ, метавон ба муқобила бо ин таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ посухи сазовор дод. Ин мақола кӯшиш менамояд, ки заминаҳои идеологӣ ва иттилоотии чунин раванди хатарзо таҳлил ва бозшиносӣ гардида, роҳҳои дарку пешгирии он аз назари илмӣ ва таҳлили, иҷтимоию технологӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ на танҳо василаи муошират, балки ба унвони манбаи таъсиргузор ва самтдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд. Имрӯз ҳар фард метавонад ба воситаи ин шабакаҳо мавқеи шахсии худро нисбат ба ҳама гуна масъалаҳо, ҳатто мавзуъҳои ҳассоси сиёсиву иҷтимоӣ, ошкоро баён намояд. Маҳз ҳамин озодии нисбии сухан ва дастрасии фарогир ба платформаҳои иттилоотӣ боис гаштааст, ки гурӯҳҳои ифротгаро ва ташкилотҳои террористии дорои ниқоби динӣ аз ин муҳити маҷозӣ ба таври фаъолу ҳадафмандона истифода намоянд. Бо ба эътибор гирифтани чунин воқеият, метавон гуфт, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба майдони паҳнсозии идеологияи ифротӣ ва таблиғоти террористӣ табдил ёфта, имконияти бе маҳдудият паҳн намудани ақидаҳои хатарнокро фароҳам овардаанд. Гурӯҳҳои радикалӣ бо истифода аз забон ва истилоҳоти мазҳабӣ, мафҳумҳои динӣ ва истинод ба манобеи шаръии таҳрифшуда, дар платформаҳои иҷтимоӣ муҳтавои ошкорову равшан ба терроризм даъваткунанда паҳн сохта, онро зери пӯшиши «ҷиҳод»,

«адолати илоҳӣ» ё «фарзи динӣ» муаррифӣ менамоянд. Бо такя ба муҳити маҷозӣ, онҳо дар шакли воситаҳои таҳлилӣ, матолиби видеоӣ ва матнҳои таъсиргузор даст ба густариши ақидаҳое мезананд, ки муҳтавояшон зоҳиран мазҳабӣ буда, дар асл таблиғи бевоситаи зӯроварӣ, нафрат, таҳаммулнопазирӣ ва ҷангҳои мазҳабиро дар бар мегиранд. Ин амалиёт, ки аз тарафи сохторҳои террористӣ роҳандозӣ мешавад, ба таври густурда тавассути ВАО ва бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мешавад. Дар натиҷа он метавонад сабаби заиф шудани рукнҳои давлатдорӣ, ноором гардидани фазои иттилоотии ҷомеа ва таҳдид ба амнияти ҷомеа гардад. Ба андешаи К.Б. Гетманский «Шабакаҳои иҷтимоӣ, дар тафовут бо нашриёти замон маорифпарварӣ, ки аз тарафи давлат барои интишори мазҳакаву осори ҳаҷвияомез, инчунин барои ба табъ расонидани асарҳои илмии номатлуби характери иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафидошта мавриди таъқиб қарор мегирифтанд, амалан аз сензура озоданд» [3, 196 – 205].

***Масъалаи шиддат гирифтани нақши омил ва арзишҳои динӣ дар амалҳои террористӣ байналмилалии шабакавӣ.*** Нақши омилҳои мазҳабӣ дар шаклгирии идеологияи терроризми байналмилалии муосир дар он зоҳир мегардад, ки гурӯҳҳои ифротӣ ва ҷараёнҳои тундгаро амалҳои зӯроваронаи худро бо маънии муқаддас маънидод намуда, онҳоро ҳамчун иҷрои “иродаи илоҳӣ” ва амал ба номуси диниву маънавӣ муаррифӣ мекунанд. Дар доираи чунин идеологияҳо, террор ва хушунат на танҳо ҳамчун василаи мубориза, балки ҳамчун «фарзи динӣ» ҷилва дода мешаванд. Ин гуна ташкилотҳо ва пайравони онҳо ба ҷойи тарғиби арзишҳои аслии дин, ки бар таҳаммулгароӣ, меҳрубонӣ ва амнияти инсонӣ асос ёфтаанд, кӯшиш мекунанд, ки бо таҳриф ва тафсири яктарафаи матнҳои динӣ, зеҳнҳо ва мафкураи мардумро ифротӣ сохта, ақидаи куштору хашмро «муқаддас» нишон диҳанд. Бештари муҳаққиқон, аз ҷумла С.А. Чернишёв, А.М. Журбенко, А.В. Снеговой зикр менамоянд, ки имрӯз аз ҳама хатарноктар чунин шакли ифротгароӣ бар эҳсосоти динӣ такя мекунад ва дар пайравон эҳсоси боварии кӯр-кӯрона ва таассуби динӣ ба вуҷуд меорад [9, 174 – 180].

Тағйир додани маънои аслии манобеи шаръӣ ва ҷорӣ намудани фарҳанги зӯроварӣ дар зери ниқоби гуфтумонии динӣ, сабаб мегардад, ки як гурӯҳи муайян ба таври комил ба ғояҳои шадидгароёна пойбанд гарданд. Ин раванд, тибқи таҳлилҳои муосири илмӣ, дигар ҳамчун як амали ҷудогона дида намешавад. Балки он ҳамчун як марҳилаи мураккаби раванди идеологикунонии шахс ба муҳити тундгаро шинохта мешавад, ки бештар таваҷҷуҳро ба масъалаи ифротишавии динӣ ва хушунати аз дин ангезишёфта равона месозад. Бо назардошти истифодаи васеъи шабакаҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ, гурӯҳҳои террористӣ тавассути «абзорҳо» ва таҳлилҳои зоҳиран “илмӣ” ва мутавозин, мазмунҳои дорои тарғиби ифротиро ба таври пинҳонӣ интишор медиҳанд. Ин муҳтаво ба таври тадриҷӣ ҷаҳонбинии шахсро таҳти таъсир қарор дода, барои амалҳои хушунатбор асоси “ақлонии динӣ” муҳайё месозад. Ба ҳамин тартиб, дин дар идеологияи террористӣ на чун рукни маънавӣ, балки ҳамчун воситаи легитимкунонии зӯроварӣ ва душмансозӣ истифода мешавад, ки пайравонро барои амалҳои худ мутақоид намуда, як низоми арзишии алтернативӣ месозад, ки онро муқобили ҷомеаи муосир қарор медиҳанд [4]. Дар натиҷа, шабакаҳои иттилоотӣ ва иҷтимоӣ ба воситаи чунин падида дар паҳнсозии арзишҳои хатарзо нақши муҳим мебозанд, ки мубориза бо он тақозои таҳлили амиқ ва чораҷӯиҳои ҳаматарафаи илмӣ, идеологӣ ва амниятиро талаб мекунад.

Фазои интернетии муосир ва захираҳои иттилоотию шабакавӣ муҳити басо муносиб ва фарогиреро барои паҳнсозии идеологияҳои террористиву ифротгароёна фароҳам овардаанд. Таҳлилгарони соҳа таъкид мекунанд, ки интернет имрӯз ба як манбаи мундариҷаи экстремистии дараҷаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст ва паҳнсозони ин гуна мафкураҳо амалан дар тамоми паҳнои шабакаҳои ҷаҳонӣ фаъолона ҳузур доранд. Гурӯҳҳои террористӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмрасонҳо ва дигар платформаҳои рақамӣ, имкониятҳои таблиғотӣ ва паҳнкуниҳои идеологиро ба сатҳи нав

бароварда, ин шабакаҳоро ба воситаҳои таъсиргузорӣ ҷалб ва радикаликунонии омма табдил додаанд. Ба таъкиди муҳаққиқон ба монанди В.В. Романовский ва Р.К. Килдеев, гурӯҳҳои террористӣ рӯз ба рӯз малака ва усулҳои истифодаи технологияҳои рақамиро такмил медиҳанд. Онҳо ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҷонибдорони худро аз саросари ҷаҳон ҷалб намуда, ғояҳои вайронкоронаашонро таблиғ месозанд, фаъолиятҳои тахрибкорона ва ҳамлаҳоро ҳамоҳанг карда, маблағ ҷамъоварӣ мекунанд ва шабакаи ҷаҳонии худро тақвият мебахшанд [6, 1 – 4].

Ба ибораи дигар, технологияи рақамӣ тарҳи классикии амалҳои террористиро куллан дигар кард. Зеро он имкони ҳамгироии ячейкаҳои парокандаро ба вуҷуд оварда, паҳнсозии ғояҳо ва гуфтумонии ғоявии террористӣ-ифротиро ба шакле имконпазир сохтааст, ки амалан бо ягон марзи давлатӣ маҳдуд намешавад. Дар ин раванд нақши вижа ба паёмрасонҳое чун “Telegram” дода мешавад. Ташкилотҳои байналмилалии зиддиэкстремистӣ ба мисли “Counter Extremism Project” (Тарҳи зиддиэктсремистии байналмилалӣ) қайд мекунанд, ки “Telegram” барои гурӯҳҳое чун «ДИИШ», «Ал-Қоида» ва ҲАМОС ва гуруҳҳову ташкилотҳои дигари террористӣ-динӣ, ки махсусияти фаромилиро касб намудаанд, ҳамчун «силоҳи дугона» хизмат мекунад. Аз як тараф, он майдони мустақими паҳнсозии таблиғоти экстремистӣ аст ва аз тарафи дигар, ҳамчун шабака ва хатти пайвандҳо ба сайтҳои дорои муҳтавои мамнуъ хизмат мекунад [8]. Ин гуна шабакаҳо ва сомонаҳо ба гурӯҳҳои террористии байналмилалие, ки ба асосҳои динӣ такя мекунанд, имкон медиҳанд, ки паёми худро ба садҳо ва ҳазорон корбар дар як вақт ирсол намоянд. Бо ин роҳ фазои маҷозиро ба як минбари радикалӣ табдил дода, шеваи муоширати пинҳониву фавриро дар дохили шабакаи худ таъмин кунанд. Ин равандҳо на танҳо ба ҷараёнҳои шадидгарои динӣ хосанд, балки дар миёни гурӯҳҳои дигар низ мушоҳида мешаванд. Масалан, соли 2019 якбора афзоиши фаъолияти гурӯҳҳои ифротии ростгаро дар ҳамон платформаҳо ба қайд гирифта шуд, ки тавассути каналҳо ба зӯроварӣ даъват мекарданд ва ҳатто дастурамалҳо оид ба сохтани аслиҳа интишор карда мешуд [8]. Ин ҳама далелҳо гувоҳи онанд, ки фазои иттилоотӣ-шабакавӣ ба як воситаи калидӣ дар паҳн кардани ғояҳои ифротӣ, аз ҷумла, “асосноккунии” динии терроризм табдил ёфтааст. Бетаваҷҷӯҳ гузоштани чунин амалҳо метавонад ба амнияти миллии кишварҳо ва суботи ҷаҳонӣ хатар эҷод намояд.

Бештари таҳлилгарон бар он ишора мекунанд, ки тағйиротҳои низоми сиёсии ҷаҳонӣ, аксаран ҳамбастагӣ ва авфи давлатҳои муқтадири олам дар нисбати ташкилотҳо ва созмонҳои гуногуни террористиву экстемистӣ, дар ихтиёри онҳо қарор додани захираҳо ва зарфиатҳои бойи иттилоотиву техникӣ, масъалаи дар сатҳ ва ҷанбаҳои гуногуни таъмини амният ва рушди уствор ҳадафмандона ва воқеъбинона қарор гирифтани давлатҳо, махсусан давлатҳои рӯ ба инкишофро ҳатмӣ мегардонад [7, 38].

Дар солҳои охир фаъолшавии гурӯҳҳои террористӣ дар фазои иттилоотию шабакавӣ шакли бесобиқа касб намудааст. Яке аз намунаҳои равшани ин раванд ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои террористӣ соли 2015 дар шаҳри Парижи Фаронса мебошад.Зимни тафтишоти ин ҳодиса маълум карда шуд, ки ҷангиёни гурӯҳи «Давлати исломӣ» аз паёмрасонҳои “Telegram” ва “WhatsApp” барои иртибот ва омодасозии амалиёт, истифода бурдаанд. Дар пайи ин воқеаҳо, таблиғоти интернетии онҳо шиддат гирифт ва таблиғоти дорои мундариҷаи террористӣ ба таври густарда паҳн карда мешуд. Бо вокуниши мақомоти дахлдори амниятии кишварҳои мухталиф ва ширкатҳои технологӣ, чораҳои зиддитеррористӣ тақвият дода шуданд. Аз рӯи иттилои манбаъҳои муътамад ба мисли “Europol” ва худи “Telegram”, аз соли 2018 ба ин сӯ, миёни сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ширкатҳои интернетӣ ҳамоҳангии васеъ ба роҳ монда шуда, ҳазфу бастани садҳо канали таблиғотии «ДИИШ» ва дигар ташкилоти террористӣ-экстремистӣ анҷом дода шуд. Дар натиҷа, то соли 2024 фаъолияти ошкоро ва фарогири таблиғотии ин гурӯҳҳо дар фазои маҷозӣ хеле маҳдуд ва бесубот гардид. Бо вуҷуди ин, дар “Telegram” то ҳол фаъол будани бархе аз каналҳои дигари ташкилотҳои террористӣ ба мушоҳида

мерасад. Каналҳои марбут ба гурӯҳҳои ҲАМОС, «Ҳизбуллоҳ» ва афроди вобаста ба «Ал-Қоида» далели онанд, ки маҳдудсозии комили чунин муҳтаво дар фазои маҷозӣ кори осон нест [8].

Баланд гардидани нуфузи идеологияи терроризми байналмилалии дорои ангезаи динӣ дар интернет боиси шаклгирии вокунишҳои қонунгузории байналмилалӣ гардида, кишварҳо ва созмонҳо маҷбур шуданд, ки стратегияҳои мушаххас ва васеи мубориза бо терроризми байналмилалии ангезаи динидоштаи шабакавӣ-онлайниро таҳия ва татбиқ намоянд. Масалан, Иттиҳоди Аврупо дар соли 2021 бо қабули Қарори 2021/784 талаб намуд, ки платформаҳои рақамӣ мундариҷаи террористиро фавран дар давоми як соат аз лаҳзаи дарёфти дархост пок намоянд. Зеро ҳузури он дар интернет расман ҳамчун сабаби ифротишавии инфиродӣ эътироф шудааст [6].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, низоми чорабиниҳои стратегӣ ва ташкилнамоии институтсионалӣ бар зидди терроризми байналмилалии дорои ангезаи динӣ бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ-шабакавӣ мавҷуд мебошад. “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” далели ин гуфтаҳост. Стратегия бар он ишора мекунад, ки “Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳдидҳои экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ ба омилҳои зерин асос ёфтаанд:

- тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалбкунии ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон...

Омилҳое, ки ба паҳншавии экстремизм, шомилшавии афроди алоҳида ба гурӯҳҳои тундрав ва аз ҷониби онҳо содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта мусоидат мекунанд ё метавонанд дар оянда мусоидат намоянд, инчунин инҳо мебошанд: ... нокифоя истифода гардидани имкониятҳои воситаҳои ахбори омма ҷиҳати пешбурди ташвиқоти зиддитундгароӣ, қавӣ набудани зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба муқовимат бо кибер – экстремизм ва тафтиши киберҷиноятҳо, набудани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ... Самти баланд бардоштани самаранокии чораҳои муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ:

– андешидани тадбирҳои иловагӣ доир ба тақвияти истифодабарии имкониятҳои интернет ҷиҳати шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, пешбурди ташвиқоти васеи зиддитундгароӣ ва фаъолияти профилактикӣ дар ин соҳа;

– тақвият бахшидани зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати муқовимати нисбатан самараноктар ба таҳдидҳои алоқаманд бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои терроризм, тафтиши саривақтӣ ва сифатноки киберҷиноятҳо;

– мустаҳкам намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкориҳо бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ;

– таъмини мувофиқати иқдомот дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– таҳлили доимии қонунгузорӣ доир ба маҳдудкунӣ, поккунӣ ва хориҷ намудани контентҳои ғайриқонунии интернетӣ ҷиҳати муайян намудани самаранокии қонунгузорӣ дар ин самт, инчунин таҳлили доимии таҷрибаи дигар кишварҳо оид ба бартараф намудани хавфҳо дар ин соҳа” [7].

Бо такя ба ин ҳолат низоми қонунгузории аксар давлатҳо, масалан дар Федератсияи Русия низ қонунҳои нав аз ҷумла, Қонуни федералии №511-ФЗ (соли 2020), ба амал баромад, ки тибқи он ширкатҳои интернетӣ барои сари вақт нест накардани муҳтавои манъшуда ҷавобгарии маъмурӣ доранд. Ин қонун алакай нисбат ба платформаҳои ҷаҳонӣ ба монанди “Twitter”, “Facebook”, “TikTok” ва “Google” татбиқ шудааст [6, 1 – 4].

Дар сатҳи байналмилалӣ низ як қатор конвенсияҳо ва қарорҳои СММ мавҷуданд, ки ба муқовимат бо терроризм равона шудаанд. Аз ҷумла, санадҳо дар бораи пешгирии гаравгонгирӣ, маблағгузории терроризм ва амсоли инҳо. Дар баробари ин, ташаббусҳои минтақавӣ низ тақвият ёфтаанд, ба монанди ҳамоҳангсозии чораҳо дар доираи ИДМ ва стандартҳои Иттиҳоди Аврупо, ки ҳадафашон муттаҳидсозии усулҳои муқовимати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ аст. Ҳамзамон, бисёре аз кишварҳо қонунгузорӣ ва амалкарди мақомоти қудратии худро ба ин ӯҳдадориҳои байналмилалӣ мутобиқ месозанд.

Барои муқовимат бо терроризми байналмилалии дорои ангезаи диннӣ бо истифода аз василаҳои иттилоотӣ-шабакавӣ тадбирҳои мукаммалу фарогир зарур дониста мешаванд. Ин тадбирҳо ба монанди мониторингу маҳдудсозии шабакаҳои иттилоотӣ, амалкарди муқобили таблиғотӣ, амалиётҳои равонӣ, барномаҳои омӯзишиву пешгирикунӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати расонаӣ дар байни ҷавонон ҳамзамон бояд амалӣ шаванд. Платформаҳои интернетӣ маҷбур шуданд, ки бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ намоянд ва дар ҷавоб ба дархостҳои расмӣ барои нест кардани ин ҳаракатҳои хатарзо чораҳои фаврӣ андешанд. Барномаҳои зиддитеррористӣ низ муҳим арзёбӣ мешаванд, ки дар онҳо роҳбарони мазҳабӣ дар таҳияи «рӯҳияҳои алтернативӣ» ширкат мекунанд, ки ҳадафаш муқовимат ба гуфтумонии радикалӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии таҳаммулгароёна мебошад. Дар ин раванд ҳамчунин нақши созмонҳои байналмилалӣ ба мисли ЮНЕСКО муҳим аст, ки зарурати истифодаи стратегияи илмӣ-таҳлилӣ ва тақвият додани нерӯи маърифатиро таъкид мекунанд [1, 173].

Мубориза бо идеологияи терроризми байналмилалӣ, ки дорои ангезаи динӣ мебошанд, айни замон дар платформаҳои интернетӣ бо роҳҳои ҷиноятӣ ва техникӣ маҳдуд намешаванд. Аз ин рӯ ба андешаи муҳаққиқон чораҳои пешгирии ифротгароии динӣ бояд тавассути барномаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва тарбиявӣ сурат бигирад, то ба рушди муҳити устувори иттилоотӣ ва муқовимат ба шабакаҳои таблиғоти терроризми байналмилалии дорои ангезаи динӣ мусоидат кунад [10, 38].

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳқиқоти мазкур нишон дод, ки терроризми муосири байналмилалӣ беш аз пеш мекӯшад амалҳои зӯроварии худро тавассути мубоҳисаҳо ва тафсири якҷонибаи масоили динӣ “қонунӣ” гардонад, ки он таҳриф ба таври куллӣ тафсир ва “ягона воқеият” муаррифӣ карда мешавад. Захираҳои иттилоотӣ ва онлайнӣ, аз ҷумла платформаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои паёмнависии фаврӣ ва васоити рақамӣ ҳамчун василаи муассир барои паҳн кардани амалҳои террористӣ ва ангезандаи идеологияи ифротӣ амал мекунанд. Баррасиҳои интернетӣ, нашрияҳои псевдо-илмӣ ва таҳрифи матнҳои “муқаддас”, ки дар шабакаҳои рақамии кушоду пӯшида паҳн мешаванд, дар ифротисозии одамон ва ташаккули фазои устувори таъсири идеологӣ, ки терроризм ҳамчун як шакли мубориза барои ҳадафҳои гӯё “олӣ” муаррифӣ мешавад, нақши калидӣ доранд. Дар шароити муҳити фаромиллии рақамӣ, ин амалҳо хусусияти системавӣ ва байнидавлатиро ташкил намуда, ошкор, безараргардонӣ ва пешгирии онҳо муносибати ҳамаҷонибаро тақозо мекунанд.

Мубориза бо чунин зуҳурот бидуни ҳамгироии механизмҳои ҳуқуқӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва тарбиявӣ, ки барои аз байн бурдани мундариҷаи террористӣ ва ташаккули тафаккури интиқодӣ, саводнокии динӣ равона шудаанд, ғайриимкон аст. Дар замони муосир мубориза бо терроризми дорои ангезаи динӣ танҳо бо роҳи тақвият бахшидани ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва байналмилалӣ дар шакли нави он самарабахшу имконпазир аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Алава С., Фрау-Мейг Д., Хассан Г. Молодежь и насильственный экстремизм в социальных медиа/ - Париж, 2019. – 173 с.
2. Асламзода Н. «Киберартиш»: аз мудофиаи анъанавӣ то устувории киберӣ (таҳаввулоти стратегияҳои геополитикӣ) // "Илм ва амният" – Маҷаллаи илмии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. №2 (12), 2025. – С. 37 – 49.
3. Голубева Н. А., Пархоменко А. Н. Особенности отношений к СМИ и в СМИ в осуществлении социализации современных подростков // Мир психологии. – 2011. – №4 (68). – С. 196 – 205.
4. Ирина С. Анализ механизмов религиозной радикализации молодёжи и сопоставление вариантов противодействия ее проявлениям (на примере Северного Кавказа) [Электронные ресурсы] URL: https://ideas.repec.org/p/rnp/wpaper/032039.html#download (дата обращение: 12.03.2025)
5. Регламент (ЕС) 2021/784 Европейского парламента и Совета от 29 апреля 2021 г. о борьбе с распространением террористического контента в Интернете [Электронный ресурс] URL: https://eur-lex.europa.eu/eli/reg/2021/784/oj/eng#:~:text (дата обращения: 03.04.2025)
6. Романовский В.В., Килдеев Р.К. Правовое обеспечение противодействия терроризму в социальных сетях в России и за рубежом // SHS Web of Conferences. 2022. Т. 134. С. 1–4
7. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 // Фрмони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 [Манбаи электронӣ] URL: https://www.mewr.tj/wp-content/uploads/2022/01/Стратегияи-муковимат-бо-экстремизм-ва-терроризм.pdf (санаи мурочиат: 04.04.2025)
8. Террористы в Telegram // Counter Extremism Project [Электронные ресурсы] URL: https://www.counterextremism.com/terrorists-on-telegram#:~:text=Along (дата обращение: 15.03.2025)
9. Чернышёв С.А., Журбенко А.М, Снеговой А.В. Религиозный терроризм и экстремизм как угроза международной и национальной безопасности Российской Федерации // Вестник ВИПК МВД России. 2025. № 1(73). – С.174 – 180.
10. Мирзоев Ғ.Ҷ. Экстремизми динӣ дар замони муосир ва хусусиятҳои шаклгирии он // Ахбори АМИТ. Шуъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ. –2020 - № 3(258). – С.38 – 46.

ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ – ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ – PHILOSOPHY SCIENCES

ТДУ 1:316.(575.3)

# ҲИФЗИ ФАРҲАНГИ МАЪНАВИИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ РУШДИ УНСУРҲОИ ПОСТМОДЕРНИЗМ

**(таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)**

**САИДУМАРОВ С.С.[1]**
**РАҶАБАЛИЗОДА Ф.Р.[2]**

*[1]Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

*[2]Номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

*Дар мақола муаллифон яке аз масъалаҳи муҳимми ҷаҳони муосир, ҳифзи фарҳанги маънавии миллӣ дар замони рушди унсурҳои постмодернизмро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар рафти таҳлил мафҳумҳои фазои виртуалӣ, хотираи таърихии миллат, қишрҳои қолабигаштаи миллат, идеалҳои миллӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз назари донишмандон муфассал шарҳ дода шудааст. Муаллифон моҳияти фаъолияти гурӯҳҳои виртуалии миллиро таҳлил карда, чунин гурӯҳбандӣ намудаанд: инъикоскунандаи фарҳанги миллӣ, нигоҳдоранда ва ё суфтакунандаи забони адабии миллӣ, батанзимдароварандаи чорабиниҳои фарҳангӣ-динӣ, пешниҳодкунандаи ёрӣ ва ё хидматрасонӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ-фарҳангӣ, дастгирии эмотсионалии ҳаммиллатон ва ҳамраъй будан дар бурду бохташон, ки ба замони муосир ниҳоят мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, мафҳумҳои ҳувияти иҷтимоӣ, хотираи коллективӣ, хотираи фарҳангӣ, хотираи ахлоқӣ, хотираи инсоният, хотираи ҷомеаҳои инсонӣ, хотираи мегаиҷтимоиро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Инчунин таъсири коҳиш ёфтани маънавиёти насли наврас ба ояндаи давлатҳои миллӣ, дар мисоли Тоҷикистон баррасӣ шудааст ва барои пешгирии ин падида, баъзе роҳҳои таълиму тарбияи насли наврас пешниҳод шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *Фарҳанги миллӣ, хотираи миллат, олами маҷозӣ, маънавиёти миллӣ, глобализатсия, постмодернизм, давлати миллӣ, ҳувияти миллӣ, илм, амният.*

# ЗАЩИТА ДУХОВНОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ В ЭПОХУ РАЗВИТИЯ ЭЛЕМЕНТОВ ПОСТМОДЕРНИЗМА

**САИДУМАРОВ С.С.[1]**
**РАДЖАБАЛИЗОДА Ф.Р.[2]**

*[1] Кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук Таджикский технический университет им ак. М. С. Осими.*

*[2] Кандидат философских наук, и.о. доцент кафедры общественных наук Таджикский технический университет им ак. М. С. Осими.*

*В статье авторы анализируют и обсуждают один из главных проблем современного мира – сохранение национальной духовной культуры в эпоху развития элементов постмодернизма. В ходе анализа подробно рассматриваются воззрения учёных о понятиях виртуального пространства, исторической памяти наций, стереотипных слоев наций, национальных идеалов, социальных сетей. В частности, они проанализировали сущность деятельности национальных виртуальных групп и классифицировали их следующим образом: отражение национальной культуры, сохранение или совершенствование национального литературного языка, организация культурных и религиозных мероприятий, оказание помощи или услуг в правовой и культурной сферах, оказание эмоциональной поддержки согражданам и солидарности в их достижении и потерии, что чрезвычайно актуально в современную эпоху. В то же время анализируются и обсуждаются концепции коллективной памяти, культурной памяти, моральной памяти, социальной идентичности,*

*человеческой памяти, памяти человеческих обществ и мегасоциальной памяти. Особо подчеркивается, как падение морального духа молодого поколения влияет на будущее таких национальных государств, как Таджикистан, и каким направлениям образования и воспитания молодого поколения следует уделить внимание, чтобы продвинуться вперед в этом процессе.*

**Ключевые слова:** *Национальная культура, национальная память, виртуальный мир, национальная духовность, глобализация, постмодернизм, национальное государство, национальная идентичность, наука, безопасность.*

## PROTECTION OF SPIRITUAL NATIONAL CULTURE IN THE ERA OF DEVELOPMENT OF ELEMENTS OF POSTMODERNISM

**SAIDUMAROV S.S.[1]**
**RAJABALIZODA F.R.[2]**
[1]*Candidate of philosophical sciences, docent.Tajik Technical University named after ac. M. S. Osimi*
[2]*Candidate of philosophical sciences, docent.Tajik Technical University named after ac. M. S. Osimi*

*In this article, the authors analyze and discuss one of the main problems of the modern world: the preservation of national spiritual culture in the era of the development of elements of postmodernism. The analysis examines in detail the views of scientists on the concepts of virtual space, the historical memory of nations, stereotypical layers of nations, national ideals, and social networks. In particular, they analyzed the essence of the activities of national virtual groups and classified them as follows: reflecting national culture, preserving or improving the national literary language, organizing cultural and religious events, providing assistance or services in the legal and cultural spheres, providing emotional support to fellow citizens and solidarity in their achievements and losses, which is extremely relevant in the modern era. At the same time, the concepts of collective memory, cultural memory, moral memory, social identity, human memory, memory of human societies and mega-social memory are analyzed and discussed. Particular emphasis is placed on how the decline in morale among the younger generation impacts the future of nation-states such as Tajikistan, and what areas of education and upbringing for the younger generation should be addressed in order to advance this process.*

**Keywords:** *National culture, national memory, virtual world, national spirituality, globalization, postmodernism, national state, national identity, science, security.*

Охири асри XX ва аввали XXI–ро замони рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ном бурдани як қатор донишмандони ҷаҳонӣ беҳуда нест, зеро маҳз дар ҳамин давра инсоният бо тамоми нерӯи зеҳнӣ ва иқтисодиаш барои рушди технологияҳои рақамӣ ва интернет кӯшишҳои бениҳоят зиёд намуд ва тавонистааст, ки ба як қатор дастовардҳои камназири таърихӣ ноил гардад. Аммо мушкилоти пешгӯинашаванда ниҳоят зиёданд. Дар ин маврид, сиёсатшинос ва донишманди тоҷик Саймумин Ятимов гуфтааст: "инсон дар ҷаҳони бесарусомонӣ ва пешгӯинашаванда, бояд низоме коркард ва роҳандозӣ кунад, ки манфиатҳои миллат ва давлатро ҳимоя карда тавонад" [10, 25]. Дар ҳақиқат ҳамин давра барои давлатҳои миллӣ замони ниҳоят ҳассос мебошад ва «Сохтани давлати миллӣ барои ҳар як шаҳрванди он қарзи виҷдонӣ ва инсонӣ ба ҳисоб меравад, зеро барои сохтани давлати миллӣ пеш аз ҳама рукнҳои он ба мисли фарҳанг, худшиносӣ ва характери миллӣ заруранд» [6, 179]. Дар ин асос, таҳлили таъсири фазои маҷозӣ ба хусусиятҳои миллат, яке аз мубрамтарин мавзуъҳои илми фалсафаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои мухталифи замони муосир ин таъсири интернет ва фазои виртуалӣ ба хислати инсон ва муҳити иҷтимоиаш аст. Фалсафаи иҷтимоӣ низ дар доираи усулҳо, принсипҳо ва мактабҳои худ онро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Интернет фазои баҳамоӣ ва табодули хабар тавассути матн, видео ва садо ба ҳисоб

мераванд. Коммуникатсия (мафҳуми лотинии communicatio) – 1. Роҳ, масир (ҳавоӣ, обӣ, заминӣ); 2. Шакли алоқа (телеграф, радио, телефон); 3. Муошират, алоқа байни ду ва зиёда нафар; 4. Коммуникатсияи оммавӣ раванди табодули хабар тавассути васоити техникӣ (радио, нашриёт, кино, телевизион) барои шумораи зиёди аҳолӣ, ба шумор меравад [8, 294]. Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки коммуникатсия – истифодаи коллективонаи маъноҳо дар раванди табодули хабар мебошад. Маҳз ҳамин хусусият метавонад ҷанбаҳои мусбию манфии интернетро ҳувайдо созад, зеро "меъмории технологияи шабакавӣ чунон сохта шудааст, ки назорат ва сензураи он хело мушкил аст" [2, 48]. Озодии коммуникативӣ барои бархеҳо имконияти фаровони эҷодиро эҳдо намуда бошад, дигар афрод дар ин фазои виртуалӣ мақсадҳои ғаразноки хешро амалӣ мегардонанд.

Баъд аз пайдо шудан ва ташаккули интернет шакли нави муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад, ки онро аксарият бо номи коммуникатсияи виртуалӣ мешиносанд ва таъкид менамоянд, ки як шакли нави зербинои ҷамъиятӣ арзи вуҷуд кардааст [3, 151]. Дар ин гуна ҷамъиятҳо субъектҳо ба таври виртуалӣ муошырату муносибат намуда, ҳамдигарро дармеёбанду ҳамдарду ҳамфикр мегарданд, ки шакли нави ба ҳам омехташавии иҷтимоӣ мебошад.

Интернет фазои ниҳоят густурда буда, гурӯҳҳои виртуалии зиёд дар он вуҷуд доранду миллионҳо корбарон ҳар лаҳза аз онҳо истифода мебаранд ва мо дар доираи таҳқиқоти хеш фаъолияти ҳамаи онҳоро таҳлил карда наметавонем. Аз ин рӯ, зарур шумоcreated, ки танҳо доир ба он гурӯҳҳои виртуалӣ сухан ронем, ки масъалаи этно – миллиро фаро мегиранд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар "тортанакхонаи байналмилалӣ" барои сарҷамъ намудани намояндагони як миллат фазои шабакаҳои иҷтимоӣ (ба мисли мессенҷер, гурӯҳҳои виртуалӣ ва ғ.) баҳри радду бадал намудани ахбор доир ба ҳаёт, фаъолият, мушкилот ва ё пешравии онҳо хело мусоид мебошад. Яке аз унсурҳои гирдоварандаи фардҳои як миллат зери чатри як гурӯҳи виртуалӣ ба эътибор гирифтани арзишҳои миллӣ ва эътиқодоти динии онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ моҳияти фаъолияти гурӯҳҳои виртуалии миллиро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Инъикоскунандаи фарҳанги миллӣ (расму оин, суруд, мусиқӣ, дин, рақс, санъати тасвирӣ, омодакунӣ ва пешниҳоди таъому нӯшокиҳо, либос, ҳунарҳои мардумӣ ва ғ.) тавассути видео ва матнҳо (ҳар як миллат мехоҳад, ки доираи аудиторияаш васеътар бошад, бинобар ин матн ва садоҳоро бо забонҳои мухталифи ҷаҳонӣ пахш мекунанд) дар "тортанакхонаи байналмилалӣ" ҷойгир мегарданд;
2. Нигоҳдоранда ва ё суфтакунандаи забони адабии миллӣ – тавассути пахши сабти овозӣ ва навиштани матнҳо;
3. Батанзимдароварандаи чорабиниҳои фарҳангӣ – динӣ;
4. Пешниҳодкунандаи ёрӣ ва ё хизматрасонӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ – фарҳангӣ;
5. Дастгирии эмотсионалии ҳаммиллатон ва ҳамраъй будан дар бурду бохташон.

Ба ҳамагон маълум аст, ки истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон рӯз ба рӯз зиёдтар гардида истодаанд. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ба ҳолати 1 апрели соли ҷорӣ (соли 2025) шумораи истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон ба 4,9 миллион ва алоқаи барқӣ ба 8,3 миллион муштарӣ расидааст, ки аз ин 5,3 миллион муштарии фаъоли алоқаи мобилӣ мебошад" [21]. Мувофиқи маълумотҳо то аввали соли 2025 5.56 – миллиард, баробар ба 67,9% - и аҳолии олам аз интернет истифода мебаранд, ки нисбат ба соли 2024, 136 миллион нафар (+2.5%) зиёд мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти аҳолӣ аз шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ васеъ истифода мебаранд, ки серистифодатаринашон инҳоянд: "Meta (Facebook)", "TikTok", "Telegram", "Twitter", "Whats App", "Truth Social", "Youtube",

“IMO”, “Одноклассники”, “Instagram”, “В контакте”, “Viber”, “Yandex”, “Wechat”, “Мой мир”, “Snapchat”, “Pinterest”, “Signal”, “мой круг”, “MYSPACE” ва ҳоказо мебошанд.

Дар замони муосир мавқеи ВАО–и анъанавиро интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ маҳдуд намудааст, бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки дастрасӣ ва фарҳанги истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ба сохтан ва рушди миллатҳо таъсири бениҳоят зиёд мерасонад.

Яке аз унсурҳои таъсиркунанда ба фазои виртуалии омма хотираи иҷтимоӣ мебошад. Хотираи иҷтимоиро илмҳои мухталиф ҳар яке аз нигоҳи худ мавриди таҳқиқ қарор медиҳаду ба таври ба худ хос онро номгузорӣ кардаанд, ки бархеи онҳоро барои муқоиса меорем: “хотираи коллективӣ” [13], “ҷойгоҳи хотир” [14], “хотираи фарҳангӣ” [15], “хотираи ахлоқӣ” [16] “ҳувияти иҷтимоӣ” [17] ва ғ. Аз нигоҳи равоншиносӣ раванди дар хотир гирифтан, нигоҳ доштан ва аз сари нав барқарор намуданро хотир мегӯянд. Хотираи иҷтимоӣ бошад, на танҳо низоми фардии хабарро таъмину нигоҳ медорад, балки рафторҳои барномарезишудаи одамонро ба наслҳои оянда ва ҳамсолони хеш интиқол медиҳад [1, 45 – 46]. Бартарияти асосии хотираи иҷтимоӣ дар он аст, ки фард метавонад ҳар замон барои дарёфти ягон хабари гузашта ба он муроҷиат намояд. Хотираи иҷтимоии миллатҳо дар фолклор, анъана, фарҳанг, забон, хат ва ғ. маҳфуз нигоҳ дошта мешавад. Мо дар замоне зиндагӣ дорем, ки ҳамаи унсурҳои ҳаётии мо аз коммуникатсия вобастагӣ доранду онҳоро дар якҷоягӣ баҳо додан шарти асосӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳангоми ба интернет ворид намудани кори китобхонаҳо илмҳои гуманитарӣ ба шакли рақамӣ гузариш намуданд ва метавон гуфт, ки ҳамаи соҳаҳо аллакай рақамӣ шудаанд ва хотираи иҷтимоӣ низ кайҳо дар олами виртуалӣ мавқеъ пайдо кардаасту ба омма таъсир мерасонад.

Албатта, раванди ҷаҳонишавӣ ба мавқеи хотираи иҷтимоӣ бе таъсир нест, зеро баъзе мутахассисон аллакай пешгӯӣ мекунанд, ки дар оянда мафҳумҳои “хотираи инсоният”, “хотираи ҷомеаҳои инсонӣ” ва “хотираи мега иҷтимоӣ” мавқеи мафҳум хотираи иҷтимоиро маҳдуд менамоянд, зеро “бо усулҳои мухталиф ҷамъоварии ахбор институтҳои хотираро дар оянда заиф менамояд” [9, 72]. Агар кор бо чунин тарз идома ёфтан гирад дар фардҳои миллӣ “бегонашавӣ” вусъат меёбад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ба хусусиятҳои ахлоқии инсонҳо бе таъсир буда наметавонад ва ба арзишҳо тағйирот ворид мекунад, аммо арзишҳои умумӣ аз қабили озодӣ, накӯкорӣ, адолат, эҷодкорӣ дар ҳама давру замон қадру манзалати хешро гум намекунанд. Пешравии илму технология боиси виртуалигардии хотираи иҷтимоӣ гардидаанд. Ба андешаи М. Маклюэн фарҳанг бояд тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гардад, то ин ки нуқсу камбудиҳояшро ислоҳ намоянд ва инро “принсипи манораи Бобул” номидааст [19]. Албатта дар замони муосир ягон фарҳанг худро аз раванди ҷаҳонишавӣ пурра ҳифз карда наметавонад ва мо тоҷиконро низ мебояд аз дастовардҳои илму техника истифода бурда, маводҳои мухталифро доир ба бурду бохтҳои гузашта, имрӯза ваояндаи хеш дар шабакаи интернет ва саҳифаҳои иҷтимоӣ бештар ҷойгир намоем, зеро баъзе миллатҳое пайдо шудаанд, ки ба бузургон ва фарҳанги мо дастдарозӣ намуда, бо таърихсозӣ дар фазои маҷозӣ онҳоро намояндаи миллати худ нишон дода истодаанд.

Яке аз ҷузъиётҳои муҳимми миллатсоз барои ҳар як миллат стереотипҳо ба ҳисоб мераванд, аммо фазои виртуалии муосир вазъияти ин падидаро ба калавидан маҷбур намудааст, зеро ҳангоми намоиши рекламаҳои ба зан бахшидашуда, мушоҳида менамоем, ки зан дар нақшҳои мухталиф баромад мекунад (модар, хонанишин, дустдухтар ва ё объекти баланд бардоштани шаҳвати мардон) [11, 102]. Дар ин ҷо суоле пайдо мегардад, ки стереотип ва анаъаҳои гузашта дар ин ҳолат кадом мавқеъро ишғол карда метавонанд ва чунин рекламаҳо дар шуури насли наврас кадом изро мегузоранду ҷомеаи суннатӣ ба кадом падидаҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Албатта, ҳар як падидаи ба вуҷудомада дар таърихи инсоният ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии хешро дорад, аммо таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як ҷомеа ва ё фард ба таври ба худ хос ба он

муносибат менамоянду бурду бохти ҳар кадоме аз муносибаташон вобастагӣ дорад. Маҳз дар ҳамин ҳолат моро мебояд, ки доир ба ҳифзи суннатҳои волои тоҷикӣ камари ҳиммат бандему дар ҷаҳони пурталотуми виртуалӣ қадамҳои усутувор гузорем.

Раванди миллатсозӣ ва нигоҳ доштани хусусиятҳои этно–миллӣ дар замони муосир пур аз тазоду мушкилиҳо мебошад. Ба андешаи В. Римский муштарӣ аз имкониятҳои интернет истифода бурда, шавқу ҳаваси хешро рушод ё пинҳонӣ амалӣ мекунад ва ё тарафдорони хешро бо номи "худиҳо" ҷамъ намуда, тавассути онҳо хусусиятҳои гурӯҳии этно - миллиро ташаккул медиҳад [20, 102]. Яке аз роҳҳои маъмулии васеъ кардани фаъолияти чунин гурӯҳҳо аз тарафи дигарон баҳо додани маводи нашргардида ба ҳисоб меравад. Дар забони англисӣ мафҳуми Like – ро истифода мебаранд, ки на танҳо маънои "писанд" – ро дорад балки аз тақлид намудан, низ шаҳодат медиҳад [12, 77]. Пас аз оне ки яке аз саркардагони гурӯҳ маводро меписандад, дар байни аъзоёнаш принсипи домино сурат мегирад, аниқтараш аз тарафи дигар аъзоён на танҳо рамзи писанд гузошта мешавад, балки шарҳҳои мусбии зиёдро ба бор меорад. Муҳаққиқи амрикоӣ У. Томас онро чунин баҳо медиҳад "агар вазъият воқеӣ баҳо дода шавад, пас он метавонад натиҷаҳои воқеиро ба бор орад" [4, 223 – 224]. Дар ин ҳолат фазои виртуалӣ метавонад ҳамчун фазои иҷтимоии тадқиққунандаи урфу одат ва суннатҳои миллӣ гардад, зеро тибқи назарияи "Ман - инъикос"-и [5, 316 – 329] Ч. Кули инсон хусусиятҳои этно–миллииашро тавассути инъикос намудани атрофиён ташаккул медиҳад ва дар замони муосир интернет чунин фазоро ба вуҷуд оварда метавонад. Бинобар ин, аксарияти муштариён ва ё истифодабарандагони интернетро насли наврас ташкил медиҳанд, зеро онҳо дар фазои виртуалӣ "Ман"–и хешро ба намоиш мегузоранду аз муҳит истифода бурда, онро бозсозӣ менамоянд.

Барои омӯзиши ҳамагуна миллатҳо – омӯхтани таърихи он яке аз шартҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад. Рушди интернет ва фазои виртуалӣ то ба андозае ҷойгузини дигар маводи моддӣ (китоб, мусаввара ва ғ.) шудаанд, яъне таърихи миллат низ рақамӣ гаштааст, зеро насли наврас ба китобхонӣ ва рафтан ба осорхонаву намоишгоҳҳои санъати тасвирӣ камтар майл доранд. Аксарият давлатҳои мутараққӣ баҳри рушди фарҳанги маънавии шаҳрвандонашон бо ҳар роҳу восита маводи зиёдро доир ба таърихи гузаштаи миллаташон ба фазои виртуалӣ ворид менамоянд. Моро низ мебояд, ки дар ин масъала корро ҷоннок намоем.

Аз гуфтаҳои боло ва таҳлили адабиёти илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки таъсири фазои виртуалӣ барои ташаккул, рушд ва ё таназзули хусусиятҳои этно – миллӣ хеле зиёд аст, зеро кайҳо боз "тори анкабут" як ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти инсоният гаштааст. Фарҳангҳои миллӣ бо ҳам омезиш ёфта истодаанд, фазои виртуалӣ ин омезишро ниҳоят тезонда истодааст ва он миллатҳое дар ин ҷода бурд менамоянд, ки "тортанакхонаи байналмилали"-ро бо ҳар роҳу восита ба манфиати миллии хеш истифода мебаранд, зеро дар фазои виртуалӣ сарҳади заминаи давлат барои ҳифзи арзишҳои миллӣ нақшашро аз даст дода истодааст. Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки намояндагони бархе миллатҳо забони хешро дар давоми як ё ду насл аз даст додаанд ва ин раванд аксарият миллатҳои хурдро таҳдид мекунад. Ташаккули хусусиятҳои этно – миллиро метавон, кушода ва ба вазъият вобастабуда ном бурд. Маҳз ҳамин хусусиятҳоро бузургони миллат ба хубӣ истифода мебаранд, то ин ки дар ҳама давру замон миллат талабгор ва улгуи худро дошта бошад [18, 33]. Мавриди зикр аст, ки хусусиятҳои этно – миллӣ на танҳо бошуурона зоҳир мегарданд, балки дар рафторҳои бешуурона ва таҳтулшуурӣ низ ҳувайдо мегарданд. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки фазои виртуалӣ майдони зуҳури хусусиятҳои этно–миллӣ ба ҳисоб меравад ва моро мебояд, таҳқиқи хусусиятҳои миллиро ба мисли характери миллӣ, зеҳнияти миллӣ, ганҷури равонии миллат ва ғ. ба роҳ монем ва муайян намоем, ки кадом унсурҳои болозикр дар раванди виртуалигардидаи ҳастии маънавии ҷомеа рушд ва ё таназзул ёфтаанд. Маҳз дар ҳамин давра шарти асосии пешрафти ҷомеа рушди тафаккури илмии аҳолӣ мебошад, зеро "дар

ҷомеае, ки шуури илмӣ рушд меёбад, аҳолиаш бемамониат метавонад, ки моҳияти ҳама гуна ҳодисаю равандҳоро дуруст дарк намояд ва манзараи илмии оламро ба вуҷуд оварда, дар асоси кашфиёти илмӣ фаъолияташро пеш барад" ин гуфтаҳоро таърих борҳо собит намудааст [7, 139].

Замони ҷаҳонишавӣ ва постмодернизм ба хусусиятҳои этно–миллӣ бе таъсир буда наметавонад ва маҳз ҳамин давра боис гардид, ки дар дохили миллатҳо плюрализми мусбӣ ба вуҷуд омад ва арзиш, идеал, воқеияти иҷтимоӣ зудтағйирёбанда гардид. Дар ин марҳила барои насли наврас ва ҳаммиллатони бурунмарзии мо як қатор мушкилотро ба бор меорад. Асосан дар онҳо чунин пурсишҳо ба вуҷуд меояд: "ман кӣ ҳастам?", "ҳаммиллатони мо дар гузашта кӣ буданд ва имрӯз ба чӣ қодир ҳастанд?", "барои рушди шахсиам аз кадом арзишҳои миллӣ корбурд намоям?" "дар кадом гурӯҳҳои виртуалии миллӣ худро номнавис намоям?" ва ғ. Барои рушди якмароми миллӣ моро мебояд, ки тамоми унсунҳои миллии хешро дар фазои виртуалӣ ҷӯё нашавем ва ё ба он зиёд такя нанамоем, балки дигар институтҳои ҷомеаро низ рушд диҳем.

**АДАБИЁТ:**


1. Афанасьев В.Г. Социальная информация и управление обществом. М., 1975, С. 45-46.
2. Кастельс М. Власть коммуникации. - М.: Изд. дом ВШЭ, 2016. - 564 с.
3. Кастельс М. Галактика Интернет: Размышления об Интернете, бизнесе и обществе / М. Кастельс; пер. с англ. А.Матвеева под ред. В.Харитонова. - Екатеринбург: У - Фактория, 2004. - 328 с.
4. Кармин А. С. Культурология. – СПб, «Лань», 2006. – 928с.
5. Кули Ч. Х. Социальная самость / Кули Чарльз Хортон; перевод с английского Т. Новиковой // Американская социологическая мысль. - Москва, 1994. - С. 316-329.
6. Саидумаров С.С. Давлати миллӣ: мушкилот ва таҳдидҳои замони муосир (дар мисоли Тоҷикистон) / С.С. Саидумаров, А.Қ. Умаров, А.Ш. Абдуллоев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Душанбе. - 2023. - №3, – С. 173 – 180.
7. Саидумаров, С. С. Шуури ҳуқуқӣ ифодакунандаи худшиносии миллӣ / С. С. Саидумаров, Ф. Р. Тураев, Р. Ф. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2024. – No. 2(30). – P. 135-143. – EDN NKQZPI.
8. Современный словарь иностранных слов. - М., 1993. – 896с.
9. Тихонова С. В. Память Интернета и социальная память: перспектива слияния // Философия времени: онтологические начала и ценностные дискурсы. Саратов, 2017. С. 68-73.
10. Ятимов С.С. Корномаҳои ҷовидонаи пешвои муаззами миллат /С.С. Ятимов// Илм ва амният. Нашрия Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 (13), 2025, – Душанбе. - 2025. - №3(13), – С. 8 – 25.
11. Barker Ch. Cultural studies: theory and practice. - London Calif.: SAGE Publications, 2000. - 484 p.
12. Colman Andrew. Oxford Dictionary of Psychology. – New York: Oxford University Press, 2003. – 882p.
13. Halbwachs M. On Collective Memory. Chicago: The University of Chicago Press, 1992. - 244 p.
14. Nora P. The Era of Commemoration/ Pierre Nora & L. Kritzman (eds.) Realms of Memory: The Construction of the French Past. Vol. 3. New York: Columbia University Press, 1996.
15. Fentress James J. Social Memory: New Perspectives on the past. ACLS, 2009.- 256p.
16. Rossington M., Whitehead A.. Theories of Memory: A Reader. The John's Hopkins University Press, Baltimore, 2007.–328 p.
17. Kansteiner W. Finding meaning in memory: A methodological critique of collective memory studies // History and theory. - Middletown, 2002. - Vol. 41, N 2. - P. 179-197.
18. Heisler M.O. Ethnicity and Ethnic Relations in the Modern West // Conflict and Peacemaking in Multiethnic Societies. Massachusetts/Toronto, 1990. – P.21-52, P.33.
19. Маршалл М-Л. Галактика Гутенберга. Сотворение человека печатной культуры [Электронный ресурс] URL: www.royallib.ru (дата обращения: 16.12.2015).
20. Омельченко Е. Молодежный активизм в России и глобальные трансформации его смысла [Электронный ресурс] URL: www.identities. h15.ru/readingsomelchenko2.html (дата обращения: 11.06.2016).
21. Шумораи истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. https://www.stat.tj/shumorai-istifodabarandagoni-internet-dar-tojikiston/ (санаи муроҷиат 15.09.2025)

ТДУ 355.4:[297+9+32.001]

# МАСЪАЛАИ ҶАНГ ВА СУЛҲ ДАР ТАЪЛИМОТИ ЗАРДУШТИЯ

**РАҲИМОВ Р.М.**

*Докторанти PhD-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷанбаҳои фалсафии масъалаи ҷанг ва сулҳро дар таълимоти Зардуштия баррасӣ намудааст. Қайд шудааст, ки ҷанг ва сулҳ дар осори гузаштагони мо ифодакунандаи унсурҳои некӣ ва бадӣ буда, тамоми амалҳои аҳриманиро, ки барои ҷамъият зараровар буданд, амали зишт ва носавоб меномиданд. Аз он ҷумла, масъалаи ҷанг ва сулҳро, ки моҳиятан доираи васеи муборизаҳоро дар худ касб намудааст, маркази таълимоти зардуштияро ташкил мекунад.*

**Калидвожаҳо:** *ҷанг, сулҳ, Аҳриман, гузаштагон, зараровар,мубориза, Зардушт, бадӣ, зишт, носавоб, унсур.*

## ПРОБЛЕМА ВОЙНЫ И МИРА В УЧЕНИИ ЗОРОАСРТИЙЗМА

**РАХИМОВ Р.М.**

*Докторант PhD Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор рассматривает философские аспекты проблемы войны и мира в учении Зороастризма. Утверждается, что война и мир в произведениях наших предков являются элементами добра и зла, все злодеяния, наносящие ущерб обществу, являются грешными. В том числе, проблема войны и мира, которая объединяет большой круг противоборств, занимает центральное место в учении Зороастризма.*

**Ключевые слова:** *война, мир, Ахриман, злость, древность, конфликт, неразумный, безобразный, элемент, вредный.*

## THE PROBLEM OF WAR AND PEACE IN ZOROASTRIAN TEACHINGS

**RAHIMOV R.M.**

*Doctor PhD of Institute of philosophy, politics and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author examines the philosophical aspects of the issue of war and peace in Zoroastrian teachings. It is noted that war and peace in the works of our ancestors represent elements of good and evil, with all actions that were harmful to society being considered ugly and inappropriate. Among other things, the issue of war and peace, which inherently encompasses a wide range of struggles, forms the core of Zoroastrian teachings.*

**Keywords:** *war, peace, devil, harmful, struggle, Zoroastrian, evil, ugly, bad, element.*

Ҷанг ва сулҳ дар осори гузаштагони мо ифодакунандаи унсурҳои бадӣ ва некӣ буда, яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсии он давра ба ҳисоб мерафт. Аз он ҷумла, масъалаи ҷанг ва сулҳро, ки моҳиятан доираи васеи муборизаҳоро дар худ касб намудааст, фалсафаи таълимоти зардуштияро ташкил мекунад. Ҷанбаи сулҳофаринии таълимоти Зардуштия бошад, дар таърихи фалсафаи тоҷику форс ҳамчун олитарин сарчашмаи афкор ва қоидаҳои ахлоқӣ, фардиятсозӣ, инсондӯстӣ ва ҷанбаҳои илоҳиву иҷтимоиро фаро гирифта, бо пиндорӣ нек, гуфтори нек ва рафтори нек бунёд мегардад. Моҳиятан таълимоти зардуштиро инъикоси «рӯшаноӣ», «ростӣ», «амали нек», «гуфтори нек» ва аз байн бурдани «торикӣ», «бадӣ», «дуруғ», «хислатҳои разила», «ҷанг» ва тамоми амалҳои аҳриманӣ, ки ба ҷамъияти инсонӣ халал ворид мекунад, ташкил медиҳад.

Ҷаҳон ҳаст шодоб ба пиндори нек,
Зи пиндори нек аст гуфтори нек.
Чу пиндору гуфтори ту нек шуд,

Наояд зи ту ғайри кирдори нек. [7, 35]

Масъалаи асосии таълимоти зардуштиро муборизаи қувваҳои бо ҳам зид ташкил дода, ҳардуи онҳо мунтазам дар саҳнаи ҳаёти иҷтимоӣ муқовимат мекунанд. Раванди муборизаи қувваҳои некӣ бо бадӣ, баланд бардоштани ахлоқи ҷомеа, муборизаи ҳамешагии худоён бо ҳамдигар, муқовимати девҳо, масъалаҳои асосии даврони Зардуштро ташкил мекунад. Масъалаи муборизаи “рӯшноӣ” бо “торикӣ” дар таълимоти Зардушт бесобиқа буда, моҳияти онро набарди некӣ бар бадӣ аз офариниши оламу одам то абадият ташкил додааст.

Раванди муборизаи қувваҳои аҳриманӣ бо Зардушт аз лаҳзаи ба дунё омаданаш оғоз гардидааст. Ин муборизаҳо сабаб мегардад, ки дар афкори Зардушт муборизаи оштинопазир ва аз байн бурдани тамоми қувваҳои аҳриманӣ ва ба воситаи таълимоти худ, решакан намудани тамоми қувваҳои бадӣ дар ҷомеа равона карда шавад. Ба ақидаи Зардушт ҷомеа, ҳама вақт ба роҳнамокунандае эҳтиёҷ дорад, ки бояд он роҳбар ё пешво мардумро ба роҳи ростӣ роҳнамоӣ созад. Барои ҳамин, ҷавҳари сулҳро дар фалсафаи бостонии тоҷик “пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек” ташкил мекунад. Чунончӣ дар ривоятҳо ва афкори бостонии халқи тоҷик муборизаи шадиди шоҳ Кайхусрав бар зидди Афросиёб барои татбиқ намудани сулҳ ва зиндагии осоиштаи мардуми Эрон мубориза мебарад. Кайхусрав рамзи дигари намояндаи сулҳхоҳ дар афкори иҷтимоии бостон барои ҳимояи мардуми худ бар зидди душман мебошад. Вай бовар дошт, ки ростӣ ва ҳақиқат ҳама вақт бар бадӣ бартарӣ дошта, ғолиб меояд. Инчунин ҷанги Эрону Тӯрон, ки дар инҷо Афросиёб бар зидди охирин подшоҳи пешдодӣ Манучеҳр муборизаро оғоз намуда буд, шуруъ мешавад, ки мисоли дигари татбиқи сулҳ ва адолат дар афкори гузаштагони мо ба ҳисоб меравад.

Афросиёб бунёдгузори давлати пуриқтидори Тӯрон беш аз 400 сол пеш аз таваллуди Зардушт ва пайдоиши дини ӯ зиндагӣ карда, истиқлолияти Тӯронро асос гузоштааст. Афросиёб сабаби асосии ҷангҳои Тӯрон ва Эрон гардида, оҳиста-оҳиста аз сарзамини Осиёи Марказӣ ва баъд Осиёи Миёна ихроҷ гардидани қабилаҳои эронӣ шудааст, ки ба ӯ образи сарсахти дини маздаясноӣ медиҳанд. Афросиёб асосгузори империяи Тӯрон дар асрҳои XVI-XV пеш аз милод умр ба сар бурда, ин давлатро неруманд ва бузург сохтааст, ки сабаби тарсу ҳароси рақибонаш гардидааст [8, 9 – 10].

Бояд қайд намуд, ки дар таърихи башарият шадидтарин ва тӯлонитарин ҷангҳо миёни Эрону Тӯрон гузаштааст. Ин муборизаҳо миёни ин ду халқияти ба ҳам наздик ва ҳамсоя, ки дар натиҷаи ҷангҳо ва даргириҳо ҳазорсолаҳоро тул кашида, дар раванди ин ҷангҳо мардумони бешумор ба ҳалокат расидаанд. Ин муборизаҳо дар шакли ривояту ҳикояҳои асотирӣ ва воқеиятҳои таърихии рухдодаро ба мо ошно мекунад, то мо аз он дарси ибрат гирифта, ҷанбаҳои муҳимми онро дар раванди давлатдориамон истифода намоем. Аз ин рӯ, мебояд қайд намуд, ки дар таърихи ҳаёти иҷтимоӣ ва фалсафии гузаштагони мо чунин ҷангҳову муборизаҳо пуршиддат бешумор гузаштаанд, ки барои мо дарси ибрат аст.

Таълимоти Зардуштия аз лиҳози омӯзиши ғоявӣ мураккаб буда, муқобилияти ду неруи ба ҳам зидро дар бар мегирад. Паёмбар Зардушт тарғибкунандаи сулҳ дар рӯи замин, талқинкунандаи рафтори нек бар олами ҳастӣ, ҳамоҳанкунандаи ҷамъият бо олами табиат, муаррифгари ҷанбаҳои зебоиву ҳастишиносии инсонҳо мебошад. Вазифаи асосии Зардушт ҳамчун мубориз барои нобуд намудани тамоми амалҳои зишти Аҳриман дар олами ҳастӣ аст. Ба ақидаи Зардушт, ҷангу низоъ ва бадӣ бо хислатҳои Аҳурамаздо ва табиати офаридаи он, аз ҷумла, инсон мувофиқат намекунад. Манбаи тамоми зиддиятҳо хислатҳои разилаи инсон мебошад. Асоси ин хислатҳоро ҳирс, кина, дурӯғ, тамаъ, хашм, худхоҳӣ, рашк ташкил мекунад. Ҳар нафаре, ки дорои чунин хислатҳои бад аст, аз қатори парастандагони Аҳурамаздо берун шуда, ба Аҳриман пайваст мегардад. Роҳи ҳалли тамоми низоъҳо ва ҷангҳо муросо ва созиш мебошад [4, 175]. Аз ин рӯ, моҳияти таълимоти Зардуштро парастиши Худои ягона, ростӣ, дур будан аз бадиҳо, таҳкими сулуҳу субот, оромӣ дар давлат ташкил мекунад.

Хуҷастапае номи ӯ Зардуҳушт,
Ки Аҳримани бадкуништро бикушт. [5, 172]

Аҳурамаздо рамзи Худои некӣ ва олии дини зардуштия ба ҳисоб меравад, ки ӯ махсусан аз ҷониби Зардушт асосгузори ин дини ба дараҷаи Худои бузург, офаридагор талқин карда мешавад. Бузургии дини Зардуштӣ дар он замон аз он иборат аст, ки Худои якто ва ягонаро ба мардум пешниҳод намуд. Зарурати қабули онро метавон чунин иброз намуд, ки ҷамъияти онвақтаро бисёрхудогӣ ҳукмфармо буд ва бисёрпарастандагӣ боиси ҷангу низоъҳои зиёд мегардид. Мардуми онвақта дини якдигарро аз дигар бартар дониста, қисми дигари одамон бошад аз сабаби номуайянӣ ва набудани Худои ҳақиқат, ки танҳо ба ӯ эътиқод банданд зиндагии парешон ва ҳолати ногуворро аз сар мегузаронианд. Зардушт Аҳурамаздоро ҳамчун Худои ягона ва соҳиби ҳама мавҷудоти рӯи олам хонда ба мардум тамоми нозукиҳои дини ҷадидро таълим медод.

Зардушт паёмбар дар оини Аҳуромаздо аввалин тарғибкунандаи роҳи ростӣ, муаллими дини барҳақ, ва муҳимтар аз ҳама ҷанговар ба ҳисоб мерафт. Чунки аз лаҳзаи аввалини ба дунёи ҳастӣ омадани Зардушт то замони зинда буданаш муқовимати шадидро бо девону ҷодувон, коҳинону бадхоҳон ва тамоми нерӯҳои шар анҷом медод. Зардушт одамро аз ду қисмати асосӣ рӯҳ ва ҷисм иборат медонист. Пайваста таълим медод, ки барои поку беолоиш нигоҳ доштани ин ду чиз инсон бояд, ҳамарӯза аз дини Аҳуро итоат кунанд ва намоз гузорад. Дар идораи шахсияти худ аз қувваҳои шар дар мавқеи аввал Зардушт рӯҳро мегузошт. Чунки нерӯҳои шар аввал ба рӯҳи инсон ворид шуда, баъдан ҷисмашро ба бадӣ мекашонад. Аз ин рӯ, таълим медод, ки пайравони ӯ бояд рӯҳ ва ҷисми худро дар ибодат аз оини ягонаи Аҳуроӣ машғул гардонанд.

Дар таърихи афкори иҷтимоии халқҳои тоҷику форс пас аз Ҳушанг, Таҳмурас ҳокими тамоми ҷаҳон гардид. Мувофиқи ривоятҳо Таҳмурас ба тамоми қувваҳои аҳриманӣ аз ҷумла, девҳо, париҳо ва ба ҷодуҳо ҳоким гардид. Аҳриманро дар шакли аспе даровардa давоми сӣ сол ба вай савор шуда, бо воситаи ӯ тамоми ҷаҳонро сайр мекард. Дар болои ӯ зин гузошта, ҳар як рӯз се маротиба гирди замин мегашт. Таҳмурас бо худ гурзи пулодие дошт, бо он Аҳриманро идора намуда, кӯҳ, дарё ва тамоми нишебиҳои кӯҳҳои Ҳарбурзро (Албурс) тамошо менамуд. Ва замоне, ки бар мегашт, Аҳриман ба ҷуз гурзи гарон ошомиданӣ ва хӯрданӣ надошт. Чун зани Таҳмурас сабаби беобу хӯрок будани Аҳриманро мепурсад, ӯ чунин ҷавоб мегардонад: “Хӯроки ман аз гуноҳи мардум иборат аст. Ва ман замоне худро хубу хуррам эҳсос мекунам, ки мардумон ҳамон рӯз зиёд гуноҳ кунанд ва хӯриши ман ҳам зиёд мегардад” [9, 175].

Замони зиндагӣ ва густариши дини Зардуштӣ ба давраи ҳукмронии як қатор подшоҳони қадимаи миллати мо рост меояд. Бо такя аз сарчашмаҳои бостонӣ маълум мегардад, ки ҳама подшоҳони гузаштаи тоҷику форс дар парастиши оини Маздаясно бисёр мавқеи бузургро касб намудаанд. Аҳурамаздоро воситаи асосии пешрафт дар фаъолияти худ медонистанд. Яъне, аллакай боввариву эътимод ва пайравӣ ба ин дин дар шуури онҳо ҷойгир шуда буд. Чуноне дар катибаҳои дарёфтгардидаи даврони бостон сабт гардидааст: “Худои бузург Аҳурамаздо, ки заминро офарид, осмонро офарид, инсонро офарид, барои инсон некӣ офарид, Дороро шоҳ намуд, шоҳи ягона бар ҳама шоҳон, ягона бар аксари ҳокимон” [9, 43]. Ва ӯ сабаб шуд, ки фаъолияти империяи форсҳо беҳбуд ёфт ва зиндагии мардум ба сӯи ҳақиқат равона гардид.

Чунки дар давраи ҳукмронии Дориюш (522-480 то м.) як қатор ислоҳоти муҳимми давлатдорӣ гузаронида шуд. Аз он ҷумла, дар самти молиявӣ, маъмурӣ, ҳудудии кишварҳои забтнамуда, низоми дурусти фаъолиятро ба роҳ монд. Доро ба бенизомию бесарусомонӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динии мамлакат, ки дар Парфия, Гиркания Виштасп муғи худхоҳ Гавмата (Гаумата) - ро мағлуб сохта, чуноне дар сангнавишти Бесутуни худ меорад,“шоҳи шоҳон” шуд. Ва ин ислоҳот вазъи давлатдории Форсро ба сомон даровард [7, 40 – 41]. Дорои I шоҳи нави форсҳо, ки пас аз сари Камбиз (528-523 то милод) ба тахти Ҳахоманишиён нишаста буд, дар мамлакат ислоҳотҳои гуногун гузаронид. Чунки дар замони ҳукумронии Камбиз зулму истисмор, ситонида андози

баланд, мухолифат ва зиддият миёни халқиятҳо, мансабтарошии ашрофон дар дохили мамлакат сабаби зиёд гардидани исёнҳои халқӣ, норозигию эътироз, афзудани макру фиреб ва ҳаракатҳои марказгурезӣ қувват гирифтанд. Ин ҳама нобасомониҳо сабаб шуд, ки дар як муддати кӯтоҳ давлатҳои Элому Мидия, Ошуру Миср, Парфияю Маргиан, Саттагидияю Скифия (Сакоиён) худро мустақил эълон намоянд. Аз ин рӯ, Дороро зарур меояд, ки дар як сол 19 маротиба ба ҷанг бархоста, 9 шоҳи саркашро асир гирад [2, 125]. Ва дар натиҷаи мубориза ва кӯшишҳои зиёд империяи Форсро дубора пас аз Куруш барқарор намояд.

Инчунин бо таваҷҷуҳ ба шавоҳиди таърихӣ маълум мегардад, ки Куруш низ дини Маздаясно дошт, яъне пайрави дине буд, ки Зардушт, ӯро бино намуд. Ва дини зардуштия дар миёни халқиятҳо ва подшоҳони тоҷику форс чуноне дар боло зикр намудем заминаи пешрафти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии давлат гардида буд.

Раванди ташкил ва ислоҳоти динии Зардушт барои халқҳои Эронзамин аз он ҷумла, Эрони шарқӣ давраи муҳимми таърихӣ ба ҳисоб меравад. Чунки дар ин давра бо ислоҳоти Зардушт дар самти хоҷагии халқ, инчунин аз байн бурдани ҳаёти бодиянишинии халқҳои Эрон ва мустаҳкам гардидани ҳаёти иҷтимоии ин халқҳо пешравиҳои назаррас дида мешуд. Аз он ҷумла, замони пайдоиш ва рушди дини зардуштро ба замони идории Куруши Кабир ҳокими бузурги империяи Ҳахоманишиён нисбат медиҳанд. Ва мавзеи пайдоиши дини зардуштиро қисмати шимолии Эрони бостон, яъне Озарбойҷони имрӯза арзёбӣ мекунанд.

Дар заминаи рушди таълимоти Зардуштӣ ва ҳидоятҳои пайвастаи ӯ дар умури давлатдорӣ ба шоҳони эронзамин мавқеи онҳоро дар идораи давлатдорӣ баланд гардонидааст. Дар ин баробар ба хизматҳои шоёни Куруш олимону донишмандон баҳои мусбат додаанд. Куруши Кабир ҳамчун подшоҳи сарзаминҳои паҳновари беҳудуд дорои тамоми фазоили инсонӣ,  подшоҳи одил, ҳаким, тавоно ва муҳимтар аз ҳама дорои ахлоқи баланд шинохта шуда буд. Хизматҳои шоёни ӯ ба халқияту милатҳои давру замонаш беназир гардид. Мистер Грандӣ устоди донишгоҳи Оксфорд дар асари таърихии худ “Ҷанги бузурги Порс” менависад: “Ҳеҷ ҷои шубҳа нест, ки шахсияти Куруши Кабир ниҳоятан бузургу беназир ҳарчанд дар фардияти худ ғайриоддие буд. Куруш дар дили ҷамъияти кунунии башарият чунон асаре ба ҷой гузошт, ки ақлро мод мекунад. Аз ин рӯ, комилият ва мавқеъи Куруш бисёр пурарзиш аст. Давоми дувоздаҳ сол пеш вилояти кӯчакеро идора мекард, ки бо номи Аншон (қисмате аз Хузистон) буд”. Шахсияти Куруш бо таҳамулпазирӣ, хирадмандӣ ва доираи хуби муносибат бо мардуми оддӣ бо дарназардошти забти сарзаминҳои бузурги сермиллату халқият ба монанди Лидия ва Бобил маълум мегардад. Пас аз забти ин мамлакатҳо ҳамаи ҷамъияти этникӣ ҳукумати навро хуб пазируфтанд, инчунин онро нек хонданд ва ба осони мувофиқ омаданд [5, 168 – 169].

Чуноне, ки мо дар боло зикр карда шуд, Куруш сарзаминҳои афсонавии Бобил ва Лидияро тасхир намуда буд. Ва ин чиз метавонист сабаби норозигӣ ва нооромии миёни халқиятҳоро ба миён орад. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки пас аз забти ин сарзаминҳо халқиятҳои он ҳеҷ зиддияте нишон надоданд. Чаро? Чуноне, ки муҳаққиқон мегӯянд пас аз забти ин сарзаминҳо вазъият дар дохили давлатҳои забтшуда на бад, балки рӯ ба беҳбуди ниҳод. Масалан пас аз ворид шудани Куруш ба сарзамини куҳани Бобил (538 пеш аз милод) барои озодии халқиятҳои гуногун аз асорати бобилҳо фармоне содир кард, ки дар натиҷаи он чиҳил ҳазор нафар аз зиндонҳо озод шуданд. Инчунин замони муқовимат дар ҷои дигар худи ӯ қайд мекунад: “Ман ба ҳеҷ кас иҷозат надодам, ки сарзамини Сумер ва Акадро дучори ҳарос кунад. Ман дар беҳбудии вазъи Бобил кӯшидам. Ман юғи announced нописанди мардуми Бобилро бардоштам, хонаҳои вайрони онро обод кардам” ва аз онҳо чизи гароне наталабидам. То тавонистам, кӯшидам ба бегонае зулм накунам [5, 42].

Чунки аз лаҳзаи ҳуҷум ба сарзаминҳои дигар Куруш ҳамчун на ба ҳайси як подшоҳи золим ва хунхор, ки бо мақсади забти замин ва сарватҳои табиӣ таҷовузи онро кунад ва натиҷаи қатли садҳо ҳазор одамоди бегуноҳ гардад. Балки, танҳо кушиши

ҳалли масоили сиёсии он аз ҷумла, сарнагун кардани ҳокимияти золими он сарзаминҳо буд.

Аз маъхазҳои бостонӣ маълум мегардад, ки подшоҳони давлатҳои Бобил ва Лидия бо сабабҳои ҷаҳолат ва нодонӣ бисёр золим ва худхоҳ буданд. Мардумони ин ҷамъият дар осудагӣ умр ба сар намебурданд. Таъсири таҷовузҳои пайдарпай ба яғмо бурдани миллату халқиятҳои дар хати марз умр ба сар бурда, сабаби норозигии мардум шуда буд. Ва метавон гуфт, ки ба сифати аввалин шахсияти сиёсӣ ва ҳокими имдодрас, ки дар таърихи башар баромад намуда буд, Куруши Кабир аст. Курушро Пешвои муаззами миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадоре ном бурдааст, ки ба ҳамаи халқу миллатҳои дар сарзаминаш умр ба сар бурда, "ҳуқуқи баробар" ва ҷорикунандаи "адолати иҷтимоӣ" тавсиф намудааст. Чунки дар фарҳанги иҷтимоии халқиятҳои форсизабон подшоҳро чунин тавсиф намудаанд:

Подшоҳе, к-ӯ раво дорад ситам бар зердаст,
Дӯстдоронаш рузи сахтӣ душмани зӯровар аст.
Бо раият сулҳ кун в-аз ҷанги хасм эмин нишин,
З-он ки шоҳаншоҳи одилро раият лашкар аст. [3, 15]

Дар фалсафаи иҷтимоии афкори гузаштагони мо инчунин эҷодиёти пурмӯҳтавои онҳо дар чаҳорчубаи хиради воло, масъулияи баланди давлатдорӣ, ғамхорӣ, муомилаи нек бо мардум, роҳбари идеалӣ будан ба мардумро тарғиб мекарданд. Ва аз ин рӯ гузаштагони мо ҳамеша ҷонибдори он давлате буданд, ки дар асоси он тамоми қишрҳои ҷомеа новобаста аз мансубияти этникӣ зиндагии оромона дошта бошанд. Риояи адолати иҷтимоӣ, давлатсолорӣ, баробарӣ, таҳкими саодати мардум, хушбахтӣ ин ҳама аз хусусиятҳои хоси фалсафаи иҷтимоии фарҳанги гузаштагони мо будаанд. Ва ин хислатҳо бешубҳа дар симои давлатдорони гузаштагони мо тоҷикон дида мешавад, ки то ба ҳол идома ёфта истодааст. Чунончӣ замоне, ки Анушервон дар канори деҳае иқомат менамуд ва ба ӯ хостанд кабобе кунанд, ӯ аз сарбозе, ки барои намак равона шуда буд, талаб намуд, ки намак ба қиммат биситонат, то одате нашавад ва мулк хароб гардад. Ҳарчанд ин барои ҳамроҳон як чизи муқарарӣ пиндошта мешуд. Ва замоне, ки аз ӯ дараҷаи зарар ба мардумро хостанд бифаҳманд. Анушервон чунин ҷавоб дод, ки бунёди зулумот аввалан дар ҷаҳон начандон бузург буд ва ҳар ки омад ба он зам кард ва ба чунин ҳолат омада расид.

Дар афкори фалсафаи иҷтимоии бостонии тоҷику форс маълум аст, ки замоне Зардушт таълимоти худро дар Балх анҷом медод ба зиддиятҳои шадид дучор омада буд. Аммо новобаста аз зиддиятҳо дар муддати кӯтоҳ тавонист тарафдорони худро зиёд намояд. Давра ба давра оини Маздаясно дучанд инкишоф меёфт. Зардушт шабу рӯз ростиву дурустиро ба мардум ҳидоят менамуд. Дар баробари ин донишманди америкоӣ Ричард Нелсон Фрай дар китоби худ "Мероси Осиёи Марказӣ" қайд менамояд, ки гарчанд оид ба макони зист ва минтақаи таваллуди Зардушт маълумоти пурра дастрас нест аммо, фаъолияти пурсамар ва таблиғоти Зардушт дар минтақаи пешрафта ва пурҷамъият дар Шарқ сурат гирифтааст [6, 70].

Паёми пок Яздонро ба ҳар гоҳ,
Бидоду мардумонро сохт огоҳ.
Дупоёнро ба сӯи рӯшноӣ,
Ҳамекард ӯ паёпай раҳнамоӣ. [1, 13]

Инчунин, бояд қайд намуд, ки дар давраи аввали фаъолияти Зардушт дар сарзамини Эрон гурӯҳҳои гуногун ва зиёди худоҳои табиӣ вуҷуд доштанд. Ва рақобати онҳо нисбат ба дини зардуштӣ сараввал ниҳоят сард буд. Зардушт кӯшиш менамуд, ки оину эътиқодоти парокандаи қабилавиро, ки садди роҳи муттаҳидӣ ва ягонагӣ буданд, бо дини муназзами иваз намояд. Дар инҷо Аҳурамаздоро нисбат ба дигар худоҳои сохта ва анъанавӣ қудрати бештару беандоза пайдо намуда, худоҳои анъанавии қабилаҳои гуногунро аз миён мебарад [9, 41]. Ин буд, ки Зардушт ба мухолифати шадиди мардумӣ,

ки мардум ба дараҷаи баланди бисёрхудогӣ гирифтор буд, рӯ ба рӯ мешавад. Чунончӣ аз мухолифат ва беэътиноии мардум Зардушт ба танг омада дар суруди ёздаҳуми “Готҳо” ба Аҳуромаздо (яснои 46) ишора мекунад: Ба кадом сарзамин рӯй оварам, ба куҷо паноҳ барам, дӯстон ва хешону наздиконам аз ман дурӣ мекобанд, аз ҳамкоронам хурсанд нестам, дар баробари ин бузургони сарзамин, ки ҳавохоҳи дурӯғ мебошанд, аз ин рӯ, ай Аҳуро Маздо, чӣ гуна ман туро хушнуд гардонам? [4, 11].

Новобаста аз ҳамаи мушкилиҳо Зардушт бо мақсади тарғиби ғояҳои ростӣ, баланд бардоштани ахлоқи ҷомеа, фарқ гузоштан миёни некӣ ва бадӣ, ҳунаромӯзиву донишандӯзӣ пайваста талош меварзид. Оини Маздаясно ҳамчун чароғи биниши рушноии мардуми эронитабор гардид. Зардушт ба воситаи дониши худ ҳазорон дардмандро табиб ва роҳнамо буд. Зардушт дар муомила бо беморон, дардмандон, эҳтиёҷмандон аз Аҳуро барои бемор шифо талаб менамуд. Чунончӣ худи ӯ дар муносибат бо беморон мегӯяд: Ман мегӯям: Эй беморӣ, дур шав!, Эй марг дур шав!, Эй таб дур шав!, Эй дард дур шав!, Эй нохушӣ, дур шав. Дар таълимоти ростини ӯ ҳикматҳои бузург ҷойгир буд, ки дар вақти ками фаъолият қисмати зиёди мардум ба ӯ пайвастанд. Меҳтарону, кеҳтарон, ҳунармандону деҳқонон ростии таълимоти ӯро баргузиданд ва мояи сулҳу амонӣ ва тинҷӣ дар сарзамини худ медонистанд. Зардушт ба мардум меомӯзонид, ки зиндагии худро мувофиқи оётҳои Худои ягона интихоб намуда, бо пиндор, гуфтор ва рафтори некро дар ҳар корашон ба роҳ монанд.

Фаъолияти бузурги дигари таълимоти Зардуштия дар тарбияи иҷтимоии инсонҳо “меҳнат”- ро воситаи асосии рушди инсон медонист. Ва дар замин кор карданро муқаддас мешуморид. Зеро, шуруъ аз фарҳанги мардуми ориёитабор дар замин меҳнат кардан, заҳмат кашидан ин қадами ниҳоии расидан ба ростӣ буд. Дар натиҷаи ин одамон ризқу рузии ҳалол ва нони пок ба даст меоранд ва истеъмол мекунанд, ки ин қадами дигари рафтан ба роҳи дуруст аст. “Меҳнат” дар таълимоти Зардуштӣ амали савоб ҳисоб меёфт. Он гоҳ гуфт Аҳурамаздо: Ай Спитамони Зардушт, оини Маздаясно вақте инкишоф ёбад, ки одамон бо ғайрат ва меҳнат гандум бикоранд, ва агар касе гандум мекорад, монанди он бошад, ки тухми “ростӣ” коридааст. Он нафар дини маздаясноро пеш бурдааст [9, 178].

Инчунин Зардушт ба ҷавонону пирон ва тамоми дигар табақаҳои аҳолии деҳаву шаҳрҳо ҳунарҳо меомӯзонад, ки онҳо ба меҳнат кардан машғул шаванд ва аз бекориву хорӣ раҳоӣ ёбанд. Ҷанбаи дигари раванди фаъолияти Зардушт аз он иборат буд, ки дар саросари деҳаву шаҳрҳо оташкадаҳо бунёд намуд. Оташ дар фарҳанги орёӣ рамзи рӯшноиву ростӣ ва муқаддас шуморида шуда, дар тамоми сарзамин гиромӣ дошта мешуд.

Бас оташгоҳҳо дар шаҳру рустог,
Бишуд бунёду бурданд оташи пок.
Басо канданд ҷӯю варз киштанд,
Дарахту дона бар хоки барӯманд. [1, 315]

Зардушт ба воситаи таълимоти худ, ки амали сулҳпарвариву ростиву, худогоҳиро ифода менамуд, ҳамчун хирадманд, табиб, ҳаким ва ва ҳамчун паёмбари ростӣ дар назди ому шоҳ пазируфта шуд. Дар ин раванд оини маздаясноӣ ифодакунандаи ягонагии дини мардуми Эрон ва роҳи ҳақ барои онҳо гардид. Ва чуноне аз маъхазҳои аҳди бостон маълум мегардад пас аз омадани Зардушт ба сарзамини Эрон ҳаёти иҷтимоии мардум куллан тағйир ёфта, беҳтар мегардад.

Ҷаҳон ободу рузӣ шуд фаровон,
Фузун шуд нону дону ганҷи Эрон.
Ба гуфтори паёмбар кор бастанд,
Зи хориву нажандӣ бозрастанд. [1, 316]

Дар ин замина густариши оини Маздаясноӣ дар Эрон ва берун аз он дар сарзаминҳои дигари онвақта мавқеи ин динро баланд мегардонад. Аз он ҷумла, хабари

паҳн гардидани дини зардуштӣ ба подшоҳи давлати Тӯрониён Арҷосп низ мерасад. Арҷосп аз тарси оне, ки ба сарзамини ӯ низ омада ҷамъияташро фаро мегирад ба таҳалука меафтад. Аз ин рӯ, Арҷосп бо мақсади пешгирӣ намудани он тадбирҳо меандешад. Вай ҳатто барои пешгири намудани ин оин ба ҷанг кардан низ омода мешавад. Ин муборизаро дар сарчашмаҳои хаттии ниёгони мо бо номи “Ёдгории зарирон” матраҳ намудаанд. Инчунин ин ҳодиса ба таври возеҳ дар “Шоҳнома”- и Фирдавсӣ тафсир шудааст. Дар баробари ин “Ёдгории Зарирон”- ро шурӯъи “Шоҳнома” низ меноманд.

Дар заминаи паҳн гардидани дини Зардуштӣ ба минтақаҳои гирду атрофи эронзамин имкониятҳои васеъро барои аз байн байн бурдани дигар расму оинҳо муҳайё месозад. Ва Арҷосп чун подшоҳи Тӯронӣ дарк намуд, ки вақте, ки оини маздаяснойӣ ба ҷамъияти ӯ роҳ ёбад, мардум аз дини аҷдодии худ итоат намекунад ва пиру ҷавон аз ӯ руй мегардонанд. Сарвату дороияш аз даст меравад. Дар ин раванд масъалаи аз ҳама ташвишовар барои Арҷосп аз даст рафтани ҳокимият буд. Чун дар натиҷаи эътиқод бастани ҷамъият ба дини Зардуштӣ раъият ба ӯ рӯй гардонида, итоат намекунанд.

Барои пешгири намудани дини Зардуштӣ дар сарзамини худ номае ба Виштосп подшоҳи Эрон мефиристад. Ва дар нома ба подшоҳи Эрон Виштосп зикр мекунад, ки ту эй подшоҳи аз дини хеш ва аз оини бобоёни худ, аз дини Ҷамшед рӯй гардонида зи нав ба дину оини пешинаат баргард ва дубора Хуршеду Моҳро парастиш кун. Агар барнагарди мо бо ту ҷанг эълон мекунем, сарзаминатро мегирем, мардумонатро ғулом мегардонем. Ту ба мо боҷи ҳангуфт пардохт хоҳи кард. Ва агар ба дину оини пешинат баргарди мо ба ту боигарии бешумор ва неъмати фаровон медиҳем. Агар ин пешниҳоди моро напазири мо ба ҷуз ҷанг бо ту дигар чорае надорем. Аз ривоятҳо ва адабиёти аҳди бостон маълум мегардад, ки марзи Эрон ва Тӯрон мавқеи ҷангу ҷидол ва набардҳои хунин будааст.

Чун нома подшоҳи Эрон расид, Виштосп дар назди меҳтарону намояндагони волои кишвар қасам ёд намуд, ки ҳаргиз аз роҳи покӣ ва ростӣ ба қафо намегардам. Виштосп мегӯяд, ман барои ҳимояи ростӣ ҷонамро медиҳам. Ва агар дар ҳимояи роҳи ростӣ таслим шавам мард нестам. Зи дини ҳақ ҳаргиз сар натобам ва ҳаргиз ба гуфтаи деву ҷоду бар нахоҳам омад.

Ҷаҳон аз ростӣ истода бар пой,
Ту дар вай ростӣ бини ҳама ҷой. [1, 323]

Инчунин Худованди бузург Аҳуромаздоро эътиқод ва паёмбар Зардуштро бовар дорам, ки роҳи ростиро ба мо нишон медиҳад. Барои ман мояи номусу нанг мебошад, ки ба подшоҳи Ҳаюнон (Тӯрон) сар хам кунам. Аз ин рӯ мо бояд омодаи ҷанг бошем ва сулҳро дар кишвар бояд нигоҳ дорем. Таълимоти Зардуштӣ пояи устувори давлатдории мо дар оянда хоҳад гардид. Гарчанд Виштосп аз худ боварӣ ва эътимод дошт, ки дар ҷанг ғолиб меояд аз бародараш Ҷомосп дархост намуд то биомӯзад, ки ин ҷанг ба фоидаи ки ва ба мо чӣ натиҷа хоҳад овард. Ҷомосп аз шумораи дар ин ҷанг кушташудагон огоҳ шуда, муайян менамояд, ки қисме аз паҳлавонон ва табақаҳои гуногуни ҷанговарони дар ҷанг иштирок намуда, аз тарафи Эрониён ба ҳалокат мерасад. Ба шоҳ бо изтироб мегӯяд:

Бигуфт: Эй шоҳ, дар ҷанги Ҳаюнон,
Далерон аз ду сӯ бидҳанд бас ҷон.
Басо модар ҷудо гардад зи фарзанд,
Бигиряд зор бар марги ҷигарбанд.
Басо фарзанд монад бепадар зор,
Гурусна дар гадойӣ дар ба дар хор. [1, 325]

Аз шунидани чунин суханҳо ҳолати Виштосп сахт нотоб шуда, рангу рӯяш зард гардид. Чунки ҳалок шудани ҷанговарони сарзамини бузурги Эрон ва аз байн рафтани чанд тан аз намояндагон ва хешовандони наздики шоҳ вазъияти ӯро бад намуд. Дар ин

ҳолат бузургони дарбор ба сӯяш шитофтанд ва дилбардорияш намуданд. Намояндагони дарбор иброз намуданд, ки сарзамини Эрон бо доштани ҳазорҳо фарзандони ҷанговару диловар душманонро ба хок яксон мекунанд. Ва намегузоранд, ки як қадам ба сарзамини бузурги ниёгони мо қадам ниҳанд. Ҷанговарони мо ҳама далеру корозмуда ва корзоранд. Ки ҳар як зарбаи паҳлавонони мо даҳҳо сарро аз тани душман барканад. Эй подшоҳи бузурги сарзамини Эрониҳо ба мо эътимод кун, ки мо дар ин ҷанг ғолиб мебароем. Ва замоне, ки подшоҳи сарзамин Виштосп ин гуфтаҳо бишнид ором шуд ва табъаш хуш гардид.

Бигуфто: Гар нажоду дудаи мо,
Бигардад кушта яксар пиру барно.
Нагардам ҳаргиз аз дини Аҳӯро,
Ки Маздо дод Зардушти ашӯро.
Гузинам ростӣ, некӣ ситоям,
Дурӯғу зишт аз гети зудоям. [1, 331]

Ҳар ду лашкар яке зери парчами ростӣ аз Эрон ва дигараш зери парчами бадӣ, сипоҳи деву ҷоду аз Тӯрон барои ҷанг омода шуданд. Баъди тай намудани чандин фарсаххо сипоҳиён ба ҷанг шуруъ намуданд ва ба ҳам омехтанд. Тамоми лашкариён бо кибру ғурур аз ҳарду тараф бо мақсади несту нобуд намудани якдигар ба ҳам заданд. Ҳарду тараф, ки якдигарро душмани ҷонии худ мешумориданд, чунон ба ҳамдигар рӯ ба рӯ, шуданд, ки даштҳо аз хуни ҳам гулгун шуда буд. Раванди ҷанг бисёр мураккаб буду, чуноне, ки Ҷомосп гуфта буд, дар натиҷаи ҷанг қисмате аз пахлавонони Эрон ҳалок шуду лашкари Тӯрониён ҳама дасту по буридаву сару гардан шикаста ва рӯдаҳои аз шикам баромада дар замин хоб буданд. Сипоҳи Арҷосп шикаст хурда оғӯштаи хун гардид. Рӯи заминро ҳама ҳалокшудагон монанди мӯру малахи рехташуда фаро гирифта буд. Арҷосп ба мақсади нопоки худ нарасид. Ба воситаи таҳдид ва ё ҷанг мардуми Эронро бо роҳбарии Виштосп аз оини маздаяснӣ, ки сутунаш бо “пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек” бунёд гардидааст, шикаст диҳад.

Таълимоти оини ягонаи Маздаясно дар сарзамини Эрони бостон ба парокандагии қабилаҳои гуногун ва қавмҳои дохилии халқҳо хотима бахшид. Пеш аз ҳама мутаҳидшавии тамоми қавмҳо зери як дин ба мустаҳкамшавии ҳокимияти давлат гардид. Чунки мардум дарк намуданд, ки оини Аҳурамаздо онҳоро ба зиндагии хуб, сулҳу осудагӣ, созандагиву ростӣ ҳидоят менамояд.

Мувофиқи таълимоти Зардушт инсонҳо дар ҳаёт ду роҳ доранд. Якум роҳи ростӣ, ки пайравонаш зери қаноти Аҳурамаздо қарор мегиранд, ва каҷию бадӣ, ки тарафдорони он зери парчами Аҳриман мебошанд. Дар баробари ин инсонҳо ду ҷаҳон доранд. Ин ҷаҳоне, ки мо дар он зиндагӣ мекунем ва дигараш ҷаҳони пас аз марг аст, ки пайравон ва тарафдорони ҳарду гурӯҳ ба кирдорҳои худ ҷавоб мегӯянд. Барои ҳамин Зардушт ба мардум таълим медод, ки барои амалҳои нек ва пайрави намудан аз ростиву рӯшноӣ дар ин ҷаҳон талош намоянд ва пайрави роҳи Аҳӯро бошанд. Чунки Аҳурамаздо танҳо роҳи хакро ба мардум нишон медиҳад.

Минбаъд, Зардушт фаъолияти худашро дар асоси гуфтаҳои Аҳурамаздо ба роҳ монда, бо қувваҳои бадӣ мубориза̄ро давом медиҳад. Аҳриман низ дар фаъолияти худ пайваста барои аз роҳи ростӣ баровардани одамон кӯшиш ба харҷ медод. Аҳриман роҳи дигари ба ҷаҳолат ва каҷи кашондани одамонро ба дили онҳо ворид шудан ва шубҳа ҷойгир намуданро пайдо намуд. Ва сарчашмаи пайдоиши тамоми гуноҳонро низ дар ҳамин дид. Чун инсонҳо, ки дар амалҳои хубу бади худ шубҳа пайдо намуданд, Аҳриман ба ин васила ба дилашон ворид шуда аз ростӣ ба бадӣ онҳоро роҳнамоӣ намуд. Аҳриман ин амали худро дар дили мардум ҷой намуда, ҳазорон мардумро азхуд бехуд ва аз ростӣ ба каҷӣ роҳнамоӣ кард. Аз ин рӯ, Зардушт ин амали аҳриманиро пешгирӣ намуда, мардумро ба сӯи устуворӣ даъват намуд. Хидматгузорони Аҳриман иблису ҷодугарон, девону париён мебошанд ва вазифаи онҳо ҳамеша дар талоши аз роҳи рост баровардани инсонҳо ва ба роҳи бад роҳнамоӣ кардани онҳо аст.

Аз ин рӯ метавон хулоса баровард, пояи таълимоти Зардуштро ростӣ ва ҳақиқат ташкил дода, инсонро бо воқеияти ҳастӣ, ҳақиқати коинот, андешаманди ба доноӣ ва хирадомӯзиву риояи низому тартибот, итоат аз Худои ягона, тоату ибодат намудан, ҷори намудани адолати иҷтимоӣ ташкил мекунад. Месазад, ки ҳар як фарди бедору равшанфикри тоҷик ҷиҳати омӯзиши таърихи ниёгон ва бохабар шудан аз фалсафаи бой ва ҳаёти иҷтимоии миллати худ, дарси ибрат омӯзад. Фалсафаи ғании таълимоти Зардушт имконият медиҳад, ки ҷиҳати рушди фарҳанги ахлоқиву маънавии халқи тоҷик заминаи хубе барои рушди ояндаи давлату миллати тоҷик дар бахши давлатдорӣ гардад.

## АДАБИЁТ:


1. Атоуллоҳи Муҷебуллоҳ. Зардуштнома.- Душанбе: “Промэкспо”, 2022. – 408с.
2. Атахонов Т., Сулаймонӣ С. Тамаддун. Китоби 1. Тамаддуни бостон/ Муҳаррири масъул.- Исоматов М. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 324с.
3. «Гулистон»-и Саъдӣ Шерозӣ. [Захираи электронӣ] Guliston.Pdf. www.sattor. com. 91с.
4. Доктор Аббоси Сосонфар. Афсонаҳои кӯҳан “Авасто”. – Душанбе, “Аржанг”, 2009.- 96 с.
5. Мавлоно Абдулкаломи Озод., “Куруши Кабир-Зулқарнайн”., (Пажӯҳиши илмӣ, бостоншиносӣ, тафсирӣ). – Душанбе, “Адиб”, 2019. 240 саҳ.
6. Ричард Нелсон Фрай., Мероси Осиёи Марказӣ (Аз замонҳои бостон то истилои туркҳо), Нашриёти “Сурушан” 734025, Душанбе – 2000
7. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1, нашри дувум. Муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов,. Душанбе.
8. Ҳамдам Мӯминҷонов-Гавҳораи тамаддуни ориёӣ., (Маводи дарсӣ), Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. “Ватанпарвар” 2004.
9. Ҷумъа Қуддус, Маҳмадраҳими Карим. Ориёно. Ҳасрати Зардушт. (Романи таърихӣ), Душанбе, “Адиб”, 2006, 812с.

ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ – LEGAL SCIENCES

УДК 681.3+004:343.98

# ЭЛЕКТРОННО-ЦИФРОВЫЕ СЛЕДЫ В КРИМИНАЛИСТИКЕ: СУЩНОСТЬ, ПОНЯТИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ

**САЛИМОВ Б.А.**

*Кандидат юридических наук, начальник кафедры Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан*

*Предметом исследования в данной статье являются вопросы, связанные с сущностью, понятием, названием и классификацией электронно-цифровых следов. Отмечается, что электронно-цифровые следы – это всякая связанная с расследуемым событием трансформация в информационном поле, зафиксированная в форме электромагнитных сигналов на материальном носителе и отражающая события действительности. Они по своей сути схожи со многими невидимыми материальными следами и имеют материальную природу происхождения.*

**Ключевые слова:** *электронно-цифровые следы, материальный носитель, электронное устройство, электромагнитное взаимодействие, компьютерная информация, материальные следы, идеальные следы.*

# ИЗҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ-РАҚАМӢ ДАР КРИМИНАЛИСТИКА: МОҲИЯТ, МАФҲУМ ВА ТАСНИФ

**САЛИМОВ Б.А.**

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Мавзуи таҳқиқоти мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба моҳият, мафҳум, номгузорӣ ва таснифи изҳои электронӣ-рақамӣ мебошад. Қайд мегардад, ки изҳои электронӣ-рақамӣ – ин ҳама гуна табдилот дар муҳити иттилоотӣ вобаста ба ҳодисаи тафтишшаванда мебошад, ки дар шакли сигналҳои электромагнитӣ дар ҳомили моддӣ сабт гардидаанд ва рӯйдодҳои воқеиятро инъикос мекунанд. Ин изҳо табиатан ба бисёр изҳои ноаёни моддӣ ҳамшабеҳанд ва хусусияти моддии пайдоиш доранд.*

**Калидвожаҳо:** *изҳои электронӣ-рақамӣ, ҳомили моддӣ, дастгоҳи электронӣ, таъсири мутақобилаи электромагнитӣ, иттилооти компютерӣ, изҳои моддӣ, изҳои шахсӣ.*

# ELECTRONIC FOOTPRINT-DIGITAL IN CRIMINALISTICS: ESSENCE, MEANING AND CLASSIFICATION

**SALIMOV B.A.**

*Candidate of legal sciences, head of the Department of the High school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan*

*The theme of researching of these article are problems relating to essence, meaning, expression and classification digital-electronic footprint. It should be noted that digital-electronic footprint – it is all kind of changes in informational surroundings according to investigating events, which reflect in the form of electromagnetic signals in carrier of materials registers and real events. These footprints naturally alike to many invisible material footprints and it has character of material appearance.*

**Keywords:** *digital-electronic footprint, material carrier, electronic machine, electromagnetic cooperation, computer information, material footprint, ideal footprint.*

**В** криминалистической науке электронно-цифровые следы ещё мало разработаны и требуют глубокого изучения. Они появились, как качественно новые следы преступления, в связи с развитием информационных технологий и их внедрением в современное общество. Сущность данных следов сводится к отражению

действительности в виде электронно-цифровой информации. В настоящее время количество электронно-цифровых следов становится больше, чем традиционных. Тенденция их роста отмечается не только при совершении общественно-опасных деяний против информационной безопасности, но подъём фиксируется и в процессе совершения других видов преступлений. В связи с этим, в современной криминалистической литературе определению электронно-цифровых следов, их именованию и механизму образования уделяется большое внимание.

В.А. Мещеряков для обозначения исследуемых следов использует термин «виртуальные следы» и полагает, что «это любое изменение состояния автоматизированной информационной системы, связанное с событием преступления и зафиксированное в виде компьютерной информации на материальном носителе, в том числе в электромагнитном поле» [14, 104]. В то же время, он отмечает, что электронно-цифровые (виртуальные) следы возникают в искусственно созданном пространстве, при их образовании фиксируются свойства математической модели наблюдаемого явления или процесса, связанного с расследуемым событием, они имеют дискретный цифровой вид отражения и представляют собой сложную структуру [2, 18 – 19].

А.Б. Смушкин рассматривает виртуальные следы, как следы совершения любых действий по включению, созданию, открыванию, модификации и удалению компьютерных данных [22, 43]. Близкое по смыслу определение этим следам изложил Н.Н. Лыткин. Вместе с тем, он применяет выражение «компьютерно-технологические следы», под которыми предлагает понимать любую трансформацию связанной с преступлением компьютерной информации, возникающую в результате её уничтожения, копирования, блокирования и модификации [13, 57]. На наш взгляд, данное определение не полностью охватывает сущность рассматриваемых следов и сужает их содержание, привязав только к общественно-опасным деяниям в сфере компьютерной информации. Поскольку эти следы могут образоваться при совершении преступлений любой направленности. К примеру, при осмотре мобильного телефона лица, подозреваемого в совершении преступления экстремистского характера, могут быть обнаружены электронно-цифровые следы в виде видеороликов с публичными призывами к осуществлению «джихада». В связи с этим, не совсем корректно говорить о следах данной категории, как о следах, образующихся при совершении преступлений против информационной безопасности.

С.Ю. Скобелином даётся абстрактное определение электронно-цифровым следам и в предложенном им понятии не усматриваются отличительные признаки названных следов, например, таких как наличие физического носителя, электронная форма отображения и возможность их передачи по каналам связи. С его точки зрения, электронно-цифровые следы – данные, содержащиеся в электронных устройствах, являющихся носителями цифровой информации [21, 32]. Вместе с тем, в сформулированном В.Б. Веховым понятии этой группы следов вышеуказанные признаки присутствуют. Так, последний считает, что электронно-цифровой след «это любая криминалистически значимая компьютерная информация, находящаяся в электронно-цифровой форме, зафиксированная на материальном носителе с помощью электромагнитных взаимодействий либо передающаяся по каналам связи посредством электромагнитных сигналов» [6, 83].

А.Н. Колычева предлагает под электронно-цифровыми следами понимать «криминалистически значимую информацию, выраженную посредством электромагнитных взаимодействий или сигналов в форме, пригодной для обработки с использованием компьютерной техники, в результате создания определенного набора двоичного машинного кода либо его преобразования, выразившегося в модификации, копировании, удалении или блокировании, зафиксированную на материальном носителе, без которого не может существовать [10, 11]. Несомненно, сформулированное А.Н. Колычевой определение весьма объемное по содержанию, привязано к криминалистической науке и тем самым вызывает интерес. Но, вместе с тем, следует

знать, что эти следы могут найти свое отражение на материальных носителях не только путём набора двоичного машинного кода или его преобразования, но и могут возникнуть в результате записи протекающих в окружающем мире процессов посредством программных и технических средств без участия человека. Например, при фиксации сцены ограбления банка системой видеонаблюдения электронно-цифровые следы возникают не в процессе набора двоичного машинного кода или его модификации, а в результате записи происходящего события технической системой охраны.

В.А. Милашев указывает на термин «бинарные следы» и определяет их как «результат логических и математических операций с двоичным кодом» [16, 18]. Е.Р. Россинская, обусловив формирование и преобразование данных следов спецификой функционирования информационных технологий, предлагает именовать такие следы информационно-технологическими [17, 112]. В.В. Борисов сторонник использования термина «информационный след» для определения рассматриваемого вида следов, под которым понимает «информационную запись, сделанную на компьютерной технике подозреваемых в преступлении лиц с помощью специального программного средства и произведенную субъектом уголовно-процессуальной системы (например, следователем)» [5, 164]. По нашему мнению, предложенное определение не раскрывает всю совокупность возможных источников криминалистически значимой информации и тем самым намного ограничивает сущность электронно-цифровых следов, так как «информационную запись», имеющую доказательственное значение, можно обнаружить, помимо компьютерной техники подозреваемых, и на электронно-вычислительных устройствах других участников уголовного судопроизводства (свидетелей, потерпевших, экспертов), а также различных юридических лиц, предприятий и учреждений, не заинтересованных в исходе уголовного дела.

Таким образом, можно констатировать, что на данный момент в научной литературе и научных кругах нет единого мнения относительно того, какой термин стоит применять к электронно-цифровым следам: «электронные», «бинарные», «цифровые», «электронно-цифровые», «компьютерные», «виртуальные» и т.п. По нашему мнению, главным вопросом здесь является определение сущности и содержания этих следов, а использование того или иного выражения не имеет существенного значения в процессе доказывания по уголовным делам. Вместе с тем, полагаем, что именовать их, как «электронно-цифровые следы» является более удачным.

Учитывая вышеизложенные мнения и позиции относительно понятия исследуемых следов, можно утверждать, что электронно-цифровые следы – это всякая связанная с расследуемым событием трансформация в информационном поле, зафиксированная в форме электромагнитных сигналов на материальном носителе и отражающая события действительности.

В криминалистической науке также вызывает большой интерес классификация электронно-цифровых следов. В научных источниках существует ряд оснований для классификации названной группы следов. Так, А.Г. Волеводз классифицирует их на основе материального носителя и выделяет следы на различных дисках, в запоминающих и периферийных устройствах, средствах связи и сетевых устройствах [8, 159 – 160].

А.Ю. Семенов проводит классификацию электронно-цифровых следов на основании их местонахождения и различает следы на компьютере преступника и на компьютере жертвы [20, 53 – 55].

Ряд авторов, в том числе Л.Б. Краснова и Ю.В. Гаврилин, при классификации берут за основу механизм следообразования и роль человека в возникновении электронно-цифровых следов и на этом основании выделяют первичные и вторичные следы. Те следы, которые образуются в результате воздействия пользователя в информационную среду, относят к первичным, а к числу вторичных определяют следы, инициированные компьютерной программой, без участия человека [11, 17]. По похожему основанию, то есть по степени опосредованности пользователя в образовании следов, проводит классификацию также А.Г. Себякин. При этом, он первую группу следов называет

непосредственными, а вторую – опосредованными [19, 42 – 43].

Как известно из общей теории криминалистики, одним из распространенных критериев классификации следов является их разделение на материальные и идеальные. Материальные следы представляют собой материальные отображения события преступления и его механизма как результат воздействия на объекты живой и неживой природы. Идеальные следы – отображение события преступления в сознании человека как результат восприятия его органами чувств (зрением, слухом, обонянием и др.) [12, 52 – 53]. В данном контексте дискуссионным остается вопрос отнесения электронно-цифровых следов к первому или второму виду следов. Некоторые авторы признают их материальными невидимыми следами. Другие, основываясь на том, что данные следы не доступны для непосредственного восприятия человеком, то есть воспринимать их можно опосредованно, относят их к идеальным следам [9, 233].

На наш взгляд, опосредованность восприятия этих следов не может служить основанием для признания их идеальными следами. Поскольку отображение идеального следа имеет субъективный характер и обусловлено рядом влияющих на память человека факторов (возраст, физическое состояние, страх, тревога, стресс и т.п.), а воспроизведение следа, содержащегося на электронных носителях осуществляется путём реализации алгоритмов программ и выполнения определённых команд компьютерных устройств.

Вместе с тем, встречаются сторонники идеи отнесения электронно-цифровых следов в самостоятельную группу следов. Одним из авторов данной инициативы является В.В. Мещеряков, который определяя их как виртуальные следы, предлагает поставить данную категорию следов на промежуточную позицию между материальными и идеальными следами [15, 94 – 119]. Данная позиция аргументируется тем, что в информационной среде при образовании виртуальных следов фиксируются не сами черты материального явления или процесса, а лишь свойства их математической модели [2, 18 – 19].

В.Ю. Агибалов отмечает, что «фактически следа в традиционном криминалистическом его понимании нет, имеется только цифровой образ, на основании которого можно сформировать сигнал или некий физический процесс (звук, изображение, набор компьютерных данных), подобный (с определённой степенью схожести) исходному следообразующему объекту» [1, 74].

Пожалуй, не стоит согласиться с утверждением В.Ю. Агибалова и необходимо заметить, что в соответствии с криминалистическим учением о следообразовании, полное отражение следообразующего объекта в следовоспринимающем невыполнимо. Всякая трансформация, происходящая в следовоспринимающем объекте, отражает лишь отдельные стороны следообразующего объекта. В этом смысле след отражает какую-либо сторону отражаемого объекта и электронно-цифровой след не считается в данном понимании особенным. К тому же, согласно учению о диалектическим тождестве, след вовсе не может быть полностью идентичен отражаемому объекту, любой предмет может быть тождественен только себе [4, 257].

Неоднозначно выглядит позиция В.Б. Вехова относительно природы происхождения электронно-цифровых следов. С одной стороны, он считает, что «электронные следы являются материальными невидимыми следами», с другой - предлагает относить их в самостоятельную группу: «С определённой долей научной абстракции в системе криминалистической классификации электронные следы целесообразно выделить в самостоятельную группу и условно расположить между материальными и идеальными следами» [7, 17].

Обобщая рассмотренные выше основные вопросы, касающиеся сущности электронно-цифровых следов можно прийти к следующим выводам:

1. Для содержательного определения следов, образующихся на локальных и сетевых электронных носителях, необходимо использовать термин «электронно-цифровые следы» и под ним следует понимать всякую связанную с расследуемым событием трансформацию в информационном поле, зафиксированную в форме электромагнитных

сигналов на материальном носителе и отражающую события действительности.

2. Электронно-цифровые следы по своей сути схожи со многими невидимыми материальными следами и имеют материальную природу происхождения. Так как, при образовании электронно-цифровых следов массив памяти электронного носителя, выступая в качестве следовоспринимающего объекта, отражает в себе изменения, связанные с событием преступления. К ним можно отнести файлы, созданные пользователем или записанные программным обеспечением, электронная переписка, история интернет-запросов, журнал вызовов, файлы реестра операционной системы, метаданные пользовательских файлов и пр.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Агибалов В.Ю. Виртуальные следы в криминалистике и уголовном процессе: дис. ... канд. юрид. наук. – Воронеж, 2010. – С. 74.
2. Агибалов В.Ю., Мещеряков В.А. Природа и сущность виртуальных следов / В.Ю. Агибалов, В.А. Мещеряков // Воронежские криминалистические чтения: сб. науч. трудов. – 2010. – Вып. 12. – С. 18 - 19;
3. Агибалов В.Ю., Мещеряков В.А. Природа и сущность виртуальных следов / В.Ю. Агибалов, В.А. Мещеряков // Воронежские криминалистические чтения: сб. науч. трудов. – 2010. – Вып. 12. – С. 18.
4. Белкин Р.С. Курс криминалистики. В 3 т. Т. 2. Частные криминалистические теории. – М.: Юристъ, 1997. – С. 257
5. Борисов В.В. Об особенностях фиксации информационных следов в практике защиты информации / В.В. Борисов // Известия Южного федерального университета. Технические науки. – 2009. – Т. 94. – №5. – С. 164
6. Вехов В.Б. Основы криминалистического учения об исследовании и использовании компьютерной информации и средств ее обработки: монография. – Волгоград: ВА МВД России, 2008. – С. 83.
7. Вехов В.Б., Смагоринский Б.П., Ковалев С.А. Электронные следы в системе криминалистики криминалистики / В.Б. Вехов, Б.П. Смагоринский, С.А. Ковалев // Судебная экспертиза. – 2016. – №2 (46).– С. 17.
8. Волеводз А.Г. Противодействие компьютерным преступлениям. – М., 2002. – С. 159-160.
9. Волеводз А.Г. Следы преступлений, совершённых в компьютерных сетях / А.Г. Волеводз // Российский следователь. – 2002. – № 1. – С. 10; Старикова М.Р. Значение электронных следов в расследовании преступлений. Обеспечение прав и свобод человека в уголовном судопроизводстве: организационные, процессуальные и криминалистические аспекты / М.Р. Старикова // Сб. статей по мат. междунар. студ. науч.-практ. конф. – 2017. – С. 233.
10. Колычева А.Н. Фиксация доказательственной информации, хранящейся на ресурсах сети Интернет: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2018. – С.11.
11. Краснова Л.Б. Компьютерные объекты в уголовном процессе и криминалистике: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Воронеж, 2005. – С. 17; Гаврилин Ю.В. Расследование преступлений, посягающих на информационную безопасность в сфере экономики: теоретические, организационно-тактические и методические основы: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2010. – С. 39.
12. Криминалистика: учебник / Отв. ред. В.П. Лавров, Р.Х. Рахимзода, А.Ф. Волынский. – Душанбе, 2022. – С.52-53.
13. Лыткин Н.Н. Использование компьютерно-технических следов в расследовании преступлений против собственности: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – С. 57.
14. Мещеряков В.А. Преступления в сфере компьютерной информации: основы теории и практики расследования. – Воронеж: Изд-во Воронеж. гос. ун-та, 2002. – С. 104.

15. Мещеряков В.А. Преступления в сфере компьютерной информации: основы теории и практики расследования. Воронеж: Изд-во Воронежского государственного ун-та. – 2002. – С. 94-119.
16. Милашев В.А. Проблемы тактики поиска, фиксации и изъятия следов при неправомерном доступе к компьютерной информации в сетях ЭВМ : автореф. дис. ... канд. юр. наук. – М., 2004. – С. 18.
17. Россинская Е.Р. К вопросу о частной теории информационно-компьютерного обеспечения криминалистической деятельности / Е.Р. Россинская // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. – 2016. – №3-2. – С. 112.
18. Россинская Е.Р., Шамаев Г.П. Криминалистическое исследование компьютерных средств и систем как новый раздел криминалистической техники. Уголовно-процессуальные и криминалистические средства обеспечения эффективности уголовного судопроизводства / Е.Р. Россинская, Г.П. Шамаев // Материалы междунар. науч.-практ. конф. – Иркутск, – 2014. – С. 320.; Нехорошев А.Б. Компьютерные преступления: квалификация, расследование, экспертиза / А.Б. Нехорошев. – Саратов, 2004. – С. 61., Вехов В.Б. Основы криминалистического учения об исследовании и использовании компьютерной информации и средств её обработки: монография. – Волгоград: ВА МВД России, 2008. – С. 81-95.
19. Себякин А.Г. Тактика использования знаний в области компьютерной техники в целях получения криминалистически значимой информации: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2021. – С. 42-43.
20. Семенов А.Ю. Некоторые аспекты выявления, изъятия и исследования следов, возникающих при совершении преступлений в сфере компьютерной информации / А.Ю. Семенов // Сибирский юридический вестник. – 2004. – №1. – С. 53-55.
21. Скобелин С.Ю. Использование специальных знаний при работе с электронными следами / С.Ю. Скобелин // Российский следователь. – 2014. – №20. – С. 32.
22. Смушкин А.Б. Виртуальные следы в криминалистике / А.Б. Смушкин // Законность. – 2012. – №8 (934). – С. 43.

УДК: 343.32

## ТАҲДИД ВА ХАТАРҲОИ ҶИНОЯТҲОИ КИБЕРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**ҚУДРАТОВ Н.А.[1]**
**АКИЛОВА М.М.[2]**

*[1]Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.*
*[2]Сармуаллими кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ*

*Мақолаи мазкур таҳдидҳо ва хатарҳои ҷиноятҳои кибериро дар замони муосир таҳлил мекунад, ки аз тарафи террористон, экстремистон ва дигар гурӯҳҳои ҷинояткор тавассути интернет ва технологияҳои рақамӣ содир мешаванд. Муаллифон қайд мекунанд, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет барои ҷинояткорон имкониятҳои зиёдро барои содир кардани ҷиноятҳои киберӣ фароҳам овардааст, ки ба амнияти миллӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо таҳдид мекунад. Ҳамчунин, дар мақола таҳлили амалишавии Стратегияҳо ва қонунгузориҳои миллӣ, ки барои ҳифзи амнияти киберӣ ва муқовимат ба терроризм ва экстремизм, махсусан дар фазои интернет оварда шуда, ҷиҳати мукаммал кардан ва тақвият додани онҳо пешниҳодҳо карда шудааст. Мақола инчунин ба таҳдидҳои афзояндаи истифодаи технологияи рақамӣ барои содир кардани ҷиноятҳо ва нақши онҳо дар тағйирот ва мураккабшавии муносибатҳои ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Аз ҷумла, дар мавриди истифодаи дронҳо барои амалҳои террористӣ ва кибервандализм, ки барои амният ва инфрасохтори кишварҳо хатарҳои нав эҷод мекунад. Мақола муҳиммияти ҳамкории байналмилалӣ, такмили қонунгузорӣ ва ҳифзи амнияти иттилоотиро барои муқовимат ба ин таҳдидҳои муосир таъкид мекунад.*

**Калидвожаҳо:** *ҷиноятҳои киберӣ, терроризм ва экстремизми маҷозӣ, амнияти иттилоотӣ, стратегияҳои мубориза бо киберҷиноятҳо, ҳуқуқи муаллиф, қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ, кибервандализм, технологияи рақамӣ, кибербуллинг ва киберхарассмент, ҳамкорҳои байналмилалӣ, қаллобии молиявӣ*

## ВЫЗОВЫ И УГРОЗЫ КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЙ В СОВРЕМЕННОЙ ЭПОХЕ

**КУДРАТОВ Н.А.[1]**
**АКИЛОВА М.М.[2]**

*[1]Начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор*
*[2]Старший преподаватель кафедрҷ теории и истории государства и права ТГУПБП*

*Эта статья анализирует вызовы и угрозы, связанные с киберпреступлениями в современной эпохе, которые совершаются террористами, экстремистами и другими преступными группами посредством интернета и цифровых технологий. Авторы отмечают, что развитие информационных технологий и интернета создало многочисленные возможности для совершения киберпреступлений, что представляет угрозу для национальной, экономической и социальной безопасности стран. В статье также анализируются стратегии и национальное законодательство, направленные на защиту кибербезопасности и борьбу с терроризмом и экстремизмом, особенно в интернете, с предложениями по их совершенствованию и укреплению. Также подчеркивается растущая угроза использования цифровых технологий для совершения преступлений и их роль в изменении и усложнении общественных отношений. В частности, рассматриваются угрозы, связанные с использованием дронов для совершения террористических актов и кибервандализма, создающих новые опасности для безопасности и инфраструктуры стран. В статье подчеркивается важность международного сотрудничества, совершенствования законодательства и защиты информационной безопасности для противодействия этим современным угрозам.*

**Ключевые слова:** *киберпреступления, терроризм и экстремизм в интернете, информационная безопасность, стратегии борьбы с киберпреступлениями, права авторов,*

*легализация преступных доходов, кибервандализм, цифровые технологии, кибербуллинг и киберхарассмент, международное сотрудничество, финансовое мошенничество.*

**THE THREATS AND CHALLENGES OF CYBERCRIMES IN THE MODERN ERA**

**KUDRATOV N.A.[1]**
**AKILOVA M.M.[2]**
*[1]Head of the Department of Science and Innovations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.*
*[2]Senior Lecturer, Department of Theory and History of State and Law under the TSULBP*

*This article analyzes the threats and challenges associated with cybercrimes in the modern era, which are committed by terrorists, extremists and other criminal groups by the used the Internet and digital technologies. The authors note that the development of information technology and the Internet has created numerous opportunities for committing cybercrimes, which poses a threat to the national, economic and social security of countries. The article also analyzes strategies and national legislation aimed at protecting cybersecurity and combating terrorism and extremism, especially on the Internet, with proposals for their improvement and strengthening. It also emphasizes the growing threat of the use of digital technologies to commit crimes and their role in changing and complicating social relations. In particular, the threats associated with the use of drones for commiting terrorist acts and cyber vandalism, which create new challenges for the security and infrastructure of countries, are considered. The article emphasizes the importance of international cooperation, improving legislation and protecting information security to counter these modern threats.*

**Keywords:** *cybercrime, terrorism and extremism on the Internet, information security, strategies for combating cybercrime, authorsgapos; rights, legalization of criminal proceeds, cybervandalism, digital technologies, cyberbullying and cyberharassment, international cooperation, financial fraud.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аҳамияти таҳкими амнияти киберии кишвар, дастрасии технологияҳои навро барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ва тақвияти чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои кибериро таъкид намуданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари кишварҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар ва маъмултар шуданд.

Ҷаҳони муосир шоҳиди пайдоиши намудҳои нави ҷиноятҳо гардида истодааст, ки асосан бо рушди технология, тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигар омилҳо алоқаманданд. Амнияти киберӣ мушкилоти стратегии муҳимми давлатӣ мебошад, ки ба ҳамаи табақаҳои ҷомеа дахл дорад. Сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти киберӣ ҳамчун воситаи тақвияти амният ва эътимоднокии системаҳои иттилоотии давлат хизмат мекунад. Инсон, ҷомеа ва давлат ба таҳдидҳои афзояндаи киберҷинояткорӣ имрӯз бидуни таваҷҷӯҳи зарурӣ муносибат мекунанд.

Дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд намуданд, "Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем" [13].

Кодекси ҷиноятии ҳар як кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон, дар баробари таҳдидҳои мутамаддин ва рушдёбандаи муосир, ба қоидаҳо ва меъёрҳо вобаста ба истифодаи интернет ва дигар технологияҳои рақамӣ, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва таъмини амнияти иттилоотӣ, бо баъзе мушкилиҳо дучор гардида истодааст. Рушди

технологияи рақамӣ, бахусус интернет, ба таври назаррас ба пайдоиши навъҳои ҷиноятҳои киберӣ, ки дар он ҳамла ба системаҳои иттилоотӣ, ғайриқонунӣ истифода кардани маълумотҳои шахсӣ, ҷосусӣ, киберэкстремизм ва терроризм, кибердиверсия ва ҳамчунин иръоб ва таҳдиди маҷозии маълумотҳо маъруф шудааст, мусоидат кардааст.

Дар Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон ба намудҳои ҷиноятҳое, ки бо истифода аз интернет (ҳамагӣ дар 15 таркиби ҷиноятҳо) ва технологияи рақамӣ сурат мегиранд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст, ба монанди "таҳқири оммавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тӯҳмат кардан ба ӯ (м. 137 КҶ ҶТ), таҳқири оммавии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ё тӯҳмат кардан ба ӯ (м. 137[1] КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ (м. 144 КҶ ҶТ), ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо (м. 179[1] КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ (м. 179[3] КҶ ҶТ), барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (м. 189 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ (м. 241 КҶ ҶТ), ҳамчунин дар таркиби моддаҳои 307, 307(1), 307(3), 330, 334(1) ва 396" [8; 12, 210 – 217.] чунин аломати бандубастшавандаро дидан мумкин аст. Бояд гуфт, ки чунин тарзи содиршавии ҷиноят, яъне тавассути интернет сол аз сол рӯ ба инкишоф дорад ва беҳтар мебуд дар КҶ ҶТ дар м. 62 КҶ ҶТ, ки ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд, ном дорад, онро яке аз ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо эътироф намуд.

Ҷинояткорӣ бо ТИК ва фазои маҷозӣ на танҳо меафзоянд, балки шакли худро соат ба соат тағйир дода, оқибатҳои он торафт мураккабтар ва хатарноктар гардида истодаанд. Барномаҳои зараровар низ мураккаб гардида, дар оянда, интизор меравад, ки барномаҳои вирусии насли нав сохта мешаванд, ки метавонанд иттилоотро дар компютери сироятшуда комилан ва бебозгашт нобуд кунанд [5, 233 – 240; 6, 268 – 274.]. Ҳамчунин, шаклҳои нави ҷиноятҳои киберӣ пайдо ва дар амалия содир шуда истодаанд, ки ба амнияти давлат таҳдид бавуҷуд оварда истодаанд ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ҳифзи амнияти миллӣ аз ин таҳдидҳо чораҳои сатҳи зарурии муасирро саривақт муқаррар накарда истодааст. Ҷиноятҳои киберӣ – ин шаклҳои гуногуни ҳамлаҳои фазои рақамиро дар бар мегиранд, ба монанди ҳамлаҳои хакерӣ, ҷосусии киберӣ, қаллобии киберӣ, паҳнкунии барномаҳои зараровар, кибервандализм, кибертаҳдидҳо, терроризми ва экстремизми маҷозӣ, муомилоти маводи мухаддир дар шабакаҳо, ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо, кибербуллинг ва киберхарассмент, амалиёти террористӣ бо истифода аз дронҳо, ҷиноятҳои экологӣ ва монанди инҳо.

Дар зер баъзе аз кибирҷиноятҳоро, ки бо рушди технология, тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигар омилҳо шакли навро касб намудаанд ва бештар ба амнияти инсонҳову ҷамъият ва давлат таҷовуз меоваранд, таҳлил карда шудааст:

1. **Терроризми ва экстремизми маҷозӣ,** яъне истифодаи интернет барои ҷалб, паҳн кардани таблиғот, даъват ва ҳамоҳангсозии фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ фаъолона истифода гардида истодааст. Имрӯз ҳам таҳдидҳои терроризму экстремизми байналмилалӣ проблемаи мубрам боқӣ мондааст ва ин зиракӣ, андешидани чораҳои саривақтӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои пайдоиши ғояҳои ифротгароиро барои саодати миллионҳо нафар тақозо менамояд [15]. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳим ҳангоми муборизаву муқовимат бо терроризм ва экстремизм мебошад. Ҳарчанд решаҳои зуҳуроти зуҳурёбии экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм ба таърихи тӯлонӣ бармегардад, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ ба суботу рушди ҷомеа мисли имрӯз таҳдид накардаанд. Зеро ҳоло экстремизм ва терроризм хусусияти умумиҷаҳонӣ (байналмилалӣ) дошта, барои тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон хатари баробар доранд. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва муқовимат бо он ба масъалаи ояндаи башарият табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муборизаву муқовимат бар зидди экстремизм ва терроризм дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хос ва пешсафро дошта, дар сатҳи

универсалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ якчанд снадҳои байналмилалиро эътироф кардааст ва бо давлатҳои алоҳида шартномаву созишномаҳои дуҷониба бастааст. Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муассир дошта, яке аз омилҳои калидии муқовимат бо терроризму экстремизм ва умуман ҷинояткорӣ мебошад. Инро ба назар гирифта, Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсил омили асосии муқовимат бо терроризм ва экстремизм мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 29 гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ манъ карда шудааст. Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда динамикаи содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 – 2024 нишон медиҳад, ки афзоиши назарраси онҳо ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз лиҳози сифат ба назар мерасад. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2010 агар дар Тоҷикистон 10 ҳолати содиршавии ҷиноятҳои экстремистӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар солҳои 2011-28, 2012 – 18, 2013 – 38, 2014 – 116, 2015 – 345, 2016 – 617, 2017 – 506, 2018 – 360, 2019 – 634, 2020 – 1091, 2021- 761, 2022 – 991, 2023- 1228 ва 2024 – 1494 ҳолат ба қайд гирифта шудаанд, ки нигаронкунанда мебошанд [9, 9 – 10; 10, 121 – 123; 11, 79 – 88]. Омори мазкур нишон медиҳад, ки махсусан дар солҳои охир шиддатнокии содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар кишвар ба таври ҷиддӣ афзоиш ёфтааст. Масалан, дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 шумораи ин ҷиноятҳо беш аз 149 баробар зиёд шудааст ва аксарияти ин ҷиноятҳо бо рақамишавӣ алоқамананданд.

Терроризми ва экстремизми маҷозӣ, ки бо истифодаи фазои маҷозӣ барои ҷалб, паҳн кардани таблиғот, даъват ва ҳамоҳангсозии фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ анҷом меёбад, як шакли муосир ва хатарноки ҷинояткорӣ мебошад. Устувории фазои маҷозӣ ва осонии дастрасии ба он имкон медиҳанд, ки таблиғоти экстремистӣ ва террористӣ хеле тез ва осон ба мардуми зиёде, дар тамоми ҷаҳон, мерасад. Гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ бо истифода аз платформаҳои гуногуни фазои маҷозӣ (сайтҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, форуми онлайн ва чатҳои марбут) пайғомҳо, даъватҳо ва контентҳои хатарноки худро паҳн мекунанд. Онҳо тавассути ин воситаҳо одамонро ҷалб ва водор мекунанд, ки ба фаъолиятҳои экстремистӣ ва террористӣ шурӯъ кунанд. Масалан, чунин паҳн кардани таблиғот метавонад дар шакли видеоҳои рафторӣ, маводи аниматсионӣ, мусоҳибаву мақолаҳои таҳқиркунанда ё ҳатто даъват ба фаъолияти ҷанговарона ва терроризм дар шабакаҳои иҷтимоии мухталиф ба назар расад. Гурӯҳҳои ифротӣ бо истифодаи интернет тавассути таблиғот ва маводҳои ҷалбкунанда ҷавонон ва одамони осебпазирро гумроҳ ва ба ҷонибдории худ мепартоянд.

Ба гуфтаи И. Эвон, экстремистон шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун муҳити «босубот ва амн барои ифротишавии ҷавонон» ба таври васеъ истифода мебаранд, ки дар он идеологияҳои хатарнок бо забони оммафаҳм, гоҳе таҳти шиорҳои динӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ паҳн мешавад [1, 278 – 286]. Ин муҳитро “босубот ва амн” номидани И. Эвон беҳуда нест, зеро: 1) шабакаҳои иҷтимоӣ назорати пурра надоранд; 2) шахсони ифротгаро метавонанд бо номҳои сохта, ва ба таври пинҳонӣ фаъолият кунанд; 3) экстремистон аз забони содда ва шиорҳои динӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ истифода мебаранд, то эҳсосоти ҷавононро таҳрик диҳанд ва онҳоро барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ моил созанд.

Албатта дар ҳар як ҷомеа нафароне (одатан ҷавонон) ҳастанд, ки дар ҳолати изтироб, ноумедӣ ё ҷустуҷӯи маънӣ қарор доранд, ва таблиғоти ифротӣ дар шабакаҳо ба ин эҳсосот таъсир мегузоранд. Идеологияҳои ифротӣ дар зоҳир ҳамчун ҷавоб ба мушкилоти иҷтимоӣ ё адолатталабӣ нишон дода мешаванд, дар ҳоле ки дар асл онҳо мардумро ба зӯроварӣ, нафрат ва ифротгароӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 амали “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ба анҷом мерасад ва боварӣ дорем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи навро бо дарназардошти омилҳо ва сабабу шароитҳои нави содиршавии ин ҷиноятҳо, бахусус экстремизми рақамӣ, омода ва дар амал татбиқ менамояд [15]. Бо назардошти динамикаи нигаронкунандаи содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар солҳои охир, таҳияи стратегияи нав бо такя ба таҳлили амиқи вазъи мавҷуда сурат гирифта, бояд на танҳо ба пешгирии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ, балки ба ҳалли амиқи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ, ки сабаби густариши ифротгароӣ мегарданд, равона шавад. Барои Стратегияи нав ҷиҳати муқовимат бо экстремизми рақамӣ чунин тавсияҳо муҳим арзёбӣ хоҳанд гардид:

1. Нишон додани ташаббус ҷиҳати танзими ҳуқуқӣ ва ҳамкории нави сатҳи байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизми рақамӣ зарур аст, ки қонунгузории миллиро бо технологияи нав мутобиқ созем ва созишномаҳои нави байналмилалиро тақвият диҳем;

2. Дар заминаи эълон намудани солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ба баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ диққати махсус дода шуда, барномаҳои давлатӣ қабул карда шавад. Дар раванди таълиму тарбия ва фаъолият дар ВАО, омӯхтани роҳҳои шинохт ва муқовимат бо таблиғоти ифротӣ муҳим арзёбӣ мегардад;

3. Истифодаи абзорҳои рақамӣ зидди экстремизм, яъне тавассути зеҳни сунъӣ ва таҳлилҳои криминологӣ дар назди мақомоти КДАМ, ВКД ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон алгоритмҳои ошкоркунандаи муҳтавои хатарнок, ки бо экстремизм, терроризм ва дигар ҷиноятҳо алоқаманданд, таҳия ва дар амал татбиқ карда шаванд;

4. Таҳқиқоти илмӣ ва омӯзиши криминологӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм. Рушди самти криминологияи рақамӣ ва таҳлили равоншинохтии экстремистон дар муҳити маҷозӣ барои пешгирии ин зуҳурот аҳаммияти хоса дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм 2 рисолаи докторӣ ва зиёда аз 10 рисолаи номзадӣ ҳимоя гардидааст, вале аксарияти ин пешниҳодҳои илмӣ дар амалия татбиқи худро наёфтаанд. Боварӣ дорем, ки таҳлили ин рисолаҳои илмӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо метавонад дар пешгирии экстремизму терроризм самара диҳанд.

Аз ин рӯ, муқовимат ва назорат кардани экстремизм ва терроризми маҷозӣ як вазифаи муҳим ва фаврӣ мебошад. Ҳукуматҳо ва мақомоти қонунгузорӣ бо истифода аз ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва технологӣ, ҳамчунин ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ, бояд амалҳои гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистиро дар интернет маҳдуд ва контроли қатъӣ гузоранд.

2. **Амалиёти террористӣ бо истифода аз таҷҳизоти бесарнишини парвозкунанда (дронҳо).** Имконияти истифодаи таҷҳизоти бесарнишини парвозкунанда (дронҳо) барои расонидани зарар, назорат ё ҳатто амалҳои террористӣ хеле васеъ мебошад. Амалиёти террористӣ бо истифода аз дронҳо ба ҳолатҳое дахл дорад, ки террористон дронҳоро барои амалӣ кардани ҳамлаҳои террористӣ ё дигар амалҳои зараровар истифода мебаранд. Дронҳо ба технологияҳои дастрас ва нисбатан ба осонӣ дастрас табдил ёфтаанд ва истифодаи онҳо дар заминаҳои гуногун, аз ҷумла терроризм, барои ҳукуматҳо ва дар маҷмӯъ ҷомеа нигаронӣ шудааст. Дар зер баъзе мисолҳо оварда шудаанд, ки чӣ гуна дронҳоро дар амалиёти террористӣ истифода мебаранд: а) *дар амалиётҳои ҷангӣ.* Террористон дронҳои мусаллаҳро барои ҳамлаҳо, аз ҷумла зарба задан ба иншооти низомӣ, инфрасохтори муҳим, иншооти шаҳрвандӣ ва ҳатто бар зидди дигар дронҳо истифода мебаранд; б) *ҳангоми ҷосусӣ ва корҳои иктишофӣ.* Дронҳоро барои ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ дар бораи ҷойгиршавии нерӯҳои низомӣ,

иншооти амниятӣ ё дигар объектҳои муҳими стратегӣ истифода мебаранд; в) *интиқоли маводи тарканда.* Дронҳо метавонанд барои интиқоли маводи тарканда ба ҷойҳое, ки террористон мақсаднок мешуморанд, истифода шаванд; г) *амалҳои террористӣ алайҳи чорабиниҳои оммавӣ.* Дронҳоро барои ҳамлаҳои террористӣ ҳангоми чорабиниҳои калон, аз қабили чорабиниҳои варзишӣ, консертҳо ва ҷамъомадҳои оммавӣ истифода мекунанд; д) *ноором кардани ҷомеа.* Террористон метавонанд дронҳоро барои эҷоди ваҳм ва ноором кардани ҷомеа истифода баранд, ба монанди паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ё ҳамла ба иншооти шаҳрвандӣ. Барои муқовимат ба чунин таҳдидҳо, мақомоти амниятӣ ва дигар мақомоти дахлдор бояд стратегияҳо ва технологияҳо, аз ҷумла системаҳои ошкор ва боздошти дронҳо, бақайдгирии давлатии онҳо, насб кардани таҷҳизоти назоратӣ ба ҳар як дрон, назорати воридкунии онҳо, қонунҳо ва қоидаҳое, ки истифодаи дронҳоро танзим мекунанд ва технологияҳоро барои пешгирии амалҳои номатлуби ин дастгоҳҳо таҳия кунанд.

3. **Кибервандализм -** шакли киберҷиноятест, ки дар он ҳамлагарон қасдан ба системаҳои компютерӣ, сомонаҳо ва захираҳои рақамӣ бо мақсади вайрон кардан, тағйир додан ё ба таври дигар зарар расонидан ба маълумот ё инфрасохтори иттилоотӣ ҳамла мекунанд. Ин истилоҳ аксар вақт барои тавсифи фаъолиятҳое истифода мешавад, ки ба эҷоди бесарусомонӣ, нобуд кардани маълумот, тағйир додани намуди зоҳирии сомонаҳо ё танҳо ба хашм овардани корбарон нигаронида шудаанд. Кибервандализм метавонад намудҳои зерини ҳамлаҳоро дар бар гирад: а) таҳрифи (deface — таҳриф, зишт) сомонаҳо, яъне ҳамлагарон метавонанд сомонарҳоро рахна намуда, мазмуну мундариҷаи маводҳои онҳоро тағйир диҳанд, аксар вақт тасвирҳо, паёмҳо ё шиорҳоеро ҷойгир мекунанд, ки метавонанд хусусияти таҳқиромез ё сиёсӣ дошта бошанд; б) ҳамлаҳо ба пойгоҳи додаҳо -ҳамлагарон метавонанд ҳамлаҳоро ба пойгоҳи додаҳо равона кунанд, ки ҳадафи онҳо нест кардан, тағйир додан ё дуздии иттилоот бошад; в) ҳамлаҳои вирусӣ, яъне паҳншавии вирусҳо ва нармафзори зараровар, ки ба системаҳои компютерӣ ва додаҳо зарар мерасонанд; г) ҳамлаҳои шабакавӣ - рад кардани хидмат (DDoS) ҳамлаҳое, ки ба изофабори захираҳои шабакавӣ ва муваққатан ё доимӣ хомӯш кардани дастрасӣ ба сомонаҳо ё хизматрасониҳои маҷозӣ нигаронида шудаанд; д) паҳнкунии спамҳои оммавӣ - ҳамлаҳои мақсаднок ба паёмдони электронӣ ва дигар платформаҳои маҷозӣ тавассути фиристодани спам-паёмҳо; е) манипулятсияи иттилоот - паҳн кардани иттилооти бардурӯғ, хабарҳои қалбакӣ ё дигар намудҳои маълумоти бардурӯғ. Кибервандализм метавонад аз ҷиҳати идеологӣ, сиёсӣ ё танҳо як амали авбошӣ дар муҳити маҷозӣ бошад. Мубориза бо кибервандализм такмил додани чораҳои амниятӣ, нусхабардории маълумот, мониторинги фаъолияти сомонаҳо ва истифодаи технологияро барои ошкор ва пешгирии чунин ҳамлаҳо дар бар мегирад.

4. **Қаллобии молиявӣ** - бо рушди молияи электронӣ ва пардохтҳои маҷозӣ, шаклҳои нави қаллобии молиявӣ ба монанди фишинг, қаллобӣ бо корти бонкӣ ва схемаҳои криптовалютӣ ба вуҷуд омаданд. Қаллобии молиявии маҷозӣ намудҳои гуногуни амалҳои фиребгарӣ мебошанд, ки бо истифода аз шабакаи интернет ва бо мақсади ба даст овардани фоидаи ғайриқонунии молиявӣ анҷом дода мешаванд [2. 754 – 758; 3, 15 – 25]. Ин нақшаҳои қаллобӣ метавонанд аз қаллобӣ бо корти кредитӣ то қаллобии молиявӣ, ки низомҳои пардохти электрониро дар бар мегиранд, фарқ кунанд. Дар зер баъзе намудҳои маъмули қаллобии молиявии маҷозӣ оварда шудаанд: а) фишинг (англ. phishing аз fishing «доштани моҳӣ, бо шаст доштани моҳӣ»), яъне фиристодани мактубҳои дидаву дониста бардурӯғ ё сомонаҳое, ки ҳамчун қонунӣ ба назар мерасанд, то одамонро фиреб диҳанд ва аз онҳо маълумоти ҳассос, аз қабили рамзҳо (паролҳо), рақамҳои корти кредитӣ ва маълумоти шахсиро ҷалб кунанд; б) қаллобии корти бонкӣ, яъне ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти бонкӣ, нусхабардории тасмаҳои магнитии корт ё истифодаи воситаҳо (скиммерҳо) барои гирифтани маълумот аз банкоматҳоро дар бар мегирад; в) қаллобӣ ҳангоми хариди маҷозӣ – амалиёти беиҷозат, мағозаҳои қалбакии маҷозӣ,

фурӯши молҳои қалбакӣ ё хидматҳои мавҷуд набуда; г) қаллобӣ дар тиҷорат, яъне амалҳои қаллобӣ дар соҳаи тиҷорат, аз ҷумла ҳисоботи молиявии қалбакӣ, сӯистеъмоли саҳмияҳо ё қаллобӣ дар суратҳисобҳои тиҷоратӣ; д) пирамидаҳои электронӣ. Нақшаҳое мебошанд, ки иштирокчиён ҳангоми интизори фоида аз иштирокчиёни нав пул мегузоранд, ки ин нишонаи хоси бисёр пирамидаҳои молиявӣ мебошад; е) мактубҳои тиҷоратии электронӣ (Business E-mail Compromises), ҳамлаҳои қаллобие мебошанд, ки дар онҳо ҳамлагарон мактубҳоро барои фиреб додани кормандони ширкат ва гирифтани маблағҳои молиявӣ ё маълумоти ҳассос истифода мебаранд; ё) ҳамлаҳои вирусӣ ба маълумоти молиявӣ. Истифодаи нармафзори зараровар барои дуздии маълумоти бонкӣ, рамзҳо (паролҳо) ва дигар маълумоти молиявӣ.

Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастоварда (м. 262 КҶ ҶТ) тавассути фазои маҷозӣ ва ё бо истифода аз технологияи рақамӣ дар ҳоли рушд мебошад. Дар ин раванд, ҷинояткорон одатан бо истифода аз шабакаҳои интернет, бонкҳои электронӣ, криптовалютҳо ва дигар воситаҳои технологӣ кӯшиш мекунанд, ки манбаъҳои ҷиноятии даромадро пинҳон ва қонунӣ созанд, то ки онҳоро барои манфиатҳои шахсӣ ё тиҷоратӣ истифода баранд [4, 949 – 954].

Барои муҳофизат аз қаллобии молиявии маҷозӣ, риояи чораҳои эҳтиётӣ, аз қабили пешниҳоди маълумоти ҳассос дар сомонаҳои боэътимод, истифодаи паролҳои қавӣ, насби нармафзори зиддивирусӣ ва ҳушёрӣ ҳангоми кор бо паёмҳои электронӣ ва муомилоти маҷозӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

5. **Кибер таҳдид.** Таҳдидҳо, иръоб ва тамаъҷуӣ дар шакли рақамӣ, ба монанди бастани маълумот ё таҳдидҳо барои ифшои маълумоти махфӣ ба таври васеъ содир гардида истодаанд. Кибертаҳдид (ё шантажи маҷозӣ) як шакли фаъолияти ҷиноятӣ мебошад, ки дар он ҳамлагарон технологияи рақамӣ ва интернетро барои таҳдид, иръоб, тамаъҷӯӣ ё фишор ба ҷабрдидагон истифода мебаранд [7, 231 – 237]. Кибертаҳдид аксар вақт таҳдиди ифшои маълумоти ҳассос (вобаста ба ҳаёти шахсӣ), нашри маълумоти беобрӯкунанда ё ворид кардани тағйироти зараровар ба маълумотҳои рақамиро дар бар мегирад. Ин гуна ҳамлаҳо метавонанд ҳам ба шахсони алоҳида, ҳам ба ширкатҳо, ташкилотҳо ва ҳатто муассисаҳои давлатӣ равона карда шаванд. Хусусиятҳои асосии кибертаҳдидҳо инҳо буда метавонанд: а) таҳдиди ифшои иттилоот - кибертаҳдидкорон аксар вақт таҳдид мекунанд, ки агар талаботи онҳо иҷро нашавад, маълумоти махфӣ, шахсӣ ё беобрӯкунандаро ошкор мекунанд; б) тамаъҷӯии молиявӣ – аксар вақт ба сифати иддао ҷуброни молиявӣ талаб карда мешавад. Кибертаҳдидчиён дар ивази ифшо накардан ё нест кардани маълумоти беобрӯкунанда пардохтро талаб мекунанд; в) ҳамлаҳо ба маълумоти шахсӣ - кибертаҳдид метавонад таҳдидҳои ифшои шахсиро ба монанди аксҳо, видеоҳо, мукотиба ва дигар маълумоти ҳассосро дар бар гирад.

Кибертаҳдид ба амнияти шахсӣ, обрӯ ва амнияти иттилоотӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад. Мубориза бо ин намуди ҷинояткорӣ омӯзиши корбарон, истифодаи технологияҳои муосири киберамният ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад.

6. **Муомилоти маводи мухаддир тавассути шабакаҳо.** Истифодаи интернет ва криптоасъор барои муомилоти ғайриқонунӣ бо маводи мухаддир ва дигар моддаҳои мамнӯъ яке аз воситаҳои нав буда, муқовимат бо он коркади консепсия ва чорабиниҳои муассирро талаб мекунад. Муомилоти маводи мухаддир дар интернет аслан ба фурӯш ва хариди маводи мухаддир тавассути интернет дахл дорад. Ин намуди фаъолият аксар вақт дар сомонаҳои торик (Dark web) сурат мегирад, ки барои ҷустуҷӯгарони оддӣ дастрас нестанд ва барои дастрасӣ ба он барномаҳои махсус талаб карда мешавад.

Фурӯшандагон ва харидорон метавонанд криптоасъор ба монанди bitcoin-ро барои таъмини беном ҳангоми гузаронидани амалиёти молиявӣ, яъне хариду фурӯши маводи мухаддир, истифода баранд. Муомилоти маводи мухаддир тавассути шабакаи интернет ба амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ хатари ҷиддӣ дорад, зеро онҳо паҳншавии маводи мухаддирро осон мекунанд ва метавонанд усулҳои анъанавии назорат ва

мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро убур кунанд. Дар робита ба ин, мушкилоти зерин ба миён меоянд: а) *беномият.* Истифодаи технологияҳои беном ва рамзгузорӣ дар сомонаҳои торик (Dark web) пайгирӣ ва пешгирии тиҷорати маводи мухаддирро дар интернет душвор месозад; б) *дастрасии ҷаҳонӣ.* Интернет дастрасии ҷаҳониро ба маводи мухаддир таъмин намуда, хавфи паҳншавии моддаҳои хатарнокро дар саросари ҷаҳон зиёд мекунад; г) *шакли пинҳонии пардохт бо криптоасъор.* Истифодаи криптоасъор беномиятро дар амалиёти молиявӣ таъмин менамояд ва пайгирии гардиши пул вобаста ба тиҷорати маводи мухаддирро душвор месозад; д) *таъмини амнияти харидорон ва фурӯшандагон.* Имконнопазирии вохӯрии ҷисмонӣ метавонад хавфҳоро ба амнияти харидорон ва фурӯшандагони маводи мухаддир афзоиш диҳад, зеро ҳарду ҷониб метавонанд қурбонии қаллобӣ, таҷовуз ё дигар ҷиноятҳо шаванд.

Дар Ҷумҳуии Тоҷикистон Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 амал мекунад. То соли 2021, бо мақсади коҳиши амалии паҳншавии муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва истеъмоли ғайритиббии онҳо, ҳаҷми оқибатҳои муомилоти ғайриқонунӣ барои бехатарии солимии аҳолӣ, ҷомеа ва давлат бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2013, №1409 Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020 тасдиқ гардид. Дар натиҷаи амалишавии Стратегия дар солҳои 2013 – 2020 самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо баланд гардид. Ба ин муваффақиятҳо 6664 ҷиноят марбут ба маводи нашъаовар ба қайд гирифта шуд, ки дар натиҷа 33 тонна маводи нашъаовар мусодира гардид. Шумораи ҷиноятҳои марбут ба маводи нашъаовар аз 936 дар соли 2013 ба 700 адад дар соли 2020 коҳиш ёфт. Мусодираи маводи нашъаовар низ аз 6 тоннаю 686 кг дар соли 2013 ба 2 тоннаю 425 кг дар соли 2020 паст шуд. Фаъолияти 53 гурӯҳи муташаккили ҷиноятии фаромиллӣ ошкор ва қатъ гардида, 115 нафар ба ҳабс гирифта шуданд. Маводи нашъаовар, ки тавассути қочоқ ворид мегардид, асосан дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон мусодира шуд. Дар хориҷи кишвар низ коҳиш дар дастгиршавии шаҳрвандони Тоҷикистон барои ҷиноятҳои марбут ба нашъадорӣ ва мусодираи мавод мушоҳида гардид. Сатҳи нашъамандӣ дар кишвар коҳиш ёфта, шумораи нашъамандон аз 7176 нафар дар соли 2013 ба 5099 нафар дар соли 2021 расид. Бо қабули қарорҳои муҳим, Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба 359 адад расонида шуд, ки заминаи ҳуқуқии қавӣ барои мубориза бо моддаҳои психоактивӣ ба вуҷуд овард [14].

Давлатҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва созмонҳои байналмилалӣ барои мубориза бо муомилоти маводи мухаддир тавассути шабакаи интернет, аз ҷумла такмил додани технологияҳои пайгирӣ, ташаббусҳои қонунгузорӣ ва ҳамкории байналмилалӣ чораҳо андешида истодаанд, лекин онҳо кофӣ нестанд. Бо вуҷуди ин, бо назардошти хусусияти динамикии фазои интернет, муқовимати самаранок ба ин таҳдид мушкилоти мураккаб боқӣ мемонад.

7. **Ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо.** Шикастан ва ҳамлаҳо ба шабакаҳои ширкатҳо бо мақсади дуздии иттилооти тиҷоратӣ, моликияти зеҳнӣ ва ғайра яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти иқтисодӣ башумор мераванд. Ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо намудҳои гуногуни амалҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки бевосита ба фаъолияти ширкатҳо ва ё технологияҳои иттилоотии онҳо нигаронида шудаанд. Ин ҷиноятҳо метавонанд ангезаҳои гуногун дошта бошанд, аз ҷумла фоидаи молиявӣ, рақобатпазирӣ, ҷосусӣ ва вайрон кардани махфият ва яклухтии (комиллии) маълумот. Намунаҳои пашнгаштаи ҷиноятҳои технологӣ алайҳи шикратҳо ҳамлаҳои хакерӣ, қаллобии киберӣ, дуздии моликияти зеҳнӣ, спам ва фишинг, рад кардани расонидани хизмат аз (DDoS)

ҳамла, таҳдидҳои дохилӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки шарҳи баъзеи онҳо дар боло оварда шудааст.

Мубориза бо ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо татбиқи воситаҳои муосири амнияти киберӣ, омӯзиши кормандон, мониторинг ва таҳлили рӯйдодҳои шабака ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқро талаб мекунад. Дар чунин маврид тавсия дода мешавад аз барномаҳои литсензионӣ бештар истифода баранд.

8. **Кибербуллинг ва киберхарассмент** (Cyberbullying or cyberharassment), яъне таъқиби маҷозӣ, таҳдидҳо ва тамаъҷӯӣ тавассути интернет, ки аксар вақт ба шахсони алоҳида нигаронида шудаанд.

*Кибербуллинг (ё таъқиби маҷозӣ)* - ин як шакли байналмилалии таъқиб ва таҳдид мебошад, ки воситаҳои алоқаи рақамиро ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмҳо, форумҳо ва дигар платформаҳои онлайнро истифода мебарад. Кибербуллинг рафтори систематикӣ ва вайронкунандаро бо мақсади зарар расонидан ба некӯаҳволии эмотсионалӣ ва равонии шахси дигар дар бар мегирад. Инҳо метавонанд таҳқир, таҳдид, ифшои маълумоти шахсӣ, сохтани профилҳои қалбакӣ бо мақсади таҳқир ва ғайра бошанд. Кибербуллинг метавонад махсусан барои наврасон ва ҷавонон зараровар бошад ва ба саломатӣ ва некӯаҳволии онҳо таъсири ҷиддӣ расонад.

*Киберхарассмент* - ин истилоҳи васеъест, ки рафтори номатлуб, таҳдидкунанда ё таҳқиромезро тавсиф мекунад ва технологияро ҳамчун воситаи амалӣ кардани таъқиб истифода мебарад. Дар баробари таъқиб, он, инчунин метавонад шаклҳои дигари ҳамлаҳои маҷозӣ, ба монанди озори ҷинсӣ, табъиз, нажодпарастӣ ва ғайраро дар бар гирад.

Ҳардуи ин истилоҳҳо рафтори маҷозиеро тавсиф мекунанд, ки метавонанд ба ҳолати равонӣ ва эмотсионалии шахсони ҷабрдида оқибатҳои ҷиддӣ расонанд [16, 44 – 45]. Роҳҳои мубориза бо кибербуллинг ва киберхарассмент иборатанд аз таълим, фароҳам овардани муҳити амнияти маҷозӣ ва ҷорӣ кардани қонунҳо ва сиёсатҳое, ки ба ҳифзи қурбониёни эҳтимолӣ нигаронида шудаанд.

9. **Вайронкунии маҷозии ҳуқуқи муаллифӣ, истифода ё паҳн кардани ғайриқонунии ҳуқуқҳои муаллифӣ дар муҳити рақамӣ.** Ин фаъолиятҳои гуногунро дар бар мегирад, ки қонунҳои ҳуқуқи муаллифиро дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ вайрон мекунанд. Инҳоянд чанд намунаи вайронкунии ҳуқуқи муаллиф: а) *вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шабакаи интернет:* бе иҷозати соҳибҳуқуқ таҷдид, паҳн кардан ва тарзи дигари истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он; паҳн, тайёр, ворид намудан бо мақсади паҳн кардани таҷҳизот ё пешкаш кардани хизмат, ки барои сарфи назар кардан ё ба сарфи назар намудани ҳар як васоити техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он пешбинӣ гардидааст, имкон медиҳад ё мусоидат мекунад; бе иҷозати соҳибҳуқуқ барҳам ё тағйир додани ҳар гуна иттилоъ дар бораи идоракунии ҳуқуқҳо; б) *шикастани ҳифзи рақамӣ,* яъне бартараф кардани воситаҳои техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, ба монанди системаҳои идоракунии ҳуқуқи муаллифии рақамӣ (DRM); истифодаи нармафзори роҳзан: зеркашӣ, насб ва истифодаи нармафзор бидуни иҷозатнома ё иҷозати мувофиқ; в) *тақаллубии ҳуқуқҳои муаллифӣ.* Муаррифии асар ҳамчун азони худ, вақте ки он воқеан асари муаллифи дигар аст.

Вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ дар шабакаи интернет ба соҳаҳои эҷодӣ ва моликияти зеҳнӣ таҳдид мекунад, даромади соҳибони ҳуқуқро коҳиш медиҳад ва метавонад ба ҳавасмандгардонии эҷоди асари нав таъсир расонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо ва чораҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф мавҷуданд ва онҳо барои пешгирии вайронкунии киберӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагон мукаммалиятро талаб мекунанд.

Ҳарчанд ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооткунонӣ» аз 6–уми августи соли 2001,

Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиллоот» аз 10–уми май соли 2002 , Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2–юми декабри соли 2002, Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30–юми июли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25–уми марти соли 2011, Қонуни ҶТ «Дар бораи криптография» аз 3–юми декабри соли 2012, Қонуни ҶТ «Дар бори матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19–уми марти соли 2013, КҶ ҶТ аз 21 майи соли 1998, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7–уми ноябри соли 2003, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–юми марти соли 2008 қабул гардида бошанд ҳам, барои муқовимат бо ин таҳдид ва хатарҳои замонавӣ самаранок нестанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи экспертизаи суди техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносӣ (аз соли 2010), шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар сохтори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2013), шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои кибернетикӣ дар назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2015) ва Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ (аз соли 2023) дар муқовимат бо киберҷиноятҳо нақши муассир доранд.

Ҳамин тавр, ҷиноятҳои киберӣ чораҳои дахлдори мубориза ва муқовимат, аз ҷумла беҳтар кардани амнияти киберӣ, таҳияи қонунҳо ва сиёсатҳои нав, ҳамкорӣ байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалиро талаб мекунанд ва мо бояд ба он фавран омода бошем. Дар сурати наандешидани чораҳои муассир ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум зарар ҷиддӣ расиданаш аз имкон дур нест.

**АДАБИЁТ:**


1. Awan I. (2016). Cyber-Extremism: ISIS and the Power of Social Media. Society, 53(3), 278–286
2. Аминов, И.И. Предупреждение киберпреступлений в финансовой сфере / И.И. Аминов // Аллея науки. – 2018. – Т. 5, № 6(22). – С. 754-758.
3. Базаров, Р. Т. Проблемы обеспечения экономической безопасности на предприятии: киберпреступления / Р.Т. Базаров, Г.И. Хузина // Вестник Университета управления "ТИСБИ". – 2022. – № 3. – С. 15-25.
4. Бекетнова Ю.М. Анализ типологий легализации доходов, полученных в результате совершения киберпреступлений / Ю.М. Бекетнова, А.Р. Джадраева // Экономика и предпринимательство. – 2021. – № 8(133). – С. 949-954.
5. Давлатзода, К.Д. Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DOS) / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 10-1. – С. 233-240.
6. Давлатзода, К.Д. Таҳқиқоти Ҳуқуқии ҷиноятии мафҳуми киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – No. 3(27). – С. 268-274.
7. Давлатзода, К.Д. Ҷаҳонишавии проблемаҳои киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 9. – С. 231-237.
8. Кудратов, Н.А. Уголовно-правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства : специальность 12.00.08 "Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право": автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Душанбе, 2021. – 127 с.

9. Кудратов Н.А. Уголовно–правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства: дисс… д-ра юрид. наук / Н.А. Кудратов. – Душанбе, 2021. – 539 с.
10. Кудратов, Н.А. Глобализация как фактор развития транснациональной организованной преступности / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Законодательство. – 2022. – № 1(45). – С. 118-125.
11. Кудратов, Н.А. Национальная и государственная безопасность как видовой объект преступления против основ конституционного строя и безопасности государства // Уголовная юстиция. – 2019. – № 13. – С. 29-33. – DOI 10.17223/23088451/13/6.
12. Мазарифов, М.К. Мафҳум ва аломатҳои назариявии ҷиноятҳои кибернетикӣ / М.К. Мазарифов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – No. 4(28). – С. 210-217.
13. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат: 04.05.2025).
14. Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «20» марти соли 2021, №145 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://akn.tj/2021/04/15/national-drug-control-strategy-of-the-republic-of-tajikistan-for-2021-2030/ (санаи муроҷиат: 04.05.2025).
15. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/images/PDF/ter-ek.pdf (санаи муроҷиат: 04.05.2025).
16. Шумилова, Е.А. Ответственность за киберпреступления в современном мире / Е.А. Шумилова // Актуальные исследования. – 2022. – № 51-2(130). – С. 44-45.

ТДУ 323:297+32.001 (575.3)

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БО ТАЪЛИМОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ДИНӢ ДАР ҶОМЕИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

**САФАРЗОДА Ҳ.С.**[1]
**БОБОЕВ А.Р.**[2]
*[1]Номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*[2]Унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола муаллифон асосҳои ҳуқуқии ташкили муқовимат бо таълимоти ғайриқонунии диниро, ки омили ифротишавии ҷомеа дар замони муосир маҳсуб меёбад, бар мабнои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо бо санадҳои байналмилалие, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ба дин, ба эътиқод ва ба озодии виҷдон эътироф менамоянд, муайян намуда, тарзи амалӣ намудани онро шарҳ додаанд.*

**Калидвожаҳо:** *ҷомеаи ҳуқуқбунёд, давлати дунявӣ, таълими расмӣ, таълимоти ғайриқонунии динӣ, асосу заминаҳои ҳуқуқӣ, озодии динӣ, маърифати динӣ, эътиқоду бовармандӣ, танзими фазои динӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ба дин, ба таҳсили динӣ, ба озодии виҷдон, динӣ.*

# ПАРВОВЫЕ ОСНОВЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ НЕЗАКОННОМУ РЕЛИГИОЗНОМУ ОБУЧЕНИЮ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

**САФАРЗОДА Х.С.**[1]
**БОБОЕВ А.Р.**[2]
*[1]Кандидат юридических наук, дотсент, профессор кафедры предотвращения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факултета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан*
*[2]Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*

*В статье авторы анализируя нормативно-правовых актов РТ, а также сравнивая их с международными правовыми актами, признающими права и свободы человека на религию, вероисповедение и свободу совести, дают разъясняют правовые основы и базы противодействия незаконному религиозному обучению, являющееся одним из факторов радикализации общества в Республики Таджикистан.*

**Ключевые слова:** *правовое общество, светское государство, официальное обучение, незаконное религиозное обучение, правовые и базовые основы, религиозная свобода, религиозное знание, вероисповедание, регулирование религиозного пространство, права на религию, на религиозное обучение, на свободной совести.*

# THE LEGAL BASE OF COMBOT WHITH ILEGAL RELIGIOS TEACHING IN MODERN SOCIETY OF TAJIKISTAN

**SAFARZODA H.S**[1]
**BOBOEV A.R.**[2]
*[1]Candidate of legal sciences, assistant professor of the chair of prevention terrorist crimes and providing social security of faculty № 6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan.*
*[2]Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan.*

*In the article the authors analyzing normative-legal acts of the RT, and also their comparison them with international legal acts, recognizing rights and freedom of person to releigious, religion and freedom of conscience, explanation legal basis of counteraction with illegal religious education, which is one of the facts in radicalism of society in the RT.*

**Key words:** *legal society, secular state official education, illegal religious education, legal and basis, religious freedom, religious education, religion, regulation of religious space, right to religion, to religious education, to free conscience.*

Асосҳои бунёдии муқовимат ба таълимоти ғайриқонунии динӣ, аз ҷумла таълимоти хусусияти экстремистидоштаро меъёрҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд. Зеро дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи давлат мебошад.

Тибқи моддаи 6 Конститутсия халқ барандаи соҳибихтиёрӣ ва манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ё ба воситаи намояндагони худ амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизби сиёсӣ, гурӯҳи одамон ё фард ҳуқуқи ғасби ҳокимияти давлатиро надорад.

Бо дарназардошти он, ки имрӯз фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ на танҳо ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, балки ба тамомият ва дахлнопазирии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунад, Конститутсия муқаррар менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон якпорчагӣ ва дахлнопазирии қаламрави худро таъмин менамояд. Таблиғ ва ҳаракатҳое, ки ба ҷудоиандозии ягонагии давлат нигаронида шудаанд, манъ аст (м. 7).

Мувофиқи моддаи 17 Конститутсия давлат ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахсро, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ, маълумот, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкияш кафолат медиҳад.

Аз ҷумла, тибқи моддаи 26 Конститутсия *«Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд»* [4, 138].

**Мувофиқи талаботи моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:** *«Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблаггузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст»* [4, 138]. Яъне, иттиҳодияҳои динӣ набояд ба умури давлатӣ дахолат намоянд, бо ин мақсад маблағгузории фаъолияти онҳо аз тарафи кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту созмонҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ қатъиян мамнуъ мебошад.

Дар **моддаи 41 Конститутсияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** муқаррар шудааст, ки ҳар шахс ҳуқуқ ба таҳсил дорад. Ҳуқуқ ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои муҳимми фарҳангии инсон мебошад, ки баҳри рушди шахсият ва ҷомеа равона гардидааст. Шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқи интихоби таҳсилро доранд, онҳо метавонанд муассисаҳои таълимӣ ва шакли таҳсилро бе дахолати дигар шахсон интихоб кунанд. Амалигардии ин ҳуқуқи шахс бояд дар асоси санадҳои байналмиллалӣ, қонунгузории давлат ва меъёрҳои ахлоқӣ ба роҳ монда шавад.

Санадҳои байналмилалӣ, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948, Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии инсон аз 4 ноябри соли 1950, Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ аз 21 декабри соли 1965, Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ аз 20 ноябри соли 1963, Эъломия дар бораи нажод ва поймолкунии нажодӣ аз 21 ноябри соли 1977, Эъломия дар бораи барҳам додани ҳама гуна таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ё эътиқод аз 25 ноябри соли 1981 ва ғайра низ асосҳои бунёдии муқовимат ба таълимоти ғайриқонунии диниро ташкил медиҳанд.

Аз ҷумла, тибқи **моддаи 18 «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар»** *«ҳар инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ тағйири озодонаи дин ва эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ,* ***дар таълим гирифтан****, ибодат намудан ва иҷро кардани расму оинҳои динӣ*

*ва маросимиро иҷро кардан иборат аст»* [8].

Дар **моддаи 18 “Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ”** пешбинӣ гардидааст, ки: *«Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштан ё қабул кардани дин ё эътиқод бо интихоби худ ва озодии пайравӣ кардан ба дин ё эътиқоди худ чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммави ё хусусӣ ибодат намудан, иҷро кардани расму оинҳои диниву маросимӣ ва* ***таълими динӣ гирифтанро*** *дар бар мегирад. Ҳеҷ кас набояд таҳти маҷбурияте, ки озодии ӯро дар мавриди бо интихоби худ қабул кардани дин ё эътиқод маҳдуд месозад, қарор дода шавад. Озодии пайравӣ кардан ба дин ё эътиқод танҳо ба андозае маҳдуд карда мешавад, ки тавассути қонун муқаррар гардидааст ва барои ҳифзи амният, тартибот, саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, ҳамчунин ҳуқуқ ва озодии асосии дигар ашхос зарур аст. Давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон уҳдадор мешаванд, ки озодии волидайн ва дар ҳолатҳои дахлдор васиёни қонуниро дар бобати таъмини* ***тарбияи динӣ*** *ва ахлоқии фарзандони худ мутобиқи ақидаи худ эҳтиром мекунанд* [7].

Барои танзими муносибатҳои динӣ, аз ҷумла дурнамои муносибати дин ва давлат **Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин** қабул гардидааст, ки мақсаду вазифа ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатиро дар соҳаи дин бо эътибори манфиатҳои миллӣ муайян ва танзим менамояд. Ҳадафи асосии Консепсия ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон, рушди пояҳои давлати дунявӣ, тақвияти таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба тамоми адёну мазоҳиб ва таҳкими амнияту ризоият дар фазои динии Тоҷикистон мебошад.

То қабули Консепсияи мазкур меъёрҳои муносибат байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар қонунгузории Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии дигар муқаррар гардида буд, вале дар рафти татбиқи онҳо баъзе норавшаниҳои назариву амалӣ ошкор шуданд. Баъдан, дар ибтидои асри XXI паҳншавии ғояҳои ифротию иртиҷоии ҷараёну равияҳои динии ғайрианъанавии исломӣ ба амнияти миллӣ ва суботи ҷомеа, бахусус маҳви арзишҳои мазҳабӣ-динии мардуми Тоҷикистон хатари ҷиддӣ эҷод намуд. Сомонаҳои интернетии намояндагони онҳо фаъол гардида, наврасону ҷавононро ҷалб менамоянд. Зери назорат гирифтани фаъолияти чунин сомонаҳо дар фазои виртуалӣ яке аз омилҳои асосии пешгирии шомилшавии ин тоифа, ба созмонҳои экстремистию террористӣ мебошад. Раванди таҳсили ғайрирасмии динии шаҳрвандони тоҷик дар хориҷи кишвар низ дар сатҳи зарурӣ зери назорат гирифта нашуда буд.

Дар шуури динии кулли шаҳрвандони диндори Тоҷикистон, ки хусусияти куҳнапарастиро дорост, таассуб ва хурофот реша давонда, он ҳамчун меъёри дурусти ҳастӣ қабул карда мешавад. Аз ин рӯ, “*Вақте, ки шуур ҳамчун ҳақиқат фаҳмида мешавад, гумроҳист*”[2, 360**],** бар асоси он қисме аз сокинон таҳти таъсири ташвиқоти мубаллиғони созмону ташкилотҳои экстремистӣ қарор гирифта, ба сафи онҳо мепайванданд. **Олими тоҷик Ғ.Ғ. Қаххоров** баён медорад: *«Қисми зиёди аҳолӣ, аз он ҷумла ҷавонон ба дин боварии комил дошта, дар ҳаёти шахсии худ аз таълимоти динӣ боэътимодона истифода менамоянд ва динро аз хурофот фарқ намекунанд, ахбороти аз расонаҳои иҷтимоӣ гирифташударо дуруст баҳогузорӣ карда наметавонанд, чунки донишҳои мукаммали динӣ ва дунявӣ надоранд»* [5, 19].

Ин ҳолат дастгирии давлатиро барои раҳоӣ ёфтани муҳити анъанавии динӣ-мазҳабии Тоҷикистон аз ифротшавии ҷомеа тақозо менамояд, дар акси ҳол рӯҳониёни расмию ғайрирасмии динӣ наметавонанд бар зидди раванди шомилшавии аҳолӣ ба мазҳабу равияҳо ва созмону ташкилотҳои экстремистӣ-террористии динӣ истодагарӣ намоянд. Дар даврони истиқлоли давлатӣ ва эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон асосҳои озодии виҷдон дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардид. Соҳибистиқлолӣ ва низоми дунявии давлат имконият фароҳам овард, ки қавму миллатҳои гуногун ва пайравони дину мазҳабҳои мухталиф дар Тоҷикистон фаъолияти динию эътиқодии худро дар доираи муқаррароти Конститутсияи мамлакат ва қонунгузории амалкунанда озодона анҷом диҳанд. Дар натиҷа масҷиду ибодатгоҳҳо ва таълимгоҳҳои динии зиёд сохта шуда, дин дар ҷомеа мақоми баланд пайдо намуд. Шаҳрвандони зиёд дар хориҷи

кишвар таълими динӣ гирифта, адабиёти динӣ, ки то ин замон воридоташон ба ҷумҳурӣ манъ карда шуда буд, паҳн гардиданд. Ҳамзамон, давлат барои танзими муносибатҳои динӣ дар Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқиро қабул намуд, ки дар натиҷа муносибати давлат ва муассисаҳои динӣ ба танзим дароварда шуда, миёни ҳуқуқи дунявӣ ва ҳуқуқи исломӣ алоқамандии зич пайдо гардид.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи дин, ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин *ҳуқуқ ба таҳсилоти диниро* **Қонуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»** *(26.03.2009 таҳти № 489 қабул, солҳои 2011 ва 2018 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд)* ба танзим медарорад. Қонуни мазкур ҳуқуқи ҳар шаҳрвандро ба озодии виҷдон ва пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳамаро дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин, мазҳаб ва эътиқод, эҳтиром ва таҳаммулро ба тамоми дину мазҳабҳо, дар баробари ин мавқеи хоси мазҳаби ҳанафиро дар такомули фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон эътироф ва тасдиқ мекунад. **Ба андешаи донишманди тоҷик А.Раҳнамо** *«Қабули қонуни нави ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» дар таърихи давлатдории мо аҳамияти муҳимми рамзӣ низ дорад. Ин қонун ба ҳокимияти расмии як асли пурмоҷарои қонунгузории мо, яъне асли «дин аз давлат ҷудо мебошад» расман поён дод»* [1, 234].

Дар **моддаи 4 "Ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин"–и Қонуни мазкур** дарҷ шудааст, ки ба фаъолияти таблиғотии оммавии динӣ танҳо иттиҳодияҳои диние ҳуқуқ доранд, ки тибқи тартиби муқаррар-намудаи қонуни мазкур ба қайд гирифта шудаанд. Иттиҳодияҳои динӣ ҳуқуқи дахолат ба ҳаёти шахсии инсон ва шаҳрвандро дар масъалаҳои вобаста ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, **аз ҷумла ба таълимоти динӣ ҷалб намуданро** надоранд. Падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ҳуқуқ доранд, ки фарзандонашонро тибқи муносибати шахсии худ ба дин бо риояи ҳуқуқи кӯдак ба озодии виҷдон таълиму тарбия диҳанд. **Ҷалб кардани ноболиғон ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба ноболиғон додани таълими динӣ бе иҷозати хаттии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда манъ аст.**

**Мутобиқи меъёри моддаи 5–уми Қонуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»**, таҳқир кардани шахс барои амалӣ гардонидани ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, аз ҷумла бо истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад. Айбдор кардани шахс бо сабаби диндорӣ ё бединӣ ва ё тарки дин манъ аст. Аз тарафи давлат маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва пайравӣ ба дин танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. **Яъне, тибқи талаботи моддаи мазкур бо мақсади пешгирӣ намудани таълимоти ғайриқонуни динӣ, тарғиб ва паҳн кардани ақидаҳои экстремистӣ, барангехтани кинаю адовати динӣ ва хусумати мазҳабӣ давлат низоми таҳсилоти диниро таҳти назорат мегирад.**

*Қонуни мазкур тартиби қонунии ба амал баровардани таълими диниро баъди гирифтани иҷозатномаи давлатӣ имконпазир мешуморад.* **Дар ҳолати роҳандозии таълимоти динӣ барои кӯдакону наврасони аз 7 то 18–сола ризоияти хаттии падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда гирифта шуда, таълим дар вақти берун аз дарс ва барномаи таълимии таҳсилоти давлатӣ иҷозат дода мешавад.**

**Гирифтани таълимоти динӣ дар хориҷи кишвар, аз ҷумла дар мактабҳои олии динии хориҷӣ, танҳо баъд аз гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷумла динӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси ризоияти хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин** *(Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)* **иҷозат дода мешавад.** Тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони ҶТ дар хориҷи кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (ҚҶТ аз 28.06.2011, №739) [6]. *Тибқи талаботи қонуни мазкур гирифтани таълимоти динӣ дар хориҷи кишвар мамнуъ нест, вале бо мақсади таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат раванди ба хориҷа ба таҳсилоти динӣ рафтани шаҳрвандон бояд ба таври*

*расмӣ ва таҳти назорати давлат қарор гирад.* Давлат ба мансубияти динӣ ва муносибати шаҳрванд ба дин дахолат намекунад, вале ба зуҳуроти таассуб ва ифротгароӣ дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ роҳ намедиҳад, бо ин мақсад хусусияти дунявии таҳсилотро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ таъмин менамояд. Сиёсати давлатро дар ин самт мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин (Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ менамояд, муносибати онро бо иттиҳодияҳои динӣ ҳамоҳанг месозад, фаъолияти иттиҳодияҳои динии амалкунандаро таҳлил мекунад, ба қайди давлатӣ мегирад, фаъолияташонро вобаста ба иҷрои маросими динӣ назорат мекунад, корҳои иттилоотӣ-таблиғотиро дар ин самт роҳандозӣ менамояд.

**Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»** *ҳуқуқ ба таълими динӣ* кафолат дода мешавад. Аммо, **дар моддаи 4** таъкид шудааст, ки ҳеҷ кас ба иштирок кардан ё накардан дар таълими динӣ маҷбур карда намешавад. **Қисмҳои 14 ва 15–уми ин модда** ба волидон ё шахсони онҳоро ивазкунанда ҳуқуқ додааст, ки фарзандо-нашонро вобаста ба муносибати шахсиашон ба дин бо риояи ҳуқуқи кӯдак ба озодии виҷдон таълим диҳанд. Ҷалби ноболиғон ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва ба онҳо додани таълими динӣ манъ аст.

**Моддаҳои 7 ва 8–уми ин Қонун масъалаи муносибати таҳсилоти динӣ ва дунявиро дар бар мегиранд.** Мувофиқи талаботи **моддаи 7** таҳсилоти давлатӣ аз иттиҳодияҳои динӣ ҷудо мебошад ва он дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ хусусияти дунявӣ касб менамояд, ба шахс зинаҳои таҳсил новобаста аз муносибаташ ба дин таъмин карда мешавад. Давлат **бо мақсади пешгирии таълимоти ғайриқонунии динӣ**, ташвиқи ғояҳои ифротӣ, барангехтани хусумати динӣ ва мазҳабӣ низоми таҳсилоти диниро таҳти назорат мегирад. Инчунин, дар низоми таҳсилоти давлатии миёнаи умумӣ ва олӣ бо мақсади огоҳии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон, вале бе анҷом додани ибодат ва расму оинҳои динӣ, таълими фанни диншиносӣ мумкин аст.

**Дар асоси талаботи моддаи 8–уми Қонуни мазкур** ташкилотҳои динии расман (қонунӣ) амалкунанда метавонанд муассисаҳои таълимии диниро таъсис диҳанд. *Таҳсилоти динӣ кори фардӣ (ихтиёрӣ) буда, ҳар кас ҳуқуқи дар алоҳидагӣ ва ё ҳамроҳи дигарон гирифтани онро дорад.* Иттиҳодияҳои динӣ (масҷидҳои ҷомеъ) дар доираи низомномаашон, вале танҳо бо иҷозатномаи давлатӣ ба таъсис додани гурӯҳҳои таълимӣ ва таълими аҳкоми дин машғул шуда метавонанд. **Фарогирии кӯдакони синнашон аз 7 то 18–сола ба таълимоти динӣ дар асоси ризояти хаттии волидон** ва шахсони онҳоро ивазкунанда **дар вақти ғайридарсӣ** ва **берун аз барномаи таълимии таҳсилоти давлатӣ** иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 12-и Қонуни мазкур шакли муассисаҳои таълими диниро муайян намудааст.** Тибқи он **муассисаҳои таълими динӣ** *шакли махсуси иттиҳодияҳои динӣ буда, дар асоси оинномаи аз ҷониби ташкилоти динии дахлдор тасдиқгардида ва аз қайди давлатӣ гузаронидашуда ба таълими динӣ машғул шуда метавонанд.* Шароит ва низоми таълим дар ин муассисаҳо бо мақомоти ваколатдори давлатӣ мувофиқа гардида, фаъолияти таълимии онҳо дар асоси иҷозатномаи давлатӣ (тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият») ба роҳ монда мешавад. Шаҳрвандоне, ки дар бахшҳои рӯзонаи муассисаҳои таълими динӣ таҳсил мекунанд, аз ҳуқуқу имтиёзҳои барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида бархурдор мебошанд. *Барнома ва нақшаҳои таълимии муассисаҳои таълими динӣ бояд ба сатҳи муассисаҳои таҳсилоти давлатӣ мувофиқат дошта, ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф мухолиф набошанд.*

**Дар асоси талаботи моддаи 17 Қонуни мазкур,** аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои эътиқоди динии иттиҳодияҳои динӣ, **дурустии маълумот оид ба таълимоти динӣ** ва амалияи парастишии онҳо, инчунин таҳлили *муҳтавои адабиёт* ва *маводи динии истифодашуда* **ташхиси давлатии диншиносӣ** гузаронида мешавад.

**Мувофиқи меъёри моддаи 22 ҳамин Қонун,** истеҳсол, содир, ворид, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, ашё ва маводи таъйиноти динидошта низ баъди гирифтани хулосаи ташхиси давлатии диншиносӣ анҷом дода мешавад. Танҳо ташкилотҳои динии расмӣ ҳуқуқ доранд, ки корхонаҳои табъ ва нашри адабиёти динӣ, истеҳсоли ашёву маводи таъиноти динӣ таъсис диҳанд. Адабиёт ва маводи таъиноти диние, ки ташкилоти динӣ ба табъ мерасонад ва истеҳсол мекунад, бояд тамғаи махсус бо номи пурраи ташкилоти динии мазкурро дошта бошанд.

**Дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ намудани амалҳои зиддиҷамъиятӣ ва ҷиноятии хусусияти дини экстемистидошта тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариҳои маъмурӣ ва тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариҳои ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудаанд**, ки нишонаи сиёсат ва иҷрои рисолати давлатдорӣ буда, системаи ҳукмронии давлат бе ин вуҷуд дошта наметавонад.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 30 Конститутсияи таблиғу ташвиқоте, ки кинаю адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Таҳлили мазмуни меъёрҳои зикршудаи Конститутсияи собит месозанд, ки аломатҳои асосии экстремизми муосир дар меъёрҳои қонуни асосӣ дар таносуб ба меъёрҳои ҳукуқӣ байналмилалӣ ва минтақавӣ равшантар ифода ёфтаанд.

Бояд зикр кард, ки моддаҳои 6, 7, 8 дар боби якуми Конститутсия бо номи «Асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷойгир шудаанд ва асоси ҳуқуқӣ ва бунёдиро оид ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таълимоти ғайриқонунии динии хусусияти экстремистидошта (м. 307.4 КҶ ҶТ) ва моддаҳои 374 ва 462.1-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба муқовимат ба хукуквайронкуниҳои хусусияти экстремистидошта ташкил медиҳанд. Инчунин, дар КҲМ ҶТ моддаҳои зерин ҷиҳати пешгирӣ намудани кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта пешбинӣ шудаанд: - *моддаи 85* Маҷбур кардан ба диндорӣ ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ; *моддаи 86.* Монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ; *моддаи 106.* Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамойиҳо, намоишҳо ва роҳпаймойиҳои осоишта; *моддаи 474.* Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои динӣ; *моддаи 474(1).* Риоя накардани қонунгузорӣ оид ба истеҳсол, содирот, воридот, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин дигар ашё ва маводи дорои таъйиноти динӣ; *моддаи 474(2).* Ғайриқонунӣ ба роҳ мондан ва гирифтани таълими динӣ ва ғ.

Муқаррароти моддаҳои дар боло зикргардидаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини механизми мамнуъиятҳои ҳуқуқие, ки аз мазмуни қонунҳо «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009, № 489, «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, № 258, «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» аз 13 ноябри соли 1998, № 680, «Дар бораи ҳуқуқ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, № 411 ва ғайра, бармеоянд, пешбинӣ шудаанд, зеро қонунҳои зикргардида тартиби додани огоҳӣ, боздоштан, барҳам додан ё манъи фаъолияти сохторҳои мазкурро барои содир кардани ҳаракатҳои экстремистӣ, ки боиси вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, саломатии шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва расонидани зарар ба манфиатҳои шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат гардидаанд ё таҳдиди воқеии расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меоранд, ба танзим медароранд. Инчунин, тартиби маҳдуд кардани дастрасӣ ба иттилооте, ки дар шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар захираҳои интернетӣ паҳн шуда, дорои даъват ба амалӣ сохтани фаъолияти экстремистӣ, иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ (оммавӣ), ки бар хилофи тартиби муқарраршуда гузаронида мешавад, муайян карда шудааст.

Талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 июни соли 2024, № 499 «Дар бораи масъулият оид ба таълиму тарбияи кудак» аз 20 июни соли 2024, № 2049, «Дар бораи тарбияи ватандӯстӣ»

аз 16 декабри соли 2022, №332, ки дар таҳрири нав қабул шудаанд, дар самти огоҳонӣ ва пешгирии таълимоти ғайриқонунии динӣ, хуруфот ва бегонапарастӣ нақши назаррас дорад. Зеро ҳадафҳои асосии қонунҳои зикршуда низ ба ҳифзи арзишҳои воқеии фарҳанги миллӣ, пешгирии хурофот ва таассуб, баланд бардоштани маънавиёт, тарбияи ноболиғон ва ҷавонон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва умумибашарӣ нигаронида шудаанд. Маҳз поймол кардани арзишҳои дар боло зикршуда, дар пасманзари паҳншавии бесобиқаи идеологияи динӣ-экстремистӣ дар ҷаҳони виртуалӣ (шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ), заминаи ташаккули идеологияи зиддидавлатӣ ва зиддимиллӣ гардида, ба амнияти на танҳо Тоҷикистон, балки ба суботи умумиҷаҳонӣ низ таҳдид мекунад.

## АДАБИЁТ:


1. .Абдуллои Раҳнамо. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон . – Душанбе: Ирфон, – 2011. С.234.
2. Кант И. Трактаты и письма. -Москва: Наука, 1980. С. 360
3. Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, –2016. С.138.
4. Қаҳҳоров Ғ.Ғ. Омилҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон / Ғ.Ғ. Қаҳҳоров. – Душанбе, –2022.С.19.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26–уми марти соли 2009, №489.
6. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ [манбаи электронӣ]. URL: http: mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 26.12.2021).
7. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир. – Душанбе: Эр– граф, 2023. – С.339.
8. Ҳусейнзода С.Ҳ., Назарзода Н.Ҷ., Насуриён П.А., Заробидинзода С.З. Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ//Воситаи таълимӣ/ Душанбе: Шоҳин, – 2022. – С.98-99.

ТДУ 327+343.32(575.3)

## ФАЪОЛИЯТИ ТАХРИБИИ ГУРӮҲҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТГАРО ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БА ОН

**ШОРАҶАБОВ А.А.**
*Унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола масоили истифодаи интернет бо мақсадҳои террористӣ ва ифротгароӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф муҳаққиқони соҳа муътақиданд, ки дар шароити муосир интернет абзорест, ки гурӯҳҳои террористию ифротгаро онро барои мақсадҳои мухталифи нопоки худ истифода мекунанд. Бо истинод ба пажӯҳишҳои олимони ватаниву хориҷии соҳа, дар мақола ҷанбаҳои ба ҳам таъсирбахши шабакаҳои иҷтимоӣ ва амалҳои террористиву ифротгароӣ ошкор карда шуда, роҳҳои муқовимат ба онҳо пешниҳод гардидаанд.*

**Калидвожаҳо:** *воситаҳои ахбори оммаи электронӣ, терроризм, ифротгароӣ, амали террористӣ, фазои маҷозӣ, интернет.*

## ПОДРЫВНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ЭКСТРЕМИСТСКИХ И ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ГРУПП В ВИРТУАЛЬНОМ ПРОСТРАНСТВЕ И ПУТИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЕЙ

**ШОРАДЖАБОВ А.А.**
*Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*

*В данной статье рассматриваются проблемы использования интернета в экстремистских и террористических целях. По мнению автора, исследователи данной области убеждены в том, что в настоящее время интернет превратился в инструмент, которым пользуются террористические группы для реализации своих преступных замыслов. На основании научных работ отечественных и зарубежных исследователей, в статье раскрыты аспекты взаимовлияния социальных сетей и террористическо-экстремистских деяний, а также предложены пути противодействия им.*

**Ключевые слова:** *электронные средства массовой информации, терроризм, экстремизм, террористический акт, виртуальное пространство, интернет.*

## UNDERMINING ACTIVITIES OF EXTREMIST AND TERRORIST GROUPS IN VIRTUAL SPACE AND THE WAY OF COUNTERING IT

**SHORAJABOV A.A.**
*Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*The article considers the problem of using Internet in extremist and terrorist goals. In author's opinion, the investigators of this sphere convict that nowadays Internet changed into instrument, which use by terrorist groups for realization of their criminal plans. On the basis of scientific works of home and foreign researchers, in the article shows the aspects of mitualinfluence of social nets and terrorist – extremist acts, and also proposed the ways of countering them.*

**Key words:** *electronic mass media, terrorism, extremism, terroristic act, virtual space, Internet.*

Тӯли солҳои охир дар ҷаҳон технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) бо суръати хеле баланд рушд карда истодаанд. Агар аз як тараф ин тамоюл баҳри ҳалли як қатор масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ имконият фароҳам оварда бошад, аз тарафи дигар дар фазои иттилоотии ҷомеа таҳдиду хатарҳои наверо ба вуҷуд овардааст.

Табиист, ки ҳар як дастоварди ҷомеа метавонад ҳам ба фоида ва ҳам бар зарари инсоният истифода гардад. Чунин воқеиятро дар мисоли васоити ахбори электронӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Албатта, шабакаҳои иҷтимоӣ барои таъмин намудани иртиботи одамон, иттилоотонии ҷомеа, пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти иттилоотии табақаҳои гуногуни ҷомеа хизмат менамояд. Мутаассифона, шабакаҳои интернетиро як қатор

кишварҳои манфиатдор, неруҳои тахрибкор, созмонҳои экстремистӣ – террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноку манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии хеш низ истифода мебаранд.

Имрузҳо дар фазои маҷозии интернет, бахусус дар шабакаҳои иҷтимоӣ пешбурди ҷангҳои иттилоотӣ, тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ, тундгароӣ ва террористӣ, паҳн намудани иттилооти бардуруғ, иғвоангезӣ ва таъсиррасонии психологӣ ба афкори ҷамъиятӣ хеле зиёд гардидаанд. Чунин фаъолнокии иттилоотиро дар рафтору амали экстремистон ва террористон бештар мушоҳида намудан мумкин аст. Ба ибораи дигар, айни замон созмонҳои экстремистию террористӣ имкониятҳои иттилоотии шабакаҳои иҷтимоиро барои тарғибу ташвиқи ғояҳои радикалистии худ ба таври васеъ истифода намуда истодаанд. Мутаассифона, дар натиҷаи тавсеаи миқёси чунин тарғибот як зумра наврасону ҷавонони ноогоҳ фирефтаи андешаҳои муғризонаи чунин созмонҳо гардида, ба доми онҳо меафтанд ва дар сафи экстремистону террористон қарор мегиранд.

Мулоқот тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сарҳад надорад, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ барои наврасоне, ки аз 12 то 18 солаанду ҷаҳонбинии илмӣ, динӣ ва сиёсиашон онқадар мустаҳкам нест, пешбинӣ нашудааст. Кунҷковӣ, ё ин ки пахши як тугмача метавонад ҷавонро ба ягон гурӯҳ, ҷамъият ворид созад, ки хусусияти манфӣ, зуроварӣ ё ҳадафи экстремистӣ ва террористӣ дорад. Ҷавони дар назди экран қарор дошта, аксаран қобилияти дарки мақсади аниқи онро надошта, метавонад ба осонӣ ба ақидаи носанҷида, носаҳеҳ ва бемантиқу пуч бовар намояд ва ё ба он ҷараён пайравӣ кунад. Мутахассисон муайян намудаанд, ки шахси дар сомонаи иҷтимоӣ коркунанда дар як рӯз на камтар аз 70 видеоролик, 150 сурати гуногун ва бо 30 – 40 нафар дар мулоқот буда, то 7 – 8 соати вақташро ба ҳисоби камтарин дар назди экрани телефон мегузаронад. Яъне на барои хондани дарсҳо ва ё кори дигаре, балки аз рӯи одати пайдокарда, ки барои наврас ин ҷолибтар аз дарси назариявии омӯзгор ва насиҳати падару модар мебошад.

Таъсири бади шабакаҳои иҷтимоӣ аз тарафи олимону коршиносони гуногун исбот шудааст, аммо то ба имрӯз истифодаи он бо суръати баланд идома дорад. Ба ақидаи олимон ин раванд ба руҳияи ҷавонону наврасон таъсир гузошта, хотираи онҳоро заиф гардонида, дар ниҳоят ба бепарвоию депрессия (рӯҳафтодагӣ) оварда мерасонад.

Дар шароити муосир мушкилоти алоқаманд бо воситаҳои ахбори омма ва мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ мубрам маҳсуб ёфта, аз ҷониби муҳаққиқони зиёд мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар мавриди нақши воситаҳои электронии ахбори омма (ВЭАО) дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ дар Тоҷикистон тадқиқоти алоҳидае анҷом наёфта бошад ҳам, аммо масъалаҳои ВАО ва сиёсат аз ҷониби муҳаққиқон С.С. Ятимов, Г.Н. Зокиров, Х.К.Хушбахтзода, И. Усмонов, Д. Давронов, Д.М.Сайдалиев, Н.Қаршибоев, З.Абдуллоева, А.Раҳнамо, М.Р.Камолова, Ш.Сойибзода ва Якубов Ҷ.К. мавриди баррасӣ ва омӯзиши амиқ қарор дода шудаанд [13, 9, 11, 10, 2, 1, 4, 5, 12].

Дар ин самт нақши муҳаққиқони ғарбӣ низ назаррас мебошад. Муҳаққиқон М. Креншоу, А.Кидд, Б.Волтер, Ҷ.Вейман, С.Винн, Делли Карпинӣ, Б.Виллиамз, С.Чермак, Ҷ.Груенволд ва дигарон ба масъалаҳои алоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии васоити ахбори омма ва терроризму ифротгароӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд [9].

Муҳаққиқони рус низ масъалаи воситаҳои ахбори омма ва терроризму ифротгароиро мавриди омӯзиши васеъ қарор додаанд. Хусусан дар ин самт нақши муҳаққиқон И.Хлебников ва С.И.Грачев назаррас буда, пажуҳишҳои худро ба масъалаи муносибати дуҷонибаи иттилооту терроризм ва нақши ВАО дар мубориза бо ин падидаи номатлуб бахшидаанд [9, 9].

Объекти тадқиқи мақолаи мазкур масъалаи истифодаи интернет ҳамчун ВЭАО аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ ва ифротгаро мебошад. Мавриди тазаккур аст, ки дар шароити имрӯза яке аз ҷиҳатҳои мушкилоти муносибати ВАО ва терроризму ифротгароиро истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсионӣ, хусусан интернет аз ҷониби чунин гурӯҳҳо ташкил медиҳад. Масъалаи ҳузури созмонҳои террористӣ ва

ифротгаро дар фазои маҷозӣ даҳсолаҳои охир пас аз зуҳури интернет ба миён омад. Соли 1998 нисфи созмонҳои террористие, ки чун «Созмонҳои террористии байналхалқӣ» дар сиёсати зиддитеррористии ИМА ба ҳисоб мерафтанд, дорои сомонаҳои интернетии худ буданд ва танҳо пас аз соли 2000-ум қариб аксари гурӯҳҳои террористӣ-экстремистӣ фаъолияти ташвиқотӣ тарғиботии худро тавассути Интернет роҳандозӣ намуданд. Солҳои 2003 – 2004 садҳо сомонаи интернетӣ барои террористон ва ҷонибдорони онҳо хизмат мекарданд [11].

Ба ҳузури рӯзафзуни гурӯҳҳои террористӣ ва тундгаро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нигоҳ накарда, сиёсатмадорон, рӯзноманигорон ва муҳаққиқон бештар ба масъалаҳои алоқаи терроризм ва интернет, кибертерроризм ва ҷанги иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ҳам, вале диққати зарурӣ ба шуморае, ки ҳамарӯза гурӯҳҳои террористию экстремистӣ аз васоити электронии ахбори омма истифода мекунанд, дода намешавад. Чунин мушоҳида мегардад, ки фаъолияти таблиғотии гурӯҳҳои террористӣ ва ифротӣ дар интернет рӯз аз рӯз меафзояд ва мустаҳкам мешавад.

Паҳн гардидани шабакаи интернет, ки ба таври фаъол аз тарафи тамоми одамон аз худ карда мешавад, як қатор мушкилиҳоро дар самти назорати ташвиқоту тарғиботи афкори иртиҷоӣ ба миён меорад. Қайд намудан зарур аст, ки дар натиҷаи мавҷуд набудани шавқу рағбат ба сиёсат, ба худшиносии миллии одамон, аз он ҷумла ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад. Воситаҳои электронии ахбори омма дар айни замон дар ташаккулёбӣ, амалигардӣ ва эҳёи шуури ҷамъиятӣ нақши бузург дорад.

Донишманд доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор С.С. Ятимов дуруст қайд карданд, ки «Барои муваффақона роҳандозӣ кардани нақшаҳои муайян, рақибони геополитикӣ тарафҳо, структураҳо, дараҷаҳо, гуногунии типологӣ, соҳа, шакл, вазъият, раванди шаклгирии шуури муқаррариро ба инобат мегиранд. Дар самтгирии он бевосита ва бавосита таъсир мерасонанд» [13].

Терроризм дар васоити ахбори электронӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ падидаи динамикӣ ва рушдёбанда аст: сомонаҳо ногаҳон зуҳур мекунанд, тез-тез шаклашонро иваз мекунанд ва ногаҳон ғайб мезананд, ё худ дар аксари ҳолат бо иваз намудани суроғаи маҷозии худ ба дигар суроғаи маҷозӣ бо муҳтавои пешинаи худ мегузаранд.

Интернет дар шароити имрӯза чун абзори муҳимми пайванд ва иттилоотрасонӣ таваҷҷуҳи васеи ташкилоту созмонҳои террористӣ ва ифротгароро ба худ кашидааст, то бо аъзоён, пайравон ва тарафдорони худ дар алоқа қарор гирифта бошанд. Айни замон ҳамаи созмонҳои террористӣ ва тундгаро ба таври васеъ аз сомонаҳои иҷтимоӣ истифода мекунанд. Онҳо тавассути интернет ҷанги равонӣ мебаранд, иттилоот ҷамъ меоваранд, омӯзиш медиҳанд, кӯмаки молӣ меҷӯянд ва меситонанд, тарғибот мебаранд ва дигаронро ба фаъолияташон ҷалб месозанд, шабака месозанду нақша мекашанд ва ҳатто амалҳои террористиро ҳамоҳангсозӣ мекунанд.

Бо табиат ва хусусиятҳои худ ВЭАО аз чанд ҷиҳат барои фаъолияти созмонҳои террористӣ фазои мусоид буда, барои гурӯҳҳои террористӣ ва тундгаро чунин имкониятҳо медиҳад:

- дастрасии осон;
- набудани идоранамоӣ ё идораи маҳдуд, сензура ё дигар навъҳои назорати давлатӣ;
- муштариёни зиёд дар тамоми ҷаҳон;
- пӯшида будани ҳама гуна иртиботот;
- ҷоришавии босуръати иттилоот;
- ҳузур ва таъминоти арзон;
- муҳити мултимедӣ (имкони фарогири матн, графика, аудио ва видео, имкони истифодабарандагон барои гирифтани нусхаи электронии кинофилмҳо, сурудҳо, китобҳо, постерҳо, баромадҳо, нашидҳо ва ғ.);
- имконияти шаклдиҳӣ ва фарогирӣ дар ВАО – и анъанавӣ, ки интернетро чун манбаи иттилоот истифода мекунанд.

Ҳоло қариб аксари ташкилоту созмонҳои ҳои террористӣ дорои як ва ё якчанд сомонаҳои интернетӣ буда, ҳатто баъзеашон онҳоро бо забонҳои гуногун тартиб додаанд.

Барои дарки истифодаи гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро аз интернет ба якчанд ҷиҳатҳои ҳузури ин гурӯҳҳо дар интернет аҳамият медиҳем.

Аввалан дар муҳтавои сомонаҳои террористӣ таърихи ташкилотҳо, фаъолиятҳои онҳо, заминаи сиёсӣ ва иҷтимоии ташкилот, корҳои анҷомдода, тарҷумаи ҳоли роҳбарон (лидерон), иттилоот дар бораи мақсадҳои сиёсӣ ва идеологӣ, танқиди ҳарифон ва хабарҳои рӯз пахш мегардад. Созмонҳои миллигаро ва ҷудоихоҳ харитаҳои ҳудудҳои баҳсиро пешниҳод мекунанд. Аслан аксарияти гурӯҳҳои террористӣ ба хотири тарғиботу ташвиқот ва пайдо кардани нуфуз дар миёни аҳолӣ аз паёмадҳои фаъолияти хушунатбори худ дар сомонаҳои интернетиашон маълумот паҳн мекунанд.

Дар баробари ин, имрӯз интернет барои экстремистону террористон дар доираи идеологӣ ва дар сатҳи ҷаҳонӣ имкониятҳои бузург фароҳам меорад. Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ амалиётҳои террористие ташкил карда мешаванд, ки худи террористон дар макони содиршавии он (кишвар, мамлакат) ҳузур надоранд. Ҳамин тариқ, ба шарофати Интернет терроризм ба территорияи бемаҳдуд ворид шуда, боиси зуҳури терроризми трансмиллӣ мегардад.

Ҷиҳати дигари истифодаи интернет аз ҷониби гурӯҳҳои террористию ифротгаро ба роҳ мондани ҷанги равонӣ (психологӣ) тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар чунин ҳолат, худи мафҳуми терроризм чун шакли бурдани ҷанги равонӣ фаҳмида мешавад, ки албатта террористон мехоҳанд аз чунин имкониятҳои васеи интернет дар фаъолияти тахрибиашон истифода кунанд. Роҳҳои мухталифи истифодаи интернет аз ҷониби террористон дар фаъолияти душманонаашон ба мушоҳида мерасад. Чунончи, онҳо метавонанд интернетро барои пахш ва паҳн кардани хабари бардурӯғ ва даҳшатафканӣ истифода намоянд, ё сабту наворҳои даҳшатборро ба ҳадафҳояшон, бахусус ҷомеаи тарафи муқобили худ расонида бошанд. Террористон, ҳамчунин метавонанд бо истифода аз интернет ҳамлаҳои кибертеррористӣ намоянд ё мардумро бо истифода аз кибертерроризм тарс диҳанд. Чунин имконияти шабакаи интернет ҳатто ба гурӯҳҳои хурд ҳам имкон медиҳад, ки миқёси паёмҳои худро бузург ва хатари худро барзиёд нишон диҳанд.

То ба имрӯз ташкилоти байналмилалии террористии «Ал – Қоида» аз таблиғи мултимедӣ васеъ истифода мебарад ва ҷанги равонии худро идома мебахшад. Барои мисол, Усома ибни Лодан ва пайравони ӯ таблиғи худро бештар дар интернет мутамарказ месохтанд ва иттилооти худро тавассути сабтҳои аудиоию видеоӣ ва хабарномаҳо ба муштариён мерасониданд. Пас аз ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 ин созмони террористӣ дар сомонаҳои худ хабарҳоеро дар мавриди «ҳамлаҳои бузург»-и дигар ба хоки ИМА пахш намуд. Ин маводҳо фарогирии васеъ дар васоити ахбори умум дошт, ки эҳсоси ноамниро миёни шаҳрвандони ИМА ба вуҷуд овард.

Солҳои охир ташкилоти байналмилалии террористии «Давлати исломӣ» низ тавассути интернет фаъолияти худро васеъ намуда, бо истифода аз ин восита ҷангҳои иттилоотиро пеш мебарад.

Ҳамин тавр метавон хулоса кард, ки дар шароити имрӯза созмонҳои террористӣ ва ифротгаро аз интернет ба таври васеъ истифода мекунанд, аз ин рӯ дар муқовимат бар зидди ин падидаҳо зарур аст, ки ба ин ҷиҳати масъала бештару амиқтар таваҷҷуҳ дода шавад.

Якум, сиёсати зиддитеррористӣ ва зиддиифротии имрӯза ба он равона шудааст, ки таъсири созмонҳои террористӣ ва ифротӣ дар шабакаи интернет паст шавад ва ё таъсири маҷозии онҳо пешгирӣ гардад. Дар ин самт истифода аз васоити электронии ахбори омма низ имконпазир аст.

Дуввум, воситаҳои электронии ахбори омма бо баррасии масъала ва огоҳонидани мардум аз ҳолати ҷойдошта метавонад шаҳрвандон ва хусусан, ҷавононро аз афтодан ба

доми созмонҳои террористӣ ва ифротгаро дар фазои маҷозӣ боз доранд. Дар ин самт нақши воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ ва ҳам муосир (ВЭАО) метавонад калон бошад. Матбуот тавассути маводҳои нашрӣ ва телевизиону радио тавассути барномаҳои алоҳида имкони васеъ доранд, ки мардумро аз мавҷудияти домгузориҳои созмонҳои террористӣ ва ифротгаро дар шабакаи интернет огоҳ намоянд. Барои пешниҳоди чунин маводҳои таҳлилӣ ва иттилоотӣ пеш аз ҳама, зарур аст, ки тавассути рӯзноманигории таҳқиқотӣ мушкилоти мавҷудияти созмонҳои террористӣ ва ифротгароро дар фазои маҷозӣ ошкор намоянд, ба ҷиҳатҳои мухталифи ин масъала равшанӣ бахшанд то маводҳояшон боварибахш ва таъсирнок бошад. Бо маводҳои худ онҳо исбот карда тавонанд, ки созмонҳои террористӣ ва ифротгарой дар фазои маҷозӣ ҳақиқати ҳолро намегӯянд ва маводҳои таблиғии чунин созмонҳо дар интернет танҳо барои фиреби муштариён нигаронида шудааст.

Саввум, воситаҳои ахбори оммаро зарур аст, ки фарҳанги дурусти истифодабарии иттилоотро миёни мардум тарғиб намуда бошанд. Зеро чунин ба назар мерасад, ки аксари ҷавонон дар шароити имрӯза аз надоштани фарҳанги дурусти истифодаи иттилоот ба доми ҳар гуна созмонҳои террористиву ифротгарой дар шабакаи маҷозӣ меафтанд. Воситаҳои ахбори омма чунин маводҳои таҳлиливу тарбиявиеро ба муштариён пешниҳод кунанд, ки онҳо тавонанд дар интихоби иттилоот ва баҳогузории он дучори иштибоҳ нашаванд. Дар шароити имрӯза моро зарур аст, ки бо истифода аз васоити ахбори омма, аз ҷумла ВЭАО, шаҳрвандони огоҳу зиракро тарбият намоем, ки дар фазои интернет хубу бадро аз ҳам ҷудо карда тавонанд ва аз имкониятҳои ин шабака барои рушди касбияшон истифода намоянд.

Чаҳорум, барои маҳдуд намудани таъсири созмонҳои террористӣ ва ифротӣ ба шуури мардум дар фазои маҷозӣ воситаҳои ахбори оммаро зарур аст, ки диққати муштариёнро бо маводҳои хуб ва шавқовар ба худ ҷалб намоянд. Гуногунӣ ва шавқоварии маводҳои ВАО метавонад таваҷҷуҳи мардумро ба худ зиёд карда, онҳоро аз гирифторӣ ба доми ифротгароён боздорад.

Панҷум, воситаҳои ахбори омма ҳамчунин бо беарзиш намудани тарғибу ташвиқоти созмонҳои террористӣ ва ифротгарой дар интернет метавонанд шаҳрвандонро аз шарри онҳо дар фазои маҷозӣ эмин нигоҳ доранд. Хусусан, бо нишон додани симои воқеии созмонҳои террористӣ ва ифротгаро, ба самъи мардум расонидани паёмадҳои ногувору зиддимиллии амалҳои тахрибкорона ва ниятҳои шуми онҳо дар оянда метавон таъсири мафкуравию ғорявии чунин созмонҳоро дар фазои маҷозӣ паст намуд.

Шашум, дар шароити имрӯза зарурати истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма аз ҷониби субъектҳои бевосита бар зидди терроризм ва ифротгарой муқовиматкунанда ҷой дорад. Онҳоро зарур аст, ки аз ҳолати кунунии масъала пурра огоҳӣ дошта, рушди технологиро пайгирӣ карда тавонанд ва аз зарфиятҳои технологию барномасозии муосир васеъ истифода намоянд. Дар ин самт мебояд, ки субъектҳои муқовиматкунанда алайҳи терроризм ва ифротгарой гурӯҳҳои хоссаи барномарезӣ ва ковишии худро дошта бошанд, то матнҳо ва сомонаҳои муҳтавои террористӣ ва ифротӣ доштаро сари вақт ошкору пайгирӣ созанд.

Ҳафтум, зарур аст, ки дар сатҳи давлатӣ гурӯҳи мутахассисони барномасозӣ ба хотири ҳимоят аз ҳуҷуми ҳар гуна кибертеррористон ташкил ва ба роҳ монда шавад, то тавонанд системаҳои электронии кишварро аз ҳар гуна таҳдидҳои гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгарой ҳимоя намоянд. Дар шароити кунунӣ моро зарур аст, ки чеҳраи манфури созмонҳои террористӣ ва ифротгароиро дар фазои маҷозӣ ошкор намоем ва шаҳрвандони кишварро аз шарри онҳо эмин нигаҳ дошта бошем.

## АДАБИЁТ:


1. Абдуллоева З. Нақши васоити ахбори омма дар ташаккули афкор ва ахлоқи ҷавонон // Маҷаллаи илмии Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. №1(44), Душанбе, 2015. – С. 111-117.
2. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010.
3. Искандаров Н ва дигарон "Ҷаҳонбинии дунявӣ ва мушкилоти ифротгароии динӣ", Душанбе-2023 с;
4. Камолова М.Р. Экстремизм ва терроризм: мушкилот ва дурнамои мубориза бо онҳо // Маҷаллаи илмии Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. № 3 (46), - Душанбе, 2015, - С. 36 – 46
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», ш. Душанбе, 10 майи соли 2002, №55;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, №1808.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», ш.Душанбе, 2 январи соли 2020, №1655;
8. Матбуот метавонад сокинонро аз ифротгароӣ боздорад?, санаи муроҷиат 15.11.2025, Суроғаи дастрасӣ.: http://www.ozodagon.com/index.php?newsid=29806
9. Сойибзода Ш. «Тамоюлҳои рушди муқовиматҳои иттилоотӣ дар ҷаҳони муосир». Душанбе, 2025. С.12
10. Усмонов И. Қонунҳои Тоҷикистон дар бораи воситаҳои ахбори омма. Душанбе, 2003.
11. Хлебников И. «Информация и терроризм», санаи муроҷиат 20.10.2025, Суроғаи дастрасӣ, http://www.novsu.ru/npe/files/um/1412/bg/shell/arh/stat/staty;
12. Хушвахтзода К.Х. «Хавфу хатари экстремизм ва терроризм дар фазои иттилоотии ҷомеа// Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022)». ДМТ, 2022с.
13. Ятимов С.С. Илм ва Амният. – Душанбе, «Ганҷ нашриёт». 192 с.

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

### Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи тадқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси мураббаъ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) навишта шаванд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

# ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

**Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:**

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению в следующих этапах не выносятся и не публикуются.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14 см, поля – 2,5 см, а расстояние между текстами – 1,5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотацию.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановления Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и её конкретной страницы, следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть, литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи необходимо пронумеровать и указать поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 наименований и не более 25 названий научной литературы). Список используемой литературы следует подготовить на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трёх языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объёме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи предлагается указать сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), учёная степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

## ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

### Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№4 (14), 2025**

Нашриёти «Меҳвар»-и
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Сомонаи маҷалла: https://ilm-va-amniyat.tj
Почтаи электронӣ: maktabi_oli24@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Андозаи 60x84 1/8. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Адади нашр: 150 нусха. Ҷузъи чопии нашрӣ 13,5. ҷузъи чопии шартӣ 13.
Барои чоп 26.12.2025 имзо шудааст. Фармоиши №12